

**Ҳоҷӣ Қаландар Садриддинзода**

# САБЗИШ, ЛАҒЖИШ ВА ПЕШРАФТ

«сабзиш, лағжиш ва пешрафт» ба мавзуъҳои мухталиф, аз қабили ҷунбишу ҳаракатҳои озодихоҳона, фоҷеаҳои қаламрави Бухоро, таъсиси ҲНИТ дар рӯзгори ҳукмронии Иттиҳоди Шӯравӣ, ҷамъи ҷавонони шефтаи Ислом ва интишори он дар миёни ҷомеа мусаббат аст. Дар китоб ахбори таърихии ҷолибе роҷеъ ба авзои сиёсии садаҳои XIXXX, билхусус бархӯрд миёни гурӯҳҳои мухталифи як ҷомеа, нақши шахсиятҳои рӯҳонӣ дар созишу ба роҳ мондани авзои бӯҳронии ҷомеаи он рӯз, ки аз маълумотҳои аввалияи таърихӣ маҳсуб мешаванд, гирд омадаанд. Чӣ чизҳо омил шуд, ки ҳаракати Наҳзати ҷавонони мусулмон дар Тоҷикистон аз ҳастии худ огоҳӣ дод? Арзишҳои ин ҳаракат ба ҷомеа чӣ буд? Аз ҳама умдатарини онҳо: 1) Тавонист, ки бидъат ва хурофотро баршикаста кунад. 2) Бо кӯшиши ин ҳаракат дарсгӯӣ ва исломшиносӣ, маърифатпарварӣ чунон ба суръат пеш рафт, ки дар давоми ҳабдаҳ сол ҷойи холигии панҷоҳ соли

рукуди сиёҳро барқарор намуд. 3) Уламои кироми исломиро номуси динӣ ва имониашон бедор гашта, ба амри маъруфи ошкоро шуруъ намуданд. Ҳамчунон масъалаи дигар аз ҳиҷрати раёсати олии ҲНИТ бо оммаи мардуми минтақаи ҷануб ба шимоли Афғонистон ва раванди музокироти ҷонибайн, то вафоти Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, аз нигоҳи нигоранда пешниҳоди хонанда мегардад.
Ниҳоят яке аз беҳтарин меҳвари аслӣ барои гиромидошт ва таҷлили «Чиҳилсолагии ҲНИТ» дониста шуда, барои дӯстдорону мухлисони Ислом ва аъзоёну роғибони ҲНИТ пешбинӣ шудааст.

## ПЕШГУФТОР

Ҳамду сано Худовандро, ки моро аз беҳтарини уммат офарид ва даруду салом ба равони поки беҳтарини расулон ва олимтарини халқ Муҳаммади Мустафо (с) бод, ки Худованд тавассути ӯ мардумро аз залолат ва гумроҳӣ ҳидоят намуд ва аз гумроҳии мутлақ наҷот дод. Расуле, ки дар рушду нумӯ тибқи ин ояти карима мардумро таблиғ намуд:
**«Эй касоне, ки имон овардаед, оё шуморо ба тиҷорате, ки аз азоби дардовар раҳоиятон диҳад, роҳ бинамоям?. Ба Худову паёмбараш имон биёваред ва дар роҳи Худо бо молу ҷони хеш ҷиҳод кунед. Ин барои шумо беҳтар аст, агар доно бошед**" (сураи «Саф», оятҳои 1011)
Қуръони маҷид меҳвари ташаккули фарҳанг ва тамаддуни бузурги исломӣ ва маркази рӯҳӣ ва шукуҳу азамати уммат ба шумор меравад. Ба нақши мардони бузурге, ки мактаби ваҳй ва парваришгоҳи рисолат рӯҳи наҷобат, нерӯи ирода ва нобиғаи фитририро дар шахсияти онҳо ба камол расонид, дар нашри арзишҳои башарӣ ва таҳкими пояҳои тамаддуни азими исломӣ бисёр муҳим ва сарнавиштсоз мебошанд. Даруду салом бар хулафои рошидин, саҳобагони Паёмбари акрам (с), ки дар рушду такомули дини Илоҳӣ камари ҳиммат бастанд ва онро ба дуртарин нукоти олам чун армуғон расониданд. Ҳамеша дар роҳи Худованд ва Расули гиромии ӯ, мустақим ва устувор қадам ниҳоданд. Даъваташонро холис ва бидуни риё барои ризои Аллоҳ бе каму кост расониданд. Мо худро мадюни ин абармардон бояд бидонем. Пас аз он ахтарон инчунин бисёр касон буданд, ки дар таърихи гузашта ва имрӯза барои дифоъ ва азамати Ислом мол додаанд, Худованд онҳоро

ду аҷр дод, то дар ин дунё молашон дучанд ва инчунин мукофоти охират ба даст оваранд. Тамаддуни боазамати Ислом дар замони шукуҳу иқтидори мусалмонон, ки ба давраи зиндагонии Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ, яке аз машҳууртарин уламои ҳадис ба шумор меравад, мутобиқ ва инчунин пас аз ӯ низ рост меомад, дар ҳаёти фарҳангӣ ва иҷтимоии аврупоиён то ҷойе таъсир гузошта буд, ки ҳама чизи мусалмонон барои онҳо сармашқи зиндагӣ шуда буд. Аз улуми тиббии Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино, гиёҳшиносӣ, ситорашиносӣ ва китобҳо ва таълифоти донишмандони исломӣ дар риштаҳои гуногуни улум, ки аз қарнҳои ёздаҳуми мелодӣ ба баъд ба забонҳои лотинӣ ва дигар забонҳои аврупоӣ тарҷума гардида, дар тамоми қишрҳои ҳаёти мардумӣ хело таъсири худро гузоштанд. Тамаддуни исломӣ дар қаламрави Бухоро дурахшид. Бухоро дар ин тамаддун ҷойгоҳи хосе дошт, тавре мо, тоҷикон, пойгоҳи тамаддуни кишварҳоямонро Бағдод, Қоҳира, Истанбул мешинохтем, бояд бидонем, ки Бухоро қиблагоҳи донишмандони ин шаҳрҳо будааст, ҷойе, ки дар он тамаддуни исломӣ дар рӯзгори дароз, то нимаи садаи нуздаҳуми мелодӣ кашида шуд. Аз ҳама сулолаи мутамаддин ва бофарҳанги маърифати исломии тоҷикӣ сулолаи Сомониён буд, ки қаламраваш сарзаминҳои Ироқу Эрон, Сиистон, Балуҷистон, Пешовар то Қошғару Хутан ва Уралро дар бар гирифта буд. Ёздаҳ нафар аз сулолаи Сомониён ба ҷойгоҳи подшоҳӣ расида, ҳукмрониашон 180 сол давом кард. Дар таърихи амораташон ҳамаи онҳоро амири раҳим ном мебурданд. Ба нагирифтани ришва ва нахӯрдани моли ғасбшуда ном баровarда буданд ва то нимаи қарни нуздаҳи мелодӣ, сарфи назар аз миллату нажод, дар таҳти идора ва равиши сулолаи Сомониёни тоҷик буд. Дар Бухоро нуҳ сулола гузашт, ки Худованд ба ҳамаи онҳо фармонравоии муайяне дода боз аз дасташон гирифт ва барои дароз кардани ҳукмрониашон ягон чорае андешида натавонистанд:

1. Сомониён ( 8741005 ).
2. Ғазнавиён (9611186)
3. Хоразмшоҳиён (10971220)
4. Муғулон (12061370)
5. Темуриён (1370 1405)
6. Шайбониён (1500—1598)
7. Аштархониён (1599 1753)
8. Манғитиён (17531920)

9. Русҳо (18741991).

То ҳамин сана ҳукуматашон ба поён расид. Дар ҳамин 9 сулола 7 сулолааш худро мудофеи дини Ислом, пайрави Набии карим Муҳаммад (с) медонистанд. Бо омадани Чингизхон, ки як куштори ҳавлноки башариро ба роҳ андохт, садсола рущди Исломро коҳиш дод, аммо дар нимаи асри XIV ҳама бозмондагонаш имон оварда, Исломро пазируфтанд ва ҳазорҳо олими Ислом таҳти ҳукуматашон рущд ёфт. Зери ҳукумати русҳо то охири асри XIX авзоъ каме ором буд. Аз нимаи аввали асри XX, баъд аз ба сари ҳокимият омадани Сталин, ки худ миллаташ гурҷӣ буд, чунон кушторҳои ҳавлноки дастаҷамъӣ ба роҳ андохта, ба фарҳангу тамаддуни исломӣ дар мамолики Бухорои Шариф зарба зад, ки ҳазорон уламои дину фарҳангро бо фаҷеътарин шева ё ба қатл расонид ва ё зинда зери хок намуд.

***Бикуштанд ончунон арбоби дин,***
***Шикастанд меҳробу масҷид ба кин.***

***Масоҷид тиҳӣ гашт, минбар хароб,***
***Муаллим хӯрад хун, мунофиқ шароб.***

***Нишоне зи дину зи миллат намонд,***
***Баёне зи асҳоби ваҳдат намонд.***

***Ҷилои ватан гашт устоди дин,***
***Парешон бишуд аҳлу асҳоби дин.***

***Яке растахез омад ба ҷӯш,***
***Малик зор ҳасту фурӯ рафта ҳуш,***

***Танӯри ҳаводис нафас дар кашид,***
***Зи хун мавҷи тӯфон заду даркашид.***

***Муаззин ба ҳангоми бонги намоз,***
***Ба чашмони пур аз ашку рӯйи ниёз.***

***Ба масҷид нигоҳ кард вайрона дид,***

*Калисову куништу бутхона дид.*

*Ғарибони Ислом имон заъам,*
*Шуданд дар раҳи дини Аҳмад адам.*

То он ҷо фоҷеаи башарӣ ва динӣ дар қаламрави Бухоро ба роҳ андохтанд, ки исми Аллоҳро касе ба забон мегирифт, аз ҷисму ҷонаш метарсид. Баъди марги Сталин ҳукумати Иттиҳоди Шӯравӣ дар нимаи қарни XX мелодӣ каме ором гардид ва тайи ҳаждаҳ соли ҳукмронии Брежнев аз ҷиҳати иҷтимоӣ даврони тиллогине гузаронид, лекин аз ҷиҳати динӣ ҳамоно тезутунд боқӣ буд. Аммо ҳуҷум ба Афғонистон боиси шикасти давлати абарқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ гардид ва обрӯяшро аз даст дод. Ба туфайли сари қудрат омадани Михаил Горбачёв ҳама халқу миллатҳо озод гардиданд. Аз ҷумла, Ҳаракати наҳзати исломии Тоҷикистон дар гузашти ҳабдаҳ сол чунон рушду нумуъ ёфт, ки ҳамаро дар шигифт овард. Тибқи барномае ки дошт, тамоми бидъату хурофотҳое, ки дар ҷомеа вуҷуд доштанд, рӯ ба завол оварданд, таълиму тарбия ва маърифатпарварие, ки Ҷавонбухориён дар орзуву ҳасраташ ноком гардида буданд, дар умум ба роҳ монданд, суқути уламои вақтро, ки дар давоми сад сол ба хомӯшӣ одат карда, аз тарси ваҳшати гузашта мегуфтанд: "**Амри маъруф ва наҳйи аз мункар аз мо соқит гардидааст**". Ин тарсро аз онҳо дур намуда, ба амри маъруф ва наҳйи аз мункар садояшон баланд гардид. Аъзои қатории ҳизб ба даҳҳо ҳазор расид, ҷонибдорон ва ҳаводорон ба маротиб, ҳатто ба чанд миллион аз рӯйи овозаҳо тахмин зада мешуд. Дар соли 1991 қарни гузашта чангро Русияи шӯравӣ бар зидди ҳаракати исломӣ рӯйи даст гирифт. Дар оғоз ҳамчун ҳизби исломии сиёсӣ онро ба расмият шинохт, аммо баъд ҳамон фитнаеро, ки дар Бухоро дар соли 1909 ба роҳ андохта буд, миёни сunниву шиъа ин тарафро аз он тараф тарсонида, ба ҳар ду тараф силоҳ дод. Барои кӯтоҳ кардани умри ҳукумати амир ва зуд ҳамроҳ шуданаш бо Русия шаҳри Бухороро пур аз хун намуд, ки дар натиҷа 360 кушта аз ду тараф бар ҷой гузошт. Дар соли 1992 ҳамин сенарияро дар Бухорои шарқӣ (яъне Душанбеи кунуниро Бухорои шарқӣ мегуфтанд) ба роҳ андохта, ду майдон ба вуҷуд овард, миёни ду маҳал Марказу Шарқ аз як тараф, Ҷанубу Шимол бо ҳамроҳии ашрофзодагон ва болшевикони тундрав аз тарафи дигар гурӯҳеро таҳрик ба ҷанг мекарданд. Онҳо худ мушоҳида мекарданд, ки дар ҷанг

кӯтоҳӣ мекунанд. 1500 автомат бар зидди исломхоҳон тақсим намуда, тарафи муқобилро ҳам таҳрик карданд, бо пулу бе пул силоҳ доданд, ҷанги шаҳрвандиро чунон босуръат даргиронидаанд, ки аз контрол берун гашт. Якуним миллион одамон ҷойи зисти доимии худро тарк гуфтанд, 200 ҳазораш ба Афғонистон, 500 ҳазор ба марказ, як миллион ба Русия ва давлатҳои муштаракулманофиъ, 27 ҳазор хона ба оташ кашида шуд, 154 ҳазор кушта, 8 миллиард доллар хисороти молӣ ба ҷой гузошт. Алангаи ҷанг қисми шарқӣ ва 1150 километри сарҳадро аз назорат (контрол) берун намуд. Муҷоҳидин бо кӯмаки хайрияи олами Ислом аз як тараф, Русия бо муҷоҳидинаш аз тарафи дигар, тамоми нақшаҳои Русияро бар бод дод. Бо нақша ва миёнаравии Ҷумҳурии Исломии Эрон халъи силоҳи муҷоҳидин сулҳу салоҳро ба бор овард ва як низоми секуларӣ рӯйи кор овард. Аз хонандагон ва пажуҳишгарони таърихи Ислому қаламрави Бухоро ва бузургмардони дин хоҳиш дорам, ки ба ин кори банда ба нияти ҳамкорӣ ва ба диди ҳамандешӣ бинигаранд ва пешниҳодоти созанда ва андешаҳоиислоҳии худро барои беҳтар гардонидани муҳтаво ва мазмуни китоб дар нашрҳои оянда ба мо ирсол доранд. Мо ҳар чизе ки нисбати русҳо дар ин китоб овардем, аз диди гузаштаи таърих гуфтем. Мо аз дидгоҳи имрӯз ба русҳо муносибати дӯстона дорем, ёриҳои иҷтимоии онҳо ба мардум аз ҳама зиёдтар мебошад ва аз тарафи дигар Русия ба мусалмонони дохилаш рафтори дӯстона дорад ва ба онҳо дар корҳои диниашон эҳтиром мегузорад.

Ҳизби Наҳзати Исломи Тоҷикистон дар гузашти 40 сол маҳбубияти худро дар ҷисму ҷони ин мардум ҷой намудааст, такягоҳи мардумӣ дорад. Инҳилоли ӯ суботи ҷомеаро барҳам мезанад. Аз сиёсати хасмона дида дӯстӣ ва меҳрубонӣ ба суди ҳар ду тараф мебошад. ҲНИТ аз таҷрибаҳои гузашта ва имрӯз на ба Русия ва на ба ҳукумати имрӯзаи Тоҷикистон ҷуз дӯстиву оромӣ ягон зиддияте надорад. Рақибон ҳукуматро зери фишор меоранд, то дар муқобили Наҳзат сангар бигирад. Наҳзат як нерӯи тавонои сиёсии ботаҷриба аст ва бархурд бар он ҳамон сенарияи шуми гузашта мебошад, ки моро боз як бори дигар заифу нотавон мегардонад. ҲНИТ нерӯи зеҳнӣ ва ақлониву маънавӣ дар ҳукумати имрӯзаи Тоҷикистон ба шумор меравад. Вақти он расидааст, ки якдигарро дар оғӯш гирифта, барои шукуфоии Ватан ва дину дунёямон кӯшиш намоем.

# НАҲЗАТҲОИ ИСЛОМИИ ОЗОДИХОҲИИ МАРДУМИ МУСАЛМОНИ МОВАРОУННАҲР, АЗ ҶУМЛА ҲНИТ ДАР ҚАЛАМРАВИ БУХОРОИ ШАРИФ.

*(зиёда аз як сада то имрӯз)*

Амир Музаффар (соли 1860–1885 мелодӣ) ақидаҳои равшанфикрӣ ва озодихоҳӣ дошт, алайҳи бедодгариҳои падараш, амир Насруллоҳ (1827—1860) дар шаҳри Бухоро ҳамроҳи рақибони падараш ҳамчун пешво шӯриш бардошт. Баъд аз ба сари ҳокимият омаданаш орзу дошт, ки хатоиҳои падаришро ислоҳ созад. Ислоҳоти низомӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро дар мадди аввал гузошт, лекин русҳо аз пеш мунтазири ин ҳаводис буданд ва ба ӯ дигар фурсат надоданд, ки амир Музаффариддин ин орзуҳояшро амалӣ гардонад. Қаламрави Бухоро он замон ба се давлати хонигарӣ тақсим шуда буд: Хева, Хуқанд, Бухоро. Дар соли 1866 милодӣ русҳо ба шаҳри Хуқанд, маркази хонигарии Хуқанд ҳуҷум оварданд. Қувваи лашкари хуқандиҳо ду рӯз тоби ҷанг наоварда, дарҳам пошид. Наҳзатҳои динӣ ба ташвиқи мударрисон ва толибилмон дар муқобили русҳо ҷангида, ҳафт рӯз аз шаҳр дифоъ намуданд, дуюним ҳазор шаҳид доданд. Дар санаи 2 майи соли 1868 милодӣ русҳо Самарқандро ишғол намуданд. Дар моҳи июни соли 1868 милодӣ дар мавзеи Зербулоқ лашкари Бухоро аз сипоҳи русҳо шикаст хӯрд. Амир Музаффариддин ба шаҳри Кармина гурехт ва писари валиаҳдаш Абдумалики нуздаҳсола ба Бухоро баргашт ва худро соҳиби аморат эълон намуд. Даҳ ҳазор аскар дар фармонаш даромад ва бар зидди падараш ҷанг эълон намуда, роҳи Карминаро пеш гирифт. Амир Музаффар теъдоди каме сарбозони парокандаро дар атрофаш ҷамъ намуд, лекин медонист, ки ба Абдулмалик ғолиб намеояд. Русҳо аз ин кор огоҳӣ ёфтанд ва дар роҳ камин гирифтанд ва ногаҳон лашкари Абдулмаликро зери тӯп қарор доданд ва ба қавли худашон «Душмани санҷида беҳ аст аз дӯсти носанҷида». Абдулмалик чанд сол бо русҳо дар ин ҷой ва он ҷой меҷангид, дигар аз сарнавишташ хабаре нест. Баъд аз ин байни русҳо ва амир Музаффариддин сулҳу осоиш барқарор гардид. Бухорои Шариф дарвозаҳояшро ба рӯйи ҷаҳонгардон боз кард, ҳатто фармонравоии онро масеҳиён ба даст гирифтанд. Калисоҳо ва ибодахонаҳо дар шаҳрҳои Тошканд, Хуҷанд, Хуқанд ва Самарқанд бунёд намуданд ва садои зангӯлаҳои калисоҳо дар баробари садои азони муаззин якҷоя садо медод. Дар рӯзгори мо нуфузи Аврупои масеҳӣ дар ҳама бахшҳои ғарбии қитъаи Осиё рахна кард. Пеш аз ин,

Ислом дар ин бахшҳои дури Осиё медурахшид, то замоне мардумони мусалмон бо усули дастнохӯрдаи покиза Исломро ҳифз карданд, ҳеҷ кас натавонист аз онҳо пешӣ гирад. Барои ҳамин Бухорои Шариф маркази аслии тамаддуни Ислом шуда буд. Мардумони парҳезгору порсо ва мардони дин боихлос аз ҳама сарзаминҳо ба ин ҷо рӯй оварда буданд. Аз лаҳзаҳои муассир дар харитаи сиёсии олам ин буд, ки 14 майи соли 1868 мелодӣ русҳои масеҳӣ ба шаҳри Самарқанд зада даромаданд, ки замоне пойтахти бошукӯҳу муҳташами Амир Темури Соҳибқирон буд, шаҳре, ки дар он гурӯҳе аз мардони номии дин мезистанд, ки номашон дар таърихи Ислом бар сари забонҳост; шаҳре, ки пойгоҳи фарҳанги бостонии исломӣ бар шумор мерафт. Бо шикасти мусалмонон бузургтарин шаҳри бошукӯҳи Мовароуннаҳр Самарқанди бостонӣ аз дасти амирони сулолаи Манғитиён ба дасти хонадони империяи русҳои насронии хонадони Романов афтод.

Нахустин касе, ки ин сарзаминро фатҳ намуд, Искандари Мақдунӣ буд ва вопасини он генерали рус Куфман. Суқути Самарқанд мояи шигифтӣ дар Аврупои масеҳӣ шуд. Аз ин ҷиҳат, ки ба гузашти панҷ қарн ба ғайри мусалмонҳо ҳеҷ касро ба ин шаҳр иҷозати вуруд намедоданд ва сафирони кишварҳои аврупоӣ вақти дохил шудан дар шаҳр аз асп фаромада, сари хам аз майдони Регистон мегузаштанд. Ин вазъи ногувор ва шикасти шармандавор чорае ҷуз бастани қарордоди сулҳи амир Музаффар бо душман намонд, то дар паноҳи русҳо то чанд соли монда аз умраш подшоҳиро нигоҳ дорад.

Шартҳои тарафҳо дар қарордоди сулҳ байни аморати Бухоро ва Русия чунин буд:

1. Ба русҳо иҷоза дода шавад, то бо озодии комил дар ҳама бахшҳои аморат навобаста аз ақоидашон ба тиҷорат бипардозанд, нигоҳдорӣ аз молу амвол ва амнияти онҳоро аморати Бухоро ба уҳда гирад.
2. Ба бозаргонони русӣ иҷоза дода шавад, ки дар ҳама ҷойи аморат намояндагии тиҷоратӣ дошта бошанд.
3. Миқдори андоз бар молҳои воридотии русӣ ба дувуним дар сади арзиши онҳо кам карда шавад.
4. Ба тоҷирони рус, ки мехоҳанд ба кишварҳои ҳамсоя бираванд, иҷозаи гузар бидиҳанд.

Бо ин қарордоди сулҳе, ки амир Музаффар бо империяи Русия баст, душманӣ ва кинаи талхи мардумони мусалмонро ба тарафи худ ҷалб намуд, зеро бо ин ҳама шикасте, ки диданд ва мусибатҳое, ки бар сари

онон омад ва қалъаҳое, ки ба хок яксон карда буданд ва минтақае аз даст доданд, камтарин асаре надошт, ба ҷуз банди аввали ҳамин қарордод. Шайхон ва уламои Бухоро чеҳраи нурониашон табоҳ, рангашон зард гардид, тоқати ин хориро надоштанд, ки як масеҳӣ ё ин ки як ғайри дин дар пеши назарашон ҳар кореро, ки дилаш хоҳад, дар ин ватани мусалмонон бикунад ва ба ӯ касе монеъ шудан натавонад. Уламои исломӣ ҳама салоҳиятҳояшонро аз даст доданд ва ҷаҳони Ислом ба фурӯ афтодани бузургтарин сутуни Ислом, яъне Бухорои Шариф ҳама орзуҳои моро бештар аз як қарн дар торикиву зулмот нигоҳ дошт. Пас аз ин, русҳо ба ҷанги нобудкунандае даст заданд, ки ҳазорон тан аз мардуми ин шаҳрҳоро куштанд. Мардумоне, ки дар шӯришҳои мусаллаҳона паёпай пойдорӣ мекарданд, ки машҳуртарини онҳо дар Қафқоз дар қарни гузашта буд. Пас аз он шӯриш ва ҷангҳои чирикии ҷавонони ғаюри мусалмононро русҳо ҳаракати босмачигарӣ (роҳзанӣ) ном мебурданд ва дар чаҳоряки қарни гузашта ҳазорон нафаре буданд, ки барои наҷоти дину ватанашон ба ғосибони рус дар қаламрави Бухоро размиданд ва иддае аз он родмардон пас аз нокомӣ ба кишварҳои исломӣ ҳиҷрат намуданд1. Дигар дар қаламрави Бухоро таълиму тадриси исломӣ коста гардид. Шаҳрҳои Самарқанд, Тошканд, Хуқанд, Хуҷанд, Ҷиззах, Чимкент ва ғайра дар ҳайати генералгубенатории Русия монданд ва дар ин шаҳрҳо фарҳанг ва тамаддуни русӣ мақом ва густариш пайдо намуд. Шарҳи ин достон дар китоби Туркистон, Тошканд 1956.

## ШӮРИШИ НОКОМ

Муҳимтарин воқеа дар давраи амир Абдулаҳадхон шӯриши худҷӯши мардумӣ дар Шарқи Бухоро – бекигарии Балҷувон бо сарварии Восеъ буд, ки водии Кӯлобро бо ҳаракати мардумӣ ба тарафи худ гардонид, бехабар аз ин ки русҳо аз аморати Бухоро дифоъ мекунанд. Дар соли 1888 мелодӣ шӯриши Восеъ ба дасти русҳо пахш карда шуд ва ӯро ҳамчу сардори шӯриш дар Бухоро ба қатл расониданд.

**Сабзиши фирқаи ҷадидия ҷавонбухориёни Бухоро дар аввали асри 19ум.**

Чӣ чиз муҷиб шуд ки ин фирқа ташаккул ёфт ва чӣ онҳоро ба садама дучор намуд?

Омилҳои сабзиши он дар натиҷаи инқилоби Руссия инқилоби ҷавонтуркон дар Туркияи Усмонӣ ва зери занҷири мустамликаи рус, монеъа шудани пешрафтҳои илму фановарӣ, сатҳи пасти иқтисодӣ ва

иҷтимоӣ, андозҳои аз ҳад зиёд, олуда шудани қозиёт ба ришвадиҳӣ ва ришваситонӣ дар инзибои дипломатӣ нигоҳ доштани аморат, монеа шудан ба навгониҳои макотиб ва мадорис ва ҳаракатҳои ҷоҳталабона ва зулмпеша ва золимонаи маъмурони амир ва кофтукоб кардану олуда кардани элчигари суханчинону ғаддорони рус аз ин тарзи рафтор Аморати Бухоро меларзид, ба ҳамин бедодгариҳои русҳо муқассир буданд. Маромномаи Ҷавонбухориён тақрибан аз ин иборат буд:

1 Дар байни аҳолӣ беилмӣ ва бефикриро нест карда, барои ин баривоҷи мактаби ибтидоӣ кушодани адабиёти нав ва матбуоти ҳаррӯзаро дар миёни мардум паҳн кардан.

2 Ба уламои пасткаш мубориза бурдан, ба ин мақсад разолати уламо ва мадрасаҳоро дар пеши назари мардум кушода додан, бо кушода шудани фикри талабагони мадраса хусусан фарзандони уламо кӯшида, масъалаи ислоҳи мадрасаро пеш бурдан.

3 Зулм ва фасоди арбоби ҳукуматро ба халқ кушода додан, ба ин мақсад муомилаи ҳоким ва қозиҳоро ба халқ, хусусан ба деҳқонон ва фақирони қишлоқ ба халқ фаҳмонидан, ба қадри имкон ҳуқуқи деҳқонони фақир ва зулмдидагонро дифоъ кардан.

4 Исрофҳо ва разилатҳои амир ва аҳли дарборро ба халқ кушода додан, мувофиқи майл ва кайфи худ ба сарф кардани байтулмол ҳақ надоштани амир ва одамони вайро ба халқ фаҳмонидан.

5 Исроф ва бидъатҳои миёни мардумиро барҳам додан, дар одатҳои расм шуда дар тӯй ва азо ба қадри имкон роҳи машруъ пеш гирифтан.

6 Аз миёни аҳолӣ таассубҳои ҷоҳилона, низоъҳои мазҳабӣ, рақобатҳо ва нисбат ба ҳамдигар ифтихор ва калонгариҳоро барҳам додан. (суннӣ ва шиъаро дар назар дорад).

Барои амалӣ гардидани фикрҳои дар боло зикршуда ва тайёр кардани афкори умумии ҷавонон ва ҷавонфақирон гӯё дар байни худ аҳду паймон карда бошанд, мувофиқи барнома ва маромнома кор карда, дар миёни мардум ин фикрҳоро паҳн намуданд. Дар натиҷаи фитнаи шиъаю суннӣ арбоби афкори болоӣ зиёд шуд. Дар сояи интишори ин фикрҳо ба воситаи ҷавонон ва раҳнамоии газетаю маҷаллаҳо ба бисёр касон маълум шуд, ки сабаби ин қадар фасоду фоҷеаҳо, тороҷ ва қатлу ғоратҳо рақобати оммаро таассуб ва ҷаҳолати уламо, зулму фасод ва тарзи идораи нодурусти ҳукумат будааст. Агар аҳвол ба ин минвол давом мекарда бошад, агар доираи давлатӣ ислоҳ ва танзим нагардад,

агар мактабҳои ибтидоӣ зиёд шуда илму дониш дар миёни мардум паҳн нагардад, агар мадрасаҳо ислоҳ нашаванд, ҳаёти илмию иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии Бухоро дар таҳлука аст. Дар натиҷаи ҳамин кушодан фикрӣ дар андак фурсат шиъа бо суннӣ бародар ҳамзист шуданд, чӣ шиъа ва суннӣ, чӣ эронӣ ва тоҷик ҳар як соҳибфикр бо ҳам наздик гардиданд, гӯё ки ба муқобили зулму фасод, фитна, ҷаҳолат ва таассуб, ҷиҳод эълон карданд. Барои ҳамин фитнаву иғвои шуъбаи махфӣ элчихонаи рус низоъи шиъаву сунниро дубора барандохта натавонист. Азбаски барои ба ҳамдигар наздик шудани ин соҳибфикрон дар марҳалаи аввал мактаби усули ҷадида сабаб шуд, дар атрофи мактаб худро муттаҳид гардониданд. Уламо ва арбоби ҳукумат ин фирқаро «Ҷадид» ё «Ҷадидия» номиданд. Азбаски маслаки ин фирқа инкишофу пешрафт ва роҳбаронашон ҷавонон ва ҷавонфикрон буданд, онҳо худро Ҷавонбухориён мисли (ҷавонтуркон) меномиданд.

**Омилҳои ба садама дучор шудани Ҷавонбухориён:**

Дар банди дувуми маромнома бо уламои пасткаш мубориза бурдан. Ҳол он ки уламо дар байни мардум ва арбоби ҳукумат аз нуфузи беандоза бархурдор буданд. Ба онҳо сар ба сар шуда, маънои худкуширо дорад. Банди 3юми маромнома мубориза бар зидди зулм ва фасоди арбоби ҳукумат, бехабар аз ин ки амир дар таҳти ҳимояи Русия буд, амирро ба ислоҳот даъват намудан бе иҷозати низомиёни рус натиҷае ба бор намеовард.

Банди 6уми маромнома таассубҳои ҷоҳилона нисбати суннӣ ва шиъа. Ин низоъ чанд аср ин ҷониб идома дорад. Бузургмардони дин дар таърихи Ислом ба ҳамвор кардани он камтар ҳам муваффақ нагардиданд. Дар ҳаёти дини мо ба ину он тараф майл намудан ҷони худро ё ин ки аз мо ба сӯйи онҳо аз нигоҳи уламои ислом дар Бухорои онвақта равияи аҳли ташаюъро ширк ба Худо медонистанд, аз нигоҳи Ислом баробар аст қабул надоштанд, ана ҳама обрӯи Ҷавонбухориёнро мерезониданд Ҷадидон ё ин ки Ҷадидия дар байни мардум ба як маънои нафрин ба онҳо хитоб менамуданд. Дар соли 1909 Амир Абдулаҳадхон (1885—1910) дар Кармина буд. Бо сабаби бад будани вазъи саломатиаш идораи ҳукумат дар дасти Қушбегӣ Останақул буд. Ба мақоми сарвазирӣ баробар буд. Остонақул худ эронитабор буда равияи шиъагӣ дошт. Бисёри вақтҳояшро дар Русия мегузаронид. Ҳеҷ касе шубҳа надошт аз гумоштаи Русия буданаш. Дар

давраи ӯ эронитаборҳо бисёр ҳам рушд намуданд, озодона рӯзҳои азодориашонро мегузарониданд, ба ягон кори онҳо касе иҷозати дахолат карданро надошт. Қозӣ Бадриддин қозюлқузоти Бухоро бисёр ҳам олими донишманд буда забони русиро хуб медонист. Қушбегӣ Останақул аз ҳайбати ӯ ҳеҷ кор аз пеши худ карда наметавонист. Қозӣ Бадриддин аз дунё дар соли 1908 гузашт, ба ҷойи ӯ Бақохоҷаро қозии калон монданд. Қозӣ Бадриддин писараш Бурҳониддин раиси шаҳрдори Бухоро буд. Шахси камсаводу ҷоҳталаб барои хотири падараш дар мансаби худ боқӣ монд. Остонақул Қушбегӣ дигар ҳокими мутлақи ҳукумат гардид, ки ғайр аз амир касе пеши корашро гирифта наметавонист. Дар давраи қозӣ Бадриддин мехостанд фитнаи шиъа ва сунниро ба роҳ андозанд, лекин натавонистанд. Як сол баъди даргузашти қозӣ Бадриддин ба воситаи гумоштаҳои Элчигарӣ генералҳои русӣ ба мисли Мулоқамар ва Остонақул Қушбегӣ фитнаи шиъаву суннӣ аз сар гирифта шуд ва андак низоъро қавӣ сохта, ҷангу ҷидолро ба ҷӯш даровард. Дар маркази шаҳри Бухоро аз лаби ҳавзи Мирдӯстум то дарвозаи Қарақул майдони ҳарбгоҳ шуд. Одамони зиёд силоҳ надоштанд, дар даст калтак гирифтанду худ дар майдони ҷанг даромаданд. Дар ин муҳориба эрониён, ки ҳама силоҳи гарм ҷангафзори мутааддид доштанд, 67 нафар аз муллову муллобачаро ба қатл расониданд. Онҳое, ки шумор намуданд нодидагиҳо зиёд будааст, ин рӯзи якшанбе будааст. Боз рӯзи душанбе ҷангро аз сар гирифтанд. Эрониҳоро хавориҷ мегуфтанд. Сесад нафар аз онҳо ба қатл расид, дар ҳамин аснои ҷангу фитна Амир Абдулаҳадхон дар синни 52солагӣ даргузашт. Ба ҷояш Амир Олимхон писараш (1909 то 1920) ҷойгузин гардид. ӯ дар Қаршӣ буд, аз марги падараш огоҳӣ ёфта, ба Бухоро омад. Мардум ӯро пешвоз гирифтанд. Ҳама мардум ба як овоз вазир Остонақул Қушбегиро муртакиби ин қатлу қитол донистанд ва аз дасти ӯ дод мегуфтанд. Амир Олимхон бо камоли шуҷоъат гуфт: ӯро ба ҷазои сазовор уқубаташ хоҳам кард. Мардумро тасаллӣ дод. Баъд ба шаҳр даромада, дар Арк ба ҷойи падар нишаст. Баъд таҳқиқ намуданд, ки ин қадар хунрезиҳо ва бесару сомониҳо аз дасти Қӯшбегӣ Останақул ба вуқуъ омада будааст. Таҳқиқот ҳам нишон додааст, ки ин муҳориба ва хунрезиҳо ба фармудаи ӯ сурат гирифтааст.

Ҷавонбухориён дар Бухоро ҳамеша барои рафъи буҳрон, низоъи миллӣ ва мазҳабӣ кӯшиш ба харҷ медоданд. Домулло Икромча, ки яке аз шахсиятҳои пурнуфуз буд, аз ҷавонбухориён ҷонибдорӣ менамуд.

Муллоқамар, ки мехост дубора фитнаи шиъа ва сунниро ба роҳ биандозад, пеши роҳи уро борҳо мегирифт ва мегуфт: бидъатҳо хело зиёд мебошанд, аввал пеши роҳи онҳоро гирифтан лозим, лекин генерали рус ба баҳонаи ин фитна шаҳри Бухороро ба ишғоли аскари рус даровардa, илҳоқи онро ба Русия омода кардан мехост. Баъди фурӯ нишондани фитнаву ихтилол барои баромадан аз Бухоро ризо нашуд. Барои дубора сар задани ихтилол далел меовард. Ҳукумати Бухоро ҳарчанд далел оварда бошад ҳам, ба генерал суханашро фаҳмонида натавонист. Маъмурони русӣ шабу рӯз махфӣ ба эрониёни Бухоро мусоҳиба намуда, эҳтиёт шуданро аз тоҷикон тавсия менамуданд, инчунин бо тоҷикон ҳам суҳбат намуда, ки эрониҳо ба муқобили шумо омодагӣ доранд. Хулоса, маъмурони махфии рус ҳар қадар кӯшида бошанд ҳам, дубора фитна барангехта натавонистанд. Генерали рус ноумед шуда аскарашро аз атрофии Бухоро бардошт. Русҳо ҳамеша сиёсати худро доштанд. Онҳо ба ягон ҳаракати сиёсӣ ба мисли ҷавонбухориён розӣ намешуданд, ҳатто ба Амир ҳам бовар надоштанд, кӯшиш мекарданд, ақаллиятҳоро бар зидди амири Бухоро бишӯронанд. Таърихи Маҳмадалӣ Муҳаммадсайид, соли 1994 Таърихи инқилоби Бухоро, С. Айнӣ соли 1987

## ОМИЛҲОИ БА ВУҶУД ОМАДАНИ ҶУНБИШИ ҶАВОНБУХОРОИЁН

Назаре ба уламо ва арбоби ҳукумати Бухоро, ҳоло дар бораи аҳволи уламо дар соли 1908 мелодӣ, кӣ будани арбобони бузурги Ҳукумат каме бояд зикр кард, вагарна мо омилҳо ва сабабҳои фитнаву фасоди он рӯзҳоро дуруст фаҳмида наметавонем.

Бояд гуфт, ки дар давраи салтанати Амир Музаффар дарсҳои расмӣ бо шарҳу ҳошияҳо маҳдуд гардида, аз тафсир ва ҳадис нишонае намонда буд. Одамон ба таври хусусӣ бо фанҳо ва ба илмҳои ҳақиқӣ тахассус ёфта, пайдо шаванд ҳам, ба тақозои маслак ва бо олиҳимматии худ ба дари арбоби ҳукумат рафтуомад ва бо амиру вазирҳо риё ва тамаллуқ намекарданд, табиист, ки шуҳрат ҳам пайдо накарда, зиндагии гӯшанишинонае гузаронида, аз дунё мерафтанд. Дар давраи Амир Абдулаҳад кор рафтарафта, ба ҷое расид, ки шарҳҳои расмӣ аз байн рафта, аз дебоча ва ҳошияҳои китобҳои расмӣ пораҳое ҷамъ намуда, бо номи маҷмӯъа нашр карда буданд, ки онро мехонданд ва умри 1820 солаи хонанда дар мадраса хондани китобҳои расмӣ як тараф истад, ҳатто рӯйиононро ҳам надида, мегузашт. Кор

ҳатто ба дараҷае расида буд, ки аз хондан ва хонондани китобҳо оид ба ибодат ва амалияи фиқҳи исломӣ ор карда, ба худ айб шумурда, касони ба фиқҳ машғулбудаpo «масъалачӣ» номида, бар ӯ механдиданд ва истеҳзо мекарданд, вале тааҷҷуб дар он аст, ки номи масъалаҳои омӯхташудаpo ор медонистанд ва ба ҳар кор мудохила карда фатвоҳо медоданд.

Аз уламо онҳое, ки андаке тақводортар буданд, баъди он ки дар Бухоро муфтӣ ё дар ягон вилоят ё умуман раис шудан, «ҷунг» ва «махзарот» (маҷмӯъаи қонуну ҳукмҳо)и ба забони форсӣ ҷамъоваришудаpo аз назар намегузарониданд. Қозиҳо ҳам инро лозим намедонистанд. Аксари муфтӣ ва раисҳо ҳарчиро, ки муҳаррирон–котибони фатвонавис навишта биёранд, муҳр пахш карда, медоданду вассалом.

Дар вақтҳои охир ба ин ҳам эҳтиёҷ намонда буд ва муфтиҳо ба саддусад варақ қоғази сафед муҳр пахш карда медоданд. Муҳаррирон ин қоғазҳоро гирифта, дар қозихонаҳо мегаштанд ва ба муаррифатчиёни фатвоталаб муддаояшонро навишта медоданд.

Дар давраи ҳукумати истибдодии рус мақсад ва ғояи маъмурони Русияро дар Бухоро дар ду нукта хулоса кардан мумкин аст:

1. Ба ҳар навъе бошад, ҳосил намудани манфиати шахси худашон.
2. Ҳаққу ноҳақ дар ҳама ҷо қувват ва нуфузи ҳукумати мустабидонаи русро нишон додан, вале ин ду матлабро бо чунин роҳе ба даст медароварданд, ки ба

ҷойи тимсоли муҷассами давлати муаззами рус гардидан, сабаби аз миён бурдани обрӯ ва номуси он давлат мегардиданд. Авбош ва фиребгаронро раияти рус гӯён ҳимоя мекарданд. Ин қабил одамон ба ҳар кас, ҳар навъ тааррuz намоянд, машрӯъ шумурда шуда, он раияти Бухоро, ки номус ва молаш талаф шудааст, гунаҳгор ва айбдор шумурда мешуд. Дар вақтҳои охир дар таҳти дарвозаи Бухоро, дар майдони вокзал идораи политсияи рус кушода шуда буд, ки дар дохили Бухоро ба ҳар коре мухтор ва қодир буд. Маъмурони ҳукумати Бухоро ва фуқарои Бухоро ба ҷуз итоат ба фармонҳои ин идора чораи дигаре надоштанд. Хусусан, баъди он ки сардори ин идора Вилман ном шахс таъин шуд, амният аз шаҳр тамоман барҳам хӯрд. Ӯ ба баҳонаи ҷустуҷӯйи яроқ ба ҳар хонае зада даромада, ҳар киро, ки хоҳад, беобрӯ карда метавонист. Як туда одамони авбош ва беномусро барои хуфиягӣ (ҷосусӣ) дар атрофи худ ҷамъ карда буд, ки онҳо шабу рӯз маст буда, кушоду ошкор ба фасод дода шуда, аз ҳар касе хоҳанд,

ришва гирифта, ба духтару писарони дилхоҳашон таарруз мекарданд. Баъди расидан ба мансаби қозикалонӣ, чи Бурҳониддин ва чи бародараш Икром Махдум, шояд ба ғайр аз зиёфатҳои дӯстона ва мактубнависӣ хидмати дигаре накарданд, ки Шулга роҳи дигареро пеш гирифт. «Қозии Қароқул Икроммахдум суҳбатҳои сиёсӣ мекардааст, ба вай танбеҳ додан лозим», гуфта, ба Қӯшбегӣ мактуб навишт. Ба воситаи Атохоҷа ном маъмури Бухорои элчихона ба худи Икроммахдум ҳам ба ҳамин мазмун хат фиристод. Дар натиҷа масъала бо ҳадяи калоне ҳал шуд. Ба худи Бурҳониддин ҳам ба мазмуни «домод ва писаратон суҳбатҳои сиёсӣ мекарданд» мактуби хусусӣ навишт ва чун ба ин мактуб муддаъо ҳосил нашуд, дубора бо оҳанги шиддатноктаре «писар ва домодатон ба маъхаз
ва мансабҳо мудохила мекарданд, худатон мурофиаҳоро мувофиқи шариат намепурсидед, халқ ҳамеша аз шумо норозигӣ баён карда, ба мо муроҷиат мекунанд», гуфта, дар охири мактуб ҷумлаи «ҳомили ин мактуб ҳар чӣ гӯяд, дуруст шумурда шавад»ро илова карда, мактубро ба воситаи Мирзоаҳмадбек фиристода буд. Бурҳониддин баъд аз хондани мактуб аз Мирзоаҳмадбек чораи сабаби супориши шифоҳӣ ва чораи ҳалли муамморо пурсид. Мирзо гуфт: «Шумо қадри дӯстони худро намедонед. Ҷаноби ноиб ба шумо хидматҳои калон карданд ва барои ба ин мансаб расиданатон кӯшиданд, лекин шумо дӯсти хайрхоҳи худро фаромӯш кардед. Ҷаноби ноиб имсол хонадор шуданд, шумо ҳатто ба тарзи тӯёна ҳам чизе нафиристодед». Дар натиҷаи ин мусоҳиба қозикалон ба Шулга ҳадяи муносиб ва дурусте (ба иборати сода ришвате) фиристоданд. Хулоса, ба воситаи он одам ба Шулга маблағи тилло фиристод1. Қазоват накарда, уламо дар Бухоро мусоидат менамуданд, ки то давраи ҳукмронии русҳо қозиён дар Бухоро ришва додан ва ришва хӯрданро то ки моли касеро ба зӯр ё ин ки ба шаҳодати дурӯғ ғадр накунанд. Шаҳватбозӣ, зино, қиморбозӣ, шаробнӯшӣ набуд. Русҳо омада ин амалҳои ношоистаро ҷабран ҷорӣ намуданд ва дар тамоми корҳои аморати Бухоро мудохила намуда, рӯз ба рӯз бенизомиро дар миёни мардум ба роҳ андохта, мардумро ба зидди амир мешӯрониданд. Ин мардумозорӣ ва ситами миллӣ дар шаҳрҳое, ки Русия ба худаш ҳамроҳ карда буд, кам ба назар мерасид, ба мисли Самарқанду Тошканду Хуҷанд. Дар ин шаҳрҳо мардумонаш осуда зиндагӣ ба сар мебурданд. Ҳар балое, ки буд, дар сари ҳамин му

стамликаи Бухоро буд. Аз мустамлика будан ҳамроҳ ва тобеъ будан беҳтар буд. Дар асоси ҳамин ситамҳои миллӣ ҷунбиш ё худ ҳаракати ҷавонбухороиён ба вуҷуд омад.

## НАЗАРЕ БА ҶАВОНБУХАРОИЁН АЗ ҶИҲАТИ СИНФИЯТ ВА МИЛЛИЯТ ДАР БУХОРО

Ҷавонбухороиён ба эътибори аксарият мансуб ба синфи камбағал ва соҳибони касбу корҳои гуногун буданд ва дар миёни онҳо чанд нафар дар хонаводаи савдогарон ба воя расида бошанд ҳам, онҳо касоне буданд, ки аз ҷавонӣ роҳату осудагии худро яктараф гузошта, фидокорона ва қаҳрамонона дар роҳи озодии Ватан хидмат намуда, мавриди эътимоди инқилобчиён гардида буданд. Аз ҷиҳати миллият бошад, намояндагони тамоми миллатҳои сокини Бухоро: тоҷикҳо, ӯзбакҳо, туркманҳо, арабҳо, эрониён ва яҳудиёнро ҳам дар миёни ҷавонон медидем. Тоторone, ки дар Бухоро зиста, бо мардуми маҳаллӣ омехта шуда буданд, дар роҳи озодӣ баробар хизмат карданд. Дар миёни ҷавонбухороиён боз як ҷиҳати ҷолиби таваҷҷуҳ дида мешуд, ки дар Туркистон шабеҳи он мушоҳида нашудааст. Маълум аст, ки ҷавонбухороиён дар навбати аввал ба муқобили Ҳукумат ва уламо баромаданд. Ҳатто таърихи баромад ва муқобилияти онҳо бар зидди уламо аз Ҳукумат хело пештар будааст. Вале бо вуҷуди ин, дар миёни ҷавонбухороиён дар аввал зиддият нишон надод, хостаҳои онҳоро ба инобат гирифт ва баъди танбеҳи русҳо аз онҳо сарпечӣ намуд. Садриддин Айнӣ дар «Ёддоштҳо»яш чунин овардааст: "Мо ҷавонбухороиён теъдодамон ба 5000 ҳазор нафар мерасид, мо ба силоҳ даст набурдем, аҳдофамон саводнок кардани мардум ва рифоҳи иҷтимоӣ буд, ҳамеша Амир аз роҳи созиш ба мо ризо буд». Баъд ба сари ҳокимият омадани ҳизби коммунистии Русия ҳаракати ҷавонбухороиён пароканда шуда озодӣ ва тараққихоҳии онҳо аз куҷо?. Ҳамаи онҳоро чун хоини аксулинқилоб бо роҳҳои гуногун аз байн бурданд.Чанд нафар сарварони онҳо ба мисли Абдувоҳид Бурҳонов, Абдурауфи Фитрат, Мӯсо Саидҷон, Муҳиддин Рифқат ва Файзулло Хоҷаев дар радаҳои ҳукумат як замони кӯтоҳ ҷой гирифтанд, лекин то соли 1930 онҳоро душмани инқилоб эълон намуда, ба фармони Сталин ба қатл расониданд. Дар муддати 70 соли ҳукуматҳои хунини ин давра ба онҳо муяссар шуд, ки дар мактабҳо аскарони сурхро ба сифати озодкунандагон: Фрунзе, Куйбишев, Путовский, Гуатовский, Томину Абдулло Хозинан хуни ҳазорон ҳазор бегуноҳонро дар ин

сарзамин рехтанд, қаҳрамони халқи мо гуфта, таълим медоданд. Дар муддати 70 сол метарсониданд, ки ҳақиқати ҳолро баён намоянд ва ҳоло ҳам ин ҳол давом дорад. Ҷисман ба маҳв кардани уламо ва удабо кӯшиш намуданд, ки дину мазҳаб, урфу одат ва фарҳанги дар қарияҳо барои мардум муқаддасро тамоман аз миён бурданд, чӣ қадар китобхонаҳои нодирро сӯзониданд, чӣ қадар шоҳкориҳои масҷиду мадрасаҳо хоку валангор шуданд. Артиши Сурх ба сарзамини мо аз омадани қӯшунҳои муғул дар қарнҳои гузашта фарқе дошт? На, баръакс, онҳо дар ваҳшонияту таҷовуз, қатли ом ва таъқибот муғулҳоро ба як нӯл заданд1. Ман дар Бухоро дар соли 1980 ба осорхонаи он ҷо даромада, дар он ҷо чашмам ба аксе расид, онро амиқ мушоҳида намудам. Дар сурати таги шиша бори уламо бар болои мардум бори амир бар болои уламо бори генерали Русия бар болои амири Бухоро. Ман дар мавриди ин расм чанд вақт фикр намудам. Маъноят чунин будааст: ба воситаи уламо пеши роҳи мардумро гирифтанд, ба воситаи амир пеши роҳи уламоро гирифтанд. Ба воситаи генералҳо пеши роҳи амирро гирифтанд, дар давраи амир Абдулаҳад(18851911) ҳамон уламое зиндагӣ ва ҳаёти хуш доштанд, ки ҳар кори нек ва баде, ки амир бар мардум раво медошт, ӯро ҷоиз дониста, муғоири шариати ислом намедонистанд, бештар хомӯширо ихтиёр намуда, амри маъруф ва наҳйи аз мункарро аз зиммаи худ соқит медонистанд, мардумро ҳам дар ҳамин карахтӣ нигоҳ медоштанд. Амир ҳам ҳамин тавр уламоро ҳимоя менамуд. Агар касе аз раият ба ҳамин хел уламо ранҷише медод, ӯро ба ҷазои сахт гирифтор менамуд. Генералҳо ба болои амир бор гирифта, амир ҳар зулме ба мардуми худ раво медид, фарқе надошт, коре мекард, ки мавриди ранҷиши генералҳо нагардад, Русҳо ин тарзи амалро чунин моҳирона ба роҳ андохта буданд, ки баъзе аз уламои беҷуръат мегуфтанд: воҷиби таълиму тарбия ва амри маъруф ҳам аз дӯши мо соқит гардидааст. Аз оне, ки зери тобеияти русҳо қарор доштем, хутбаҳои идайну ҷумъаҳо ба номи подшоҳи рус Николайи II хонда мешуд. Дилсардии уламо аз ин ҷиҳат буд, ки агар чизе ҳам мегуфтанд, барои иҷрои аҳкоми шариатӣ камтаваҷҷуҳӣ ба чашм мерасид, касе худро пойбанд ҳам намедонист, хомӯш буданашон аз ҳамин ҷиҳат буд. Оҳиста  оҳиста ин рафтор барои уламо одат шуда рафт. Садриддин Айнӣ дар «Ёддоштҳо»яш менависад, ки маро баъди таъқиби зиёд гуфтанд: «Шумо гуноҳ доред, ба мардум аз ҳарому ҳалол, аз ҷоизу ноҷоиз сухан мегӯед. Агар мулло бошӣ, дар хонаат Қуръон бихон,

хомӯш бинишин. Мулло ҳамин аст, вазифаи шумо муллои нав ҳастӣ, ки гап мезанӣ?. Ҷавонбухороиёни аморати Бухоро аз ҳамин сабаб буд, ки дигар хуну ғурур, номуси динӣ ва ҷавонияшон онҳоро ором намегузошт, дигар на аз амир метарсиданд ва на аз хоҷагони руси онҳо. Онҳо дигар хомӯш наистоданд, таълиму тадрис ва таблиғро шурӯъ намуданд, барои ҳадафи худ то дараҷаи шаҳодат мубориза бурданд, аммо ғули абарқудрати рус онҳоро дар батни модар хафа намуд.

## ФОҶИАИ БАШАРӢ БАЪДИ СУҚУТИ ДУБОРАИ БУХОРО БА ДАСТИ БОЛШЕВИКОНИ РУС ДАР СОЛИ 1920.

Бо номи Инқилоб шаҳри Бухоро ба хоку хун кашида шуд ва ин шаҳри бостонӣ ба як вайрона табдил ёфт. Аз дасти куштори дастаҷамъӣ дар минтақаҳо аксари олимону адибон ва сарватмандон, аз он ҷумла, Раҳимбойи Ҳисорӣ ба 40 ҳазор гӯсфанд ва даҳҳо чунин сарватмандони дигар ҷилои ватан шуда, ба Афғонистон фирор намуданд. Ин мардуми фирориро ба як миллион нафар тахмин мезананд. Танҳо аз Мӯъминобод дар шимоли Афғонистон зиёда аз сад ҳазор нафар мебошад. То соли 1930 «Очисткаи» Сталин, куштори аҳли дин, уламо ва мондагони сарватмандон дороии онҳоро ҷабран аз дасташон гирифт, баъдан онҳоро ба коми марг супорид. Дар Тоҷикистони имрӯза то кунун 3 гӯри дастаҷамъӣ кашф гардид, яке дар Арзанак, теппаҳои лаби оби Кофарниҳон (Янгибозор), дигаре дар Кангурт ва дигаре дар Регар ба ривояти Шайх Домулло Сайидбег аз Ғарм. Даргириҳои ин саҳнаи хунин моро ду ҳазор нафар аз Ғарм ба Душанбе пойи пиёда баъзеҳо дар роҳ ҳалок гаштанд, боқиро дар ҳамон Арзанак дар як гӯр ё чоҳ таги хок намуданд. Шоир домулло Абдулҳайи Муҷахарфӣ ҳам қурбониҳои ҳамин саҳна будааст ва дигар фоҷиаи куштор марги ҷамъдастӣ дар ғурбат ба ном «Рабочи баталион». Солҳои 1933 одамони зиёдеро аз чандин ҳазор барои гӯйё кори муваққатӣ, ки аксари онҳо солхӯрда ва корношоям буданд, ба Шарқи Русия бурданд. Дар вагони борбарӣ дар даруни онҳо одамони бонуфуз, олимони саршинос ба мисли Домулло Абдулҳакими Чавкар ва Қозӣ Абдулмусамир аз деҳаи дараи Дарбанд падари Махсуми Фузайл, ки қисми зиёди онҳо дар роҳ аз хастагӣ, ҷойи нороҳату нимгуруснагӣ ҷон ба Ҷонофарин супурданд Мирзохӯҷа, ҷавони 18сола вақто ба Шарқи Дури Русия расиданд, ӯро барои пухтани нон ба кор

гирифтанд. Баъди 22 сол ба ватан танҳо баргашта ривоят мекунад, ки мо чанд ҳазор нафар будем. Ин одамонро дар кори чӯббурӣ истифода мебурданд. Одамони зиёде дар вақти кор аз нимгуруснагӣ ва лоғарӣ ҷони худро аз даст медоданд. Қисме аз онҳо дар вақти кор ин ҷасадҳоро бегоҳ ҷамъ намуда, дар як чуқурӣ андохта, трактор ба болояшон хокро ғарам менамуд. Ҷасадҳоро иҷозати гӯр кардан намедоданд, ки ин ҷойи хоки шумо нест, замини мо танг мегардад. Падари Махсуми Фузайлро баъди вафоташ дар ҷойи пинҳон гӯр намудем, гӯристони расмӣ набуд, он ҷойро ҳам баъдтар ҳамвор намуданд. Аз ҳамон «Рабочи баталён» ҳеҷ кас зинда ба ватан барнагашт.

**ФОҶЕАИ ДИГАРИ БАШАРӢ ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОН (1941-1945)**

Соли 1939 қӯшуни сурх қасди ба давлатҳои Шарқӣ даромадан дошт, то Теҳрон. Ҷангафзори пешрафтае, ки Олмон дошт, давлатҳои калидӣ Аврупо, Франсия ва Англия хостаҳои Олмонро пазируфтанд ва аз ин ҷанги хонумонсӯз мардуми худро наҷот доданд. Дар идеяи коммунистии Русия мардуми гуногунмиллат, ки нав бо зӯри силоҳ дар итоаташон буданд, раҳме намекард, худ аз саркӯбии ин миллатҳо сер нашуд, дар нақшааш хост афроди ин миллатҳоро ба ҷанг тела диҳад. Имрӯз давлатҳои Арупои Шарқӣ, ба мисли Полша, даъво дорад, ки Иттиҳоди Шӯравӣ чандин ҳазор аскарашро ба тарзи сунъӣ ба коми ҷанг тела дод. Олмониҳо не, худи русҳо онҳоро ба қатл расониданд. Русҳо он қатлу кушторе, ки дар қаламрави Бухоро ба роҳ андохтанд, даҳҳо ҳазор уламоро зинда таги хок намуданд, Гитлери фашистӣ интиқоми кушташудагонро аз русҳои коммунист гирифт. Муҳаммадкасири Ато, қурбони ин фоҷеа, ки Худованд ӯро наҷот дода буд, ривоят мекунад, ки аскарони немис моро асир гирифтанд. Касе ки коммунист буд, аз байн ҷудо намуда, дар деги контенер андохта, об мекарданд, яктогӣ дар дарун тела медоданд, охирин ҳисоб ба ман омад, ҳаштоду ҳашт ҳазору шашсад пурра расид, маро қафо кашид, аҷали ман нарасида будааст, чунки ман коммунист набудам. Тири Худованд садо надорад, вақто ки расид, даво надорад. Артиши Сурх тибқи оморҳо даҳ миллион кушта дод, панҷову ҳашт миллион афроди мулкӣ куштаву бехонумон ва ҳазорҳо шаҳр ба хок яксон гашт, ибрат нагирифт, қасди таҷовузи Шарқ аз сараш дур нашуд. Дар соли 1979 ба кишвари Афғонистон лашкар кашид, дар ин ҷанг сад ҳазор кушта, сездаҳ ҳазор мафқудул асар, 79 миллиард доллар хисораи молӣ,

дусаду сӣ ҳазор нафар маҷрӯҳ гардид. Се (подшоҳи) руси ҳукумати Шӯравӣ дар муддати 6 моҳ ҷони худро аз даст доданд, бе ягон қайду шарт, баъди 9 соли ҷанг аз он ҷой сари хам баромад. Русияи Шӯравӣ ҳам ба дасти чор афғон, ки пойлучашон мехонд, пора пора гашт. Русияи Шӯравӣ аз харитаи олам маҳв гашт1. Қиссаи шоҳ Намруд, ки мегуфт ман он қадар қудрате дорам, ки ба Худо ҷанг хоҳам кард, Худованд як пашшаро дар муқобилаш фиристод, зӯри Намруд ба пашша нарасид ва аз дасти пашша ҳалок гардид. Шӯравӣ ба пешрафтатарин силоҳи ҷаҳонии он рӯз муҷаҳҳаз ба даҳ миллион аскар дар ихтиёраш ба панҷшаш ҳазор муҷоҳиди Афғон ноком худаш аз байн рафт. Дар Осиёи Марказӣ 17 миллион руситаборҳо омада, зиндагии доимиро ихтиёр карда буданд. Дар соли 1989 қӯшуни Шӯравӣ ба куллӣ аз хоки Афғонистон бароварда шуд, аз тарси муҷоҳидини афғон 17 миллион русҳо дар муддати 5 моҳ гурехта ба Русия рафтанд.

**Абдуллоҳ Изом. Китоби ҷиҳодул Афғон**
**Саҳ . 57 58 интишори соли 1989.**

## ДАРСГӮЙИИ ОЛИМОН

Аз соли 1960 аҳёнан дарсгӯйии олимон шурӯъ гардид. Душманони дин кӯшишҳои зиёде ба харҷ доданд, ки уламоро аз байн бурдем, дин ҳам аз байн меравад. Вале бе гумон аз ин,ки дини Ислом ҳимоят кунандааш Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло аст "**Дин дар назди Худованд ислом аст**".

## АВВАЛИН БЕДОРКУНАНДАГОНИ ИЛМУ МАЪРИФАТ ДАР ТОҶИКИСТОН.

Домулло Абдурашиди Намангонӣ олими парҳезгор, фақеҳ даҳҳо ва садҳо шогирдонро сирран ва аланан таълим ва тарбия намуда дар дараҷаи олӣ ба воя расонид. Оромгоҳи ӯ дар назди масҷиди Мавлоно Яъқуби Чархии шаҳри Душанбе мебошад ва дигар таълимкунандагони нахуст Мавлавӣ Муҳаммадҷони Хуқандӣ бо тахаллуси Ҳиндустонӣ ёд мешуд. ӯ ба чандин забон сухан мегуфт. Сахттарин адабиётҳои араб «Одоби дунё ва дин», «Мақомоти Замаҳшарӣ» тафсири қозӣ Байзовӣ, адабиёти форсӣ, Маснавии Бедил, Ҳофиз, «Бӯстон», «Гулистон» дар сатҳи олӣ Сиран ва аълонан ба шогирдон дарс мегуфт, даҳҳо ва садҳо шогирдони баркамол

баровард. Соли 1993 дар шаҳри Душанбе аз ҷаҳони пурғурур ба висоли Ҳақ пайваст. Мавлоно Муҳаммадӣ дар китоби «Тайсуйрул умур» саҳ 199200 овардааст: Чанде аз сардорони давлати Шӯравӣ, ки нисбат ба дин сахтгирӣ мекарданд, аз байн рафтанд, баъди онҳо ҷойнишинони онҳо нисбат ба дин хело нарм гаштанд, ноадолатии худро эҳсос карданд ва аз таҳдид ва таъқиби аҳли илм даст кашиданд, пас аҳли илм таълим ва тарбияро бар ваҷҳе ошкор карданд. Лозим ба ёдоварист, ки вақто ки иҷозат шуд аз тарафи давлат ба кушодани масоҷид ва мадориси динӣ дар баъзе шаҳрҳо ва вилоятҳо адои ҷумъа ва намозҳои ид, ки инҳо аз шаъоири исломанд,ҷорӣ гашт. Ин одат, ки дар муддати 20 сол хомӯш гашта буданд, нури ислом дар миёни мусалмонон ҷилвагар шуд ва муҳаббати онҳо бо Ислом зиёд гашт ва рағбати фарзандони мусалмонон ба сӯйи ислом гашт. Пас бо ёрии Худованд аҳли илм ҳар кадом ба қадри ҳол шурӯъ карданд дар таълим ва тарбияи динӣ ба тариқи пинҳонӣ, зеро ин таълим аз тарафи давлат дар ҳама ҷо ва барои ҳама иҷозат набуд ва касе бе иҷозат таълими динӣ мегирифт ё ин ки тарғиб ба дин мекард, то се сол ҳукми ҳабс мегирифт ва ин тариқ таълиму тарбия то соли 1960 давом дошт. Аммо қудрати дахолат дар сиёсати давлат надоштанд дар давлати коммунистии шӯравӣ.

## ЯКЕ АЗ ПЕШВОЁНИ ТАРИҚАИ НАҚШБАНДИЯ ПЕШВОИ ТАРИҚАИ СӮФИЯ ДАР ТОҶИКИСТОН.

Домулло Абдураҳимхоҷаи Элокӣ қаддаса сирраҳ мебошанд. Тибқи ҳикояти ашхоси боэътимод дар ибтидои инқилоб чандин сол дар кӯҳҳо ба таври махфӣ умр ба сар бурдааст. Баъди баргаштани толибони роҳи ҳақ аз ҳар гӯшаву канор мутаваҷҷеҳи он ҳазрат шуданд ва изҳори муҳаббат намуданд.

Абдураҳимхоҷа Элокӣ қаддаса сирраҳ аз таълим ва тарбияи аҳли тариқат шурӯъ карданд ва аз файз ва баракати он зоти бузург мардуми бисёре ба камол расида, иршод ёфтанд.

## ЭШОНИ ТӮРАҶОН РАҲМАТУЛЛОҲИ АЛАЙҲ.

Яке аз шахсиятҳои фидоӣ дар роҳи дини мубини Ислом дар бедории Ислом аз ҳама зиёд сирран ва аланан хидмат намуд. Садҳо шогирдони боилму дониш тарбия намуда тавонист. Исломро ба мардуми омма аз хонадонаш сар карда, бо илму амал нишон дод. Ягона шахсе буд, ки дар ин қаламрав оилаи исломии сирф ба назари таҳлилгарон ташкил

намуд. Банда ҳанӯз дар қайди ҳаёт будани ҳазрати Эшон меҳмонашон шудам, чунон лаззат бурдам, ки ҳаргиз аз ёдам намеравад. Бегоҳ баъди намози шом хондан бо ҷамоат як соат хӯрок хӯрдем, тез ба хондани намози хуфтан шурӯъ намудем. Дар намоз се пора аз Қуръонро хонданд. Боз дар намози бомдод се пораи дигарро хатм намуданд. Баъди намоз одамон барои саволу чавоб омаданд ба онҳо ёрӣ расонид. Як нафар омад, дар дасташ китоб, гуфт: ин аз авлод ба мо боқӣ мондааст. Аз хондани он оҷизам, мехоҳам шумо онро истифода баред. Гуфт: ташаккур: аввал онро қимат кунед, пас ба ман супоред. Баъди ин корҳоро анҷом додан, хӯроки наҳор хӯрдем. Пас онҳо ба таълими шогирдон шурӯъ намуданд. Аз ин рафтору амале, ки дар ин хонадон дидам, як шаб меҳмони ин хонадон будан барои ман чунон ба назар расид, ки гумон кардам, ки моҳҳо таълим гирифтам. Аз ҳамин чиҳат буд, ки аз ҳамин хонадон чунин олимони баркамоли равшанфикри оламшумул баромад.

## ЧӢ ЧИЗҲО МУҶИБ ШУД, КИ ҲАРАКАТИ ТОЗА Ё СОЗМОНРО ДАР МУҚОБИЛИ НИЗОМИ СЕКУЛАРӢ МАТЕРИАЛИСТӢ БА ВУҶУД БИЁРАД?

Аввалан гузаштани чор даҳаи 19201960 гузашта, ки он зулму шиканҷаро фаромӯш намуданд, дуввум, надонистани таърихи Ватан, ки бар сари мисли мо аз сарамон чи чизҳоро гузаронидем. Мисли мо ҷавонбухориён дар Бухоро баъди чор даҳа 18881908 он гулҳои пажмурдаи вожгуншуда рӯйиданд, ки ҳоло мебинед, ки таваллуд ва шикасти яксон дошта будем.

Аз соли 1960 таълимоти дини пинҳонӣ шурӯъ мегардад, лекин ноадолатиҳои ҳуқуқӣ, миллӣ, фарҳангӣ, динӣ нажодӣ ҳамоно тезу тунд буд, тавҳин ба муқаддасоти динӣ ошкоро сурат мегирифт. Миллионҳо пулу сармояи миллатро бар зидди адёни мардум истифода мебурданд. Таърихҳоро таҳриф мекарданд, обрӯи мардони динро мерезониданд, ҳама дарҳо ба рӯйи олами ислом баста буд. Ҳама пешравиҳои дар олами ислом рӯйдодаро пинҳон медошт. Президенти фақиди Миср Ҷамол Абдуносир Русияи шӯравиро «давлати дар даруни симхорҳо» ном ниҳода буд. Намешавад бо ӯ муносибатҳои дӯстонаи дарозамал бино ниҳод. Аз рӯйи таблиғоти динситезиаш ҳама давлатҳои олам, хусусан олами ислом аз робита ва наздик шудан бо ӯ парҳез менамуданд.

## САХТГИРИИ ДАВЛАТ НИСБАТ БА ДИН.

Дар даврони Шӯравӣ тамоми маросимҳои динӣ ба мисли ҳаҷи Байтуллоҳ, намозҳои идайн ва намозҳои ҷумъа, маросимҳои дафн бисёр коҳиш ёфта буданд. Дар муддати 70 сол касе натавонист ҳаҷ биравад, касе ҳам мерафт аз идораи ба ном қозиёт аз ҳисоби Афғонистон барои кимкадом корҳои истихборот мерафтанд. Намозҳои ҷумъа бисёр ба тарзи маҳдуд хонда мешуд. Дар шаҳри Душанбе 3 масҷид, дар шаҳри Қӯрғонтеппа 1масҷид, ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ 17 масҷид будааст. Касе ҷуръат намекард барои кушодани масҷид ба мақомоти ҳукумат мурочиат кунад. Дар ҳамон адади масоҷиди маҳдуд ҳам даҳҳо нафар аз афроди ҳукумат дар дари масҷидҳо назорат мебурданд, ки кӣ ба намоз хондан меояд. Ҷавонон ба куллӣ дар намоз ҳозир намешуданд, калонсолон ҳозир мешуданд. Дар шаҳри Қӯрғонтеппа дар соли 1968, ки ман ҷавон будам, дар масҷид дар намози ҷумъа иштирок намудам, ҳамагӣ 60 нафар буд. Ҳама аз синни 60 боло буданд, ҳамсоли худ касеро надидам. Дар беруни масҷид ду марди ношинос аз ман савол намуданд, оё шумо комсомол нестед? Ман гуфтам: не, аз ҷойи кор ба ман фишор оварданд ва гуфтанд: агар кор кардан хоҳӣ, дигар ба масҷид нарав, масҷидҳоро чойхона ном бурда, дар деворҳои дохилаш акси аъзоҳои политбюроро овезон намуда, касе ҷуръат намекард намози ҷамоат бихонад, дар куҳанмасҷидҳо дар қарияҳо ин амалҳо бисёр сурат мегирифт.

## МАНЪИ ШИРКАТИ ДИНДОРОН ДАР КОРҲОИ СИЁСӢ.

Дар қонунгузории Шӯравӣ дар бораи дин чунин навишта шуда буд: моддаи 51 дин аз давлат ҷудост, диндорон ҳаққи дахолат дар корҳои давлатӣ надоранд. Давлат ҳам дахолат дар кори диндорон надорад, лекин ба воситаи атеистони худоношинос, ки худро ошкоро инкори Худованд медонистанд ин гурӯҳи созмонёфта аз ҷониби давлат, ки ӯро Атеизми илмӣ мехонд. Шабу рӯз диндоронро масхара мекарданд, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, дар мактабҳо хусусан ба фарзандони муллоҳо дар бораи инкори аз Худо баҳс доир менамуданд. Дар донишгоҳҳои олӣ ва мактабҳои ҳамагонӣ дарси атеистӣ дода мешуд, гӯё одам аз маймун пайдо шудааст, Худоҳо зиёд мебошанд, дин афюн аст. Бепарда ин ақидаҳои шайтонии дурӯғини худро бор карданӣ мешуданд. Ҳатто кор ба дараҷае расида буд, ки дар имтиҳони хатми донишгоҳҳо аз донишҷӯ савол мекарданд, оё шумо ба Худо бовар доред? Агар не

мегуфт, ҷонаш халос, агар бале мегуфт, аз имтиҳон меафтод. Ӯро кӯҳнапараст мегуфтанд ва обрӯйяшро барбод медоданд. Ҳамаи инҳо гӯё давлат дар умури диндорон дахолат намекардааст.

## ТАҲҚИРИ МАРДОНИ ДИН ВА РЕЗОНИДАНИ ОБРӮЙИ ОНҲО.

Куштторҳои ҳавлноки пешвоҳои аҳли дин то соли 50 асри гузашта давом дошт. Баъди он ҳеҷ вақт таҳқиру таъқиби онон хотима наёфт. Эшони домулло Тоҷиддин (р.а.ҳ) (мулаққаб ба Эшони Тоҷ) дар даҳаи 70уми асри гузашта барои таълим доданаш чанд солро дар зиндон сипарӣ намуд. Маъруфтарин шахс дар миёни мардум Эшони Абдураҳмонҷон (р.а.ҳ) борҳо мавриди таъқибу озор қарор мегирифт, прокуроре, ки кори ӯро бояд ба ҳабс бикашонад, шахсе ба фамилияи Баҳоров буд, исрор намуд, ки ман аз рӯйи виҷдон ҳеҷ ҷурме мушоҳида накардам, парвандаи ӯро хобондам, ба роҳҳои сунъӣ ин супоришро иҷро накарданам маро аз ҳама вазифаҳо сабукдӯш намуданд. Домулло Қазоқ дар н. Вахш шахси обрӯманд ба ҷурми шумо дуо мехондед, дар як мурофиаи судӣ, ки садҳо нафар дар он иштирок намуданд, дар он мурофиа тухматҳои зиёде дар ҳаққаш бор намуда, доройӣ ва китобҳояшро мусодира намуда, худашро зиндонӣ намуданд, дар соли 1972 буд. Домулло Асомуддин дар шаҳри Қӯрғонтеппа шахси обрӯманд, равшанфикр, шогирдони зиёдеро дар сатҳи олӣ дарс мегуфт. Борҳо ӯро таъқиб намуданд, ки дигар дарс нагу, ӯ аз рӯйи ҷасорат роҳашро идома медод. Ӯ доимо мегуфт: то зиндаам аз таълиму тадрис даст кашиданӣ нестам, пуштибони ман он зотест, ки дар роҳи он хидмат хоҳам кард. Дар соли 1977 таъқиби ин нафар оғоз шуд, дар шаҳри Қӯрғонтеппа мурофиаи судиро дар ҳузури сад нафар, барои мардумро тарсондан шуруъ намуданд. Панҷ рӯз ин мурофиа давом намуд, ягон ҷурм дар ҳаққи он собит нагардид. Ахиран гуфтанд, ки аз замини лаби ҷӯйбор бе иҷозат истифода бурда, об хӯрдаӣ. Дар ҷавоб вакили Домулло гуфт: Дигар ҳамсояҳо хам инро истифода мебаранд, ҷавоб дод суд корат бо дигар ҳамсояҳо набошад, бераҳмона ва золимона Домуллоро ду сол аз озодӣ маҳрум намуданд. Ин мурофиае буд, ки ҳама дар толор гиристанд, лекин ҷуръати эътироз надоштанд то ин дам ҳеҷ аҳли динро бо мурофиъа ошкор ҷазо намедоданд. Ҷавонони зиёде дар беруни толору кӯча ҷамъ шуда буданд, мо чӣ кор кунем, ки аз ҳуқуқи худ ва дину муқаддасоти худ дифоъ намоем, қисми зиёди онҳо муллову муллобача буданд, пай мебурдӣ, ки номуси динӣ ва имонии онҳо дар ҳоли бедоршавист. Пас

аз як рӯзи ин ҳодиса мақолае дар рӯзномаи вилоят ба табъ расид, ба сарлавҳаи "Зарпечак". Асомудин Ҷалолов кароматаш хок хӯрд гуфта буд, ки маро Худоям ҳимоят мекунад, худояш ӯро ҳимоят карда натавонист. ӯ дохили маҳбас гардид. Аз ин кинояҳои динситезона хашму ғазаби ҷавонон авҷ гирифт, саволу ҷавоби ҷавонон ба устодону бузургон хеле зиёд шуда буд. Савол мекарданд: чӣ кор кунем, ки ҳуқуқу озодиҳои динию имонии аз дастрафтаи худро барқарор кунем? Устодон ҷавоби мушаххас намедоданд, яке мегуфт: хомуш бинишинем аз ҳама беҳтар аст, дигаре мегуфт: амри маъруф аз каллаи мо соқит гаштааст, дигаре мегуфт битарс аз оне, ки ӯ наметарсад аз Худо ва дигаре мегуфт, кадом аблаҳ ба чунин абарқудрати ҷаҳон, ки Чинро ба як зарба тасхир намуд ва Ҳиндро ҳам гирифт, ба чунин абарқудрат овоз баланд намудан ҳуқуқу озодии дин пурсидан аз ақл берун мебошад. Ғурури имони ҷавононро хомӯш кардан мушкил буд.

## ТАБЛИҒОТИ ЗИДДИДИНӢ АЗ ТАРИҚИ РАДИО ВА ТЕЛЕВИЗИОН.

Радиои Тоҷикистон ба забони тоҷикӣ ва русӣ барнома пахш мекард. Ба забони форсӣ ва тоҷикони бурунмарзӣ садо пахш менамуд, ки дар Тоҷикистон шунида мешуд. Дар кулли Иттиҳоди Шӯравӣ ба шасту панҷ забон садо пахш менамуд. Дар ҳамаи онҳо таърифу тавсифи Шӯравӣ шунида мешуд, на ба дини Ислом ва на ба дигар адён созгор набуд. Кишварҳои мусалмониро қафомонда, қашшоқ мегуфтанд. Гӯё ки ақибмондагии онҳо аз рӯйи диндорӣ ва кӯҳнапарастии онҳо бошад. Шунавандагонро бовар мекунониданд, ки ҳама рифоҳи зиндагӣ дар ҳамин Иттиҳоди Шӯравӣ мебошад. Одамони зиёд ба ин гуфтаҳо, то шикастани марзҳои Шӯравӣ бовар доштанд. Чунки мавҷҳои радиоҳои бурунмарзиро мезад. Радиои ББС аҳёнан шунида мешуд, ки мардум аз хориҷ огоҳӣ мееёфтанд. Баъдан радиои Покистони озод кишварҳои мазлуми мусалмони Осиёи Марказӣ дар зери султаи Шӯравӣ барнома пахш менамуд, шабонгоҳ ин барнома шунида мешуд, хело паст. Баъдтар радиои Афғонистон шунида мешуд ахбори рӯз ва як соат аз сирати Паёмбар (с) китоби «Нуруляқин»ро шарҳ медод, ки он дар бедории Ислом дар Тоҷикистон таъсири мусбат гузошт, шунавандаи зиёд дошт. Устодон дар Тоҷикистон «Нуруляқин»ро ҳамчун китоби дарсӣ ба роҳ монданд. Аз ин радиоҳо ҷавонон каме ҳам бошад огоҳ шуданд, ки ҷаҳони ислом рӯ ба пешрафт дорад. Кишварҳои дар банд ҳам озод гашта буданд. Нафароне, ки дар озодии динии худ чора

меҷустанд, намоиши телевизион аз даҳаи шастуми асри гузашта фаъолияташон васеъ гашт. Аз ҳамон рӯзҳои аввал дар барномаҳои фарҳангии сиёсиаш ягон чизе ёфт намешуд, то имрӯз, ки муғойри дин набошад. Филмҳое, ки аксаран бар зидди дин сохта шуда буданд, онҳо моҳияти худро кайҳо гум намуданд, то имрӯз гаштаву баргашта намоиш дода мешавад. Барои коста кардани шуру шарм, иффати ҷавонон аксаран занҳои урёну нимаурёнро доимо намоиш медиҳанд. Дар аввалҳо уламо мардумро аз нигоҳ кардани телевизион манъ мекарданд, вале он қадар мардум аҳамият намедоданд. Дар даҳаи ҳаштодуми асри гузашта кассета ва видео ба миён омад. Аввал фикр мекунам дар Тошканд, баъдтар дар Тоҷикистон даҳҳо кассетаҳо барои таблиғи ислом дар ҳама ҳуҷраҳо ва хонаҳо тамошо мекарданд ва илҳоми тоза мегирифтанд. Ёд дорам дар маҳалҳо дар шаҳри Қӯрғонтеппа рисолаи паёмбарамон ҳазрати Муҳаммад (с) ба навбат аз 50 то 100 нафар нишаста тамошо мекарданд, барои навбат расидан шаб то рӯз, рӯз то бегоҳ дар як намоиш иштирок доштам. Ин рисолаҳо ҳама ба забони арабӣ буданд. Қорӣ Муҳаммадҷони Шаҳид онро тарҷумаи балиғ намуд, ҳама ба як овоз мегиристанд зулми куффору мушрикин бар болои муслимин садои «Аллоҳу Акбар» баланд мешуд. Ба ҷойи шаҳодати ҳазрати Сумайя (р) омад, Абуҷаҳл найзаро ба синаи ҳазрати Сумайя мезанад. Қорӣ Муҳаммадҷон гуфт: *Лаънутуллоҳи алал кофирин* (лаънати Худованд бар кофирон бод). «Аллоҳу Акбар» гуфта овози гиряи ҳама баланд шуд. Панҷ нафар аз ҳуш рафтанд, яктоаш Мулло Абдусалом ҷавонмарди тануманд аз Колхозобод буд. Ба рӯяш об пошиданд, баъд ба ҳуш омад. Фиттаҳоро аз Андиҷон оварда буданд. Ман намедонистам, ки ин фиттаҳо чӣ гуна зиёд карда мешуд. Бегоҳ буд, ки Домулло Сайидумар ба хона омад. Ба ӯ ин қазияро гуфтам, ӯ гуфт: ман видео дорам, шумо ҳам доред? Гуфтам: дорам. Даҳ фиттаро сабт намуд, ба ҳушёриаш таҳсин гуфтам. Ин таблиғоте буд, ки ба нафъи Ислом, ки мо аз он ҳаргиз хабар надоштем дар шаҳри Қӯрғонтеппа чунон таъсир расонд, ки ҳама аз хурду калон ба хондан шурӯъ намуданд. Ба муҳаббати ҳамон касетаҳои исломӣ қимати видео ба 2 ҳазор рубл расид. Акнун он чизе, ки мо онро бад медидем, баъзеҳо телевизионро Хари Даҷҷол меҳисобиданд, чанд даҳа дар ин ватани муслимин бар зидди ислом истифода мебурданд. Худованд соаташро овард ба дасти худи ҳамон телевизон таблиғоти 60солаи онҳоро аз байн бурд. Имрӯз моҳвораҳое васл шудаанд, ки ҳама дар хидмати Ислом қарор гирифтаанд. Дар

ҳама хонадон арзишҳои Ислом ва муслимин нишон дода мешавад. Ин дар бедор кардани ҷавонон ва иродаи қавӣ бахшидан барои муслимини Тоҷикистон, ҳатто барои ҳама олам як муъҷизаи Илоҳӣ мебошад.

## МАНЪИ НАШРИ КИТОБҲОИ ДИНӢ ВА МАҶАЛЛАВУ РӮЗНОМАҲО.

Дар тамоми қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ китобҳое, ки сирф динӣ бошанд ё ин ки маншаи динӣ дошта бошанд, нашр намегардиданд. Танҳо як маҷалла ба номи «Мусалмонони Мовароуннаҳр ва Қазоқистон» дар ҳаҷми 8 саҳифа мусаввар пушту рӯ акси мадрасаҳои кӯҳна ва мулоқотҳои муфтӣ буду халос. Аз ӯ чизе бардошт карда наметавонистӣ.

Муҳаққиқин тамоми рӯзнома, маҷаллаҳо ва китобҳои тозанашрро аз назар мегузарониданд. Пеш аз чоп, ки дар кадом сатре калимае аз дин ба мисли Худову Пайғамбар (с) истифода нашавад, аз назар мегузарониданд. Дар Иттиҳоди Шӯравӣ ҷумҳуриҳои мусалмоннишин, хусусан Тоҷикистон садҳо ҳазор нафар ба китобҳои динӣ Қуръону ҳадис ва адабиётҳои динӣ, ки маводи аввалияи рӯзмарра буд, на нашр ва на аз берун ворид шудан мемонд. Қимати китоб ба дараҷае баланд гардид, ки як муллобачаро ба ҷойи хоб, либосу хӯрок таъмин мекардӣ, дар хариди китобаш оҷиз мемондӣ. Китобҳои беарзиш ва бе мантиқи материалистӣ чоп мегардид, мехост онҳоро бо роҳҳои сунъӣ дар мафкураи ҷавонон ва мардум ҷой намояд. Миллиардҳо рубл дар ин роҳ сарф менамуд, як арзиши ночизе ҳам ба даст оварда нашуд. Ба чунбиши ҳаракати муҷоҳидини машриқзамини афғон дурахшид, дараке на аз материализм монду на аз Шӯравӣ. Дар паҳн кардани ислом ва бедор кардани ҷавонони мусалмон дар Тоҷикистон ва таъмин кардани онҳо ба китобҳои дарсӣ метавон ном бурд. Абдушаҳид аз деҳаи Куйбешеви Кӯрғонтеппа, Абдураҳмони Шарифхӯҷа, Мулло Изомуддин, Иброҳим ба лақаби ( Чулоқи Иброҳим) аз Бухорову Самарқанд водии Фарғона қоп–қоп китоб бо роҳи қочоқӣ ворид менамуданд. Одамоне буданд, ки он китобҳои дарсиро ҷуъзбандӣ намуда ва ҷойҳои нопурраи онҳоро барқарор намуда ба мизоҷон дастрас менамуданд. Ба мисли Мулло Изомуддин,

Мулло Иброҳим, Ҳоҷимаҳрам, Мулло Абдуллоҳ аз тариқи сайёҳоне, ки ба Душанбе меомаданд, як қисм китобҳои арабӣ, таърихӣ, фиқҳи муосир, аз ҷумла Интишороти Ихвонулмуслимин. Аз Ҳасанул Бано Абуалои Мавдудӣ ба мисли «Мабодиулислом», «Тариқуддаъва», «Сарзамини Андалус», «Тафсири Шариф», «Таҷвидҳои Куръони карим». Ин китобҳоро ба воситае аккосӣ ва нусхабардорӣ намуда, ба хонандагон паҳн мегардониданд, ки таълими исломи муосирро дар миёни ҷавонон зинда намуд. Ҷунбиши таълиму тарбияи исломӣ ба дараҷае авҷ гирифта буд, ки онҳоро ба китоб таъмин намудан душворӣ мекашиданд. Устоди калон Домулло Сайидраҳмон (соли вафоташ 2008) ба кӯмаки мухлисонаш аз Узбекистон соли 1986 ба вагон китоби дарсӣ ворид намуданд, чанд маротиба баъд аз он қимати китобҳои дарсӣ поён фаромад. Дар Тоҷикистон ҳам китобҳои дарсии заруриро бе иҷозат, пинҳонӣ чоп менамуданд. Инҳо ҳама омилҳое буданд, ки ҷунбиши исломии ҷавонон ва мардумро такон дод. Аз ҳама зиёд китоби «Тоҷикон»и академик Бобоҷон Ғафуров, гарчанде дар аввал ба забони русӣ чоп шуда буд. «Таърихи Бухоро»и Домулло Садриддинхоҷа ба тахаллуси (Айнӣ) ба забони тоҷикӣ ба табъ расид. Афкори Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ба забони русӣ куллиёт ва дигар китобҳояш ба роҳи гуногун ба Тоҷикистон ворид гардид. Ва инчунин омолу афкори Саидҷамолиддини Афғонӣ ба забони русӣ, баъдтар як қисм китобҳояш ба забони арабӣ чун Араду Ало Даҳрӣ ворид гаштанд. Ҳамаи инҳо дар бедории ҷавонон дар Тоҷикистон нақши бориз доштанд. Ҷойи ёдоварист, ки Русия дар давраи Аморати Бухоро бисёр китобҳои ин қаламравро дар Петербург ва Қазон ба табъ мерасонд, манфиати зиёд ба даст меоварданд. Дар давраи Шӯравӣ барои сарзамини бузурги мусалмоннишинро бояд миллионҳо ҷилд китоб ба табъ мерасид, чандин миллиард рубл фоида меоварда, ба хотири ин ки дини Ислом коҳиш ёбад, аз ин фоида даст кашид. Кишвари Лубнон,ки пойтахташ Бейрут ҷамъияташ ба мисли ҷамъияти Тоҷикистон аст, солона аз чопи китоб ду миллиард доллар фоида ба даст меоварда. Баъди пош хурдани Шӯравӣ, Русия ва дигар ҷумҳуриҳои Осиё тамоми китобҳои диниро озодона ба забони русӣ ва забонҳои маҳаллӣ ба хати кириллӣ миллионҳо ҷилд ба табъ расониданд. Тоҷикистон баъд аз Истиқлолияташ 17 сол инҷониб ба ҷамъияти 7,5 миллион нафар мусалмон ба чопи китобҳои дарсии исломӣ иҷозат намедиҳад, ҳарсола ба хазинаи кишварамон қариб миллиард сомонӣ зарар меорад. Китобҳои дарсиро ба миллионҳо

сомонӣ бо роҳҳои гуногун ва аз сайтҳои электронӣ ворид мекунанд. «Гулистон»и Саъдиро, ки чопи Пешовар буд, як сол пеш ба он назар намуда дидам,ки бо теъдоди 400 ҳазор нашр шудааст. Акнун хулоса кунед, ки Эрон худ кофист. Афғонистон ҳам эҳтиёҷ дорад, аксари ин китобҳо вориди кишвари мо мегардад.Агар ин китобҳо дар дохили кишвар нашр гардад чиқадар ба хазинаи давлат фоида меоварад. Бахшиш, ки каме аз мавзуъ берун баромадем, шояд ба гӯши баъзе аз масъулини умур мерасад ва ба нафъи ин миллат хоҳад буд.

## ТАҲҚИРИ ХАТ ВА ЗАБОНИ МОДАРӢ

Русҳо дар соли 1866 баъди шикасти амир Музаффариддин созишномаи қатъи ҷанг ба имзо расонида, он чунон links мармуз буд, ки хат ва забону динро зери савол мебурд. Ба қавли таҳлилгарони Аврупо забон, хат ва дини Бухороро ба куллӣ аз байн мебаранд ва донишу хатту фарҳанги Аврупо дар он ҷой пиёда мегардад. Ин амалиётро аввал дар Тошканд, Самарқанд ва Хуҷанд ба роҳ андохтанд. Баъди панҷ даҳсола ба шаҳри Бухоро ва Бухорои Шарқӣ ҳуҷум оварданд, аз ҳамон рӯзҳои аввал ба китобхонасӯзӣ ва китобсӯзӣ шурӯъ намуданд. Бухоро ва Самарқандро аз маркази шаҳр дур нигоҳ доштанд, то ки он меъмориҳо муҷассамаҳои тарихӣ зеҳни ҷавононро бедор насозад. Ба Осиёи Миёна 17 миллион русҳоро, ки дар миёнашон миллатҳои мухталиф, мисли укроиниҳо ва қафқозҳо буданд. Дар Душанбеву Хуҷанд зиёда аз панҷсад ҳазор русзабонҳо ворид гашта буданд. Дар Душанбе дар автобус 5060 нафар менишаст, як ё ду нафар миллати таҳҷойӣ ба чашм мерасид. Мардуми муқимӣ дар деҳот зиндагӣ мекарданд. Дар шаҳрҳо бошад миллати тоҷик ақаллият буданд. Аз хати бобоӣ ба куллӣ ному нишон намонд. Забони модарӣ ҳам дар ҳолати шикастагӣ қарор гирифта буд. Хатти форсӣ на дар матбуот ва на дар идорот боқӣ монда буд, ҷойи ӯро хатти кирилликӣ ба куллӣ гирифт, агар хатти форсӣ боқӣ мемонд, миллионҳо рус меомад. Ба онҳо лозим меомад, ки хатти форсиро бидонанд, ҳаргиз не, онҳо ба зӯр омада буданд, хатти ин маҳалро ба расмият намешинохтанд. Забони модарии форсии тоҷикӣ мурда буд. Тамоми коргузории тиб, роҳу донишгоҳ, аксари маҷлису семинарҳо, радиошунавонӣ ва матбуот аз аввал то охир ба забони русӣ сурат мегирифт. 65% мардуми Тоҷикистон дар деҳот зиндагӣ мекарданд, ҳама мушкилот дар сари ҷавонон буд, ҳама эълонҳо, рекламаҳо ба забони модарии тоҷикӣфорсӣ сурат намегирифт. Дар дӯкон чизеро мепурсидӣ бо

забони русӣ ҷавобат мегардониданд. Агар бо забони тоҷикӣ сухан мегуфтӣ, мазаммат мекарданд. Дар коллеҷу донишгоҳҳо ду соли аввал фақат забони русӣ аз худ мекардӣ, баъд ба омӯхтани тахассуси худ шурӯъ менамудӣ. Дар мактабҳои миёна ҳам таваҷҷуҳи зиёд бо забони русӣ буд. Ба забони тоҷикӣ касе аҳамият намедод. Ин омилҳо зарбаи сахте буд бар сари ҷавонон, ҳамоне дар мактабҳо дохил мешуд, ё кори хубтар меёфт, ки забони русиро хеле хуб медонист. Дар баробари ин бояд ба ягон дин робита надошта бошад. Чавонон аз ҳама безор шуда буданд. Ба ҳар ҷараёне, ки онҳоро аз ин озору беҳуқуқӣ наҷот бидиҳад, розӣ буданд. Дар он вақт ҷойи гарму бароҳат дар пеши як домулло хондан буд. Ҳама чизро аз пеши домулло меёфтӣ, забонат муҳтарам буд, динат ва хатти аҷдодӣ муҳтарам буд, дар ин ҳалқа будан ҳама дӯстат медоштанд. Таккондиҳандаи ҷунбиши ҷавонон ҳамин ҳалқаҳо буданд ва ҳоло ҳам ҳастанд.

## ТАҲРИФ ВА ТАХҚИРИ ТАЪРИХИ ВАТАН.

Таърих як ибрате мебошад аз ҷониби Худованд. Барои бозмондагон ба таърих бояд эҳтиром гузошт. Сайидҷамолиддини Афғонӣ дар китоби «Араду Ало Даҳрийин» дар соли 1890 овардааст: "**Коммунизм як микроби фасодкунанда мебошад, таърих маданиятҳоро аз байн мебарад, обидонро ба ҳалокат мерасонад**". Ҳақ ба ҷониби ин файласуфи нобиғаи Машриқзамин аст, ки ин хатарро чанд сол пештар дарк намуда, ба миллаташ ҳушдор додааст. Акнун Материализми байналмилалӣ бар сеяки рӯйи олам мусаллат гардид. Аз чи сабаб буд, ки тамоми санҷишҳояшро аз қатли омми мардуми бегуноҳ, бешармӣ, беҳаёгӣ, куштори аҳли дин, таҳрифи торих, ба зӯр қабул кунонидани лодинӣ, ҳамаи инҳоро дар қаламрави Бухоро анҷом доду натиҷагирӣ намуд. Дар тӯли 70 сол як ториххои гӯшношуниди бе аслу бе бунёд ҳатто онҳоро муаррихони аврупоӣ ҳам қабул надоштанд. Гӯё дар Осиёи Миёна ягон таърихи мусбате нагузаштааст, ки моро арабҳо забт карда гирифтанд. Армияи сурх омада, моро озод намуданд, мо гӯё исломи азизро ҷабран қабул карда бошем. Ҳамаи инро аз мактабҳои умумӣ то донишгоҳ ба талабагон дарс медиҳанд, то ҳанӯз ин дарсҳо коста нагардиданд. Уламои изом дар ҳама ҷо сиран ба ҷавонон мефаҳмониданд, ки мо таърих ва фарҳангу маданияти бои динӣ дорем. Фирефтаи ин авҳомоти дурӯғин нашавед. Дарсҳои таърихиро дар ҳеҷ ҷой намехонданд ва на таваҷҷуҳе доштанд ва хостанд, ки мардумро ба дини Зардуштӣ баранд. Гӯё мо

паёмбари зардуштӣ дорем, китоби Авасто дорем, дар ин роҳ ҳам тавфиқ наёфтанд. Як нафар ҳам дини Зардуштро қабул накард. Муаллимони таърих дар миёни мардум обрӯяшонро ба куллӣ аз даст доданд. Онҳоро зидди дин, беҳудагӯ ва афсонагӯ меҳисобиданд. Дуруғгӯии онҳо обурӯи мактабҳои ҳамагониро аз байн бурд ва ҳоло ҳам аз байн бурда истодааст. Ҷавонони зиёде буд, ки аз рӯйи муаррихини дурӯғин ҳам ба онҳо ва ҳам ба мактабҳо нафрат пайдо намуданд. Аз рӯйи онҳо дигар муаллимоне, ки фанҳои хуберо меомӯзониданд, дӯст намедоштанд. Мегуфтанд: «Муаллимон ҳамагӣ як ақида доранд, зидди дин». Боз ҷавонон рӯ ба ҳалқаи мударрисон оварданд, қисми зиёди ҷавонони мусалмон барои таҳсили илм рӯ ба хориҷи кишвар оварданд.

## БАРХӮРД БО МАВЛАВӢ МУҲАММАДҶОНИ ХУҚАНДӢ.

Мунҷар ба ҳаракати исломии ҷавонон дар Тоҷикистон гардид дар 20 сентябри соли 1972 дар шаҳри Душанбе дар ҳадди даҳ нафар аз маъмурони давлатӣ ба ҷойи дарси Мавлавӣ Муҳаммадҷон даромаданд, 12 нафар дар ипадром ӯро вақти дарсгӯӣ дастгир намуданд. Шогирдонро аксбардорӣ намуда аз ҳар яки он шогирдон забонхат гирифтанд. Пас аз ин дигар дар пеши Мавлавӣ намехонем дарҳол Мавлавиро парванда намуда, суроғаи шогирдонро навиштанд, таҳдидомез ҳушдор доданд, ки фардо Мавлавӣ дар фалон соат дар назди мо ҳозир шавад. Дар даруни дастгиршудагон Махсуми Домуло Саймуддин, шогирдонаш Мулло Абдуллоҳ ва Мулло Неъматулло буданд. Дар ҳамон шаб Мулло Абдуллоҳ ва Мулло Неъматулло ба зодгоҳашон ба Қӯрғонтеппа баргаштанд. Падари Мулло Абдуллоҳ Домулло Нуриддин (19051982) шахси донишманд, яке аз шахсиятҳои обрӯманд ва бонуфуз буда, мехост писараш хомӯшии гӯшанишинии тариқатро пешаи худ кунад. Мулло Абдуллоҳ дар аввал ба орзуи падар ризо шуд, ба рафту омад дар ин роҳ шуруъ намуд, лекин дар санаҳои аввали толибиаш истеъдоди болиғи дарсгӯӣ дошт, шогирдонро дар атрофаш ҷамъ менамуд. Мулло Неъматулло падараш ба номи эшон шахси бомаърифат, 5 амак ҳамаашон илмдор буда, қариб дар як ҳавлӣ зиндагӣ мекарданд. Дар дохили ҳуҷра ба шабеҳи масҷид дар ҳадди 20 нафар намози ҷамоат дар вақти холигӣ, ҳама ба дарсгӯйӣ машғул буданд. Касе дар он ҷой дохил мешуд ё ин ки чанд соате меҳмон мешуд, ба як таассуроти калон аз он ҷой мебаромад. Мулло Неъматулло ба ҳамон ҷавониаш аз хурду калони

ин қабила ба ҳарфи ӯ гӯш медоданд, аз хатти ӯ берун намебаромаданд доимо дифоъ аз ислом менамуд. Даромадани маъмурони давлатӣ дар болои дарс хондан бисёр ӯро озор медод, мегуфт: Мо ҷавонон бояд хомӯш нанишинем, ҳуқуқҳои динӣ ва имонии худро талаб намоем. Мулло Ҷумъабег ҳамроҳи мо шуд ва бесаброна интизор буд, ки чи кор кунем. Мулло Абдуллоҳ, Мулло Неъматуллоҳ, Мулло Сайидумрон, Махсуми Кароматуллоҳи шаҳид (1993) Мулло Сайидумар, шогирдони Махсуми Домулло Сайидмуддин (вафоташ 2008) буд. Худи доммуло ва ҳамаи шогирдонаш тиннати равшанфикри доштанд, ба устоду шогирдон ҳамаашон ҳарфи Муло Неъматуллоҳро гӯш мекарданд. Дар назди онҳо эҳтироми хос дошт. ӯ як истеъдоди худододагӣ ва афкори пешрафта дошт, аз таҳлили ҳама афкор ба як сухани кӯтоҳи дипломатӣ ҷавоб медод. Ҷавонони зиёде дар назди домуллоҳо масъалаҳои фиққҳиро аз худ намуда, саргардон буданд, тарзи дарсгӯӣ бо усули қадима барои тез саводнок шудан, мушкилиҳои зиёде мекашиданд. Аз дастурҳои нав истофода намекарданд, ба мисли кӯдакон аз ибтидои дарс алифбои арабиро наомӯхта, аз сураи «Фотиҳа» шурӯъ мекарданд ё ин ки баъди форсихон шудан калом ва луғати арабиро нохонда, аз «Мухтасар», аз аввали китоби таҳорат шуруъ мекарданд, барои шогирди бозеҳн сечор сол лозим буд, ки китоби «Мухтасар»ро ба итмом бирасонад. Дар шаҳри Кӯрғонтеппа шогирдони зиёд ба ҳамин услуб дарс мехонданд, тез ба мутолиа намерасиданд. Шогирдони Домулло Махсуми Саймуддин, Мулло Абдуллоҳ, Мулло Сайидумар, Мулло Неъматуллоҳ, Эшони Сайидумрон, Махсуми Кароматулло ба дарсгӯӣ дар шаҳри Кӯрғонтеппа шурӯъ намуданд. Ба услуби нав дар як муддати кутоҳ дар миёни ҳалқаҳои шогирдон хабар аз дарси нав паҳн гардид. Мулло Абдуллоҳ ба шогирдонаш дарс мегуфт, дар муддати кӯтоҳ мутолиаи онҳо пайдо шуд, таваҷҷуҳи ҳама ба услуби дарси нав зиёд гардида буд. Устодоне, ки аз ҷойҳои дуртар барои дарсгӯӣ ба шаҳри Қӯрғонтеппа меомаданд, дигар намеомадагӣ шуданд, контроли дарс дар шаҳр дар ҳадди 500600 нафар ба гурӯҳ ё ин ки ҳалқаи Муллло Абдуллоҳ гузашт. Пештар устодон як ривоҷе доштанд, ки агар устод ягон кори муҳиме мегузаронид, шогирдон ё падари шогирд як тӯҳфаи муносибе меоварданд, як рақобате буд, ки кӣ бештар додааст.

## ОМАДАНИ ҚОРӢ МУҲАММАДҶОН АЗ АНДИҶОН ВА ТАЪСИСИ ОЗМОНИ «НАҲЗАТИ ҶАВОНОНИ ИСЛОМИИ ТОҶИКИСТОН».

Дар ҳамин асно буд, ки қорӣ Муҳаммадҷони Муҳиддин (19541993) баъди хатми Қуръони карим аз Андиҷон баргашт, як нури Илоҳӣ ва қуввати қалбҳо ба вуҷуд омад. Ҷавони бениҳоят зебо, ҳофизи кулли Қуръони карим, муфассир, душвортарин адабиётҳои арабиро тарҷума намуда ва дарс мегуфт. Ба роҳ мондани дарси "Унвон", "Одоби дунёву дин", китобҳои Шайх Муҳаммад Абдуро ба мисли "Манор" дарс ба роҳ монд. Вақте, ки ӯ омад ва ба ҳалқаи мо пайваст, мо дигар фикр кардем ҳама чизро дорем. Домулло Неъматуллоҳ гуфт: бо омадани ин бародар қомати мо рост гардид, дар як нишасте, ки бо бародарон будем, қорӣ Муҳаммадҷон низ дар он ҷой ҳузур доштанд. Дар ин ҷо бародарон гуфтанд, ки мо услуби ташкили тарзи навро аз чакидаҳои дастовардҳоямон чанд ҳарфе ба миён овардем ва баён доштем. Сипас қорӣ Муҳаммадҷон риштаи суханро ба даст гирифта гуфт: «Он чизе ки шумо ёдовар шудед то ҳанӯз амалӣ накардаед, ҷаҳони Ислом рӯ ба тараққӣ мебошад. Имрӯз дар водии Фарғона хеле зиёд пешравиҳои назаррас дар Ислом дида мешавад. Оё ба толибилмони мо барои хариди китоб, ҷойи хобу хӯрок кӯмак мекунанд?! Ҳаргиз не! Бар замми ин аз толибилмон умеди кӯмак дорем. Дар водии Фарғона агар касе хоҳиши толибилм шуданро дошта бошад, китоб ҷойи хоб, хӯрок ройгон дода мешавад ва инчунин устодон ба толибилмон кӯмаки молӣ мекунанд ва аз онҳо чизе талаб надоранд. Садҳо нафар аз ин ҷо рафта дар водии Фарғона илми Қуръон меомӯзанд, оё маблағе баҳри онҳо харҷ мекунед? Ҳаргиз не, мо имрӯз дар Тоҷикистон аз ҷайби худ харҷ мекунем то ки Худованд сафи онҳоро зиёда гардонад». Аз суханрониаш ҳама ба ваҷд омадем, бо худ аҳд намудем, ки баҳри Худованд ин корро иҷро хоҳем кард. Мулло Аҳмадҷон аз Ҳисор сифати мулло Абдуллоҳро шунида барои таҳсил аз Ҳисор ба назди ӯ омада буд, то ки аз ӯ илм биомӯзад. Вай мегуфт: шогирдони мулло Абдуллоҳ хело зиёд шудааст ва аз ӯҳдаи ҳамаи ин шогирдон мебарояд, ман низ аз шогирд буданам дар назди мулло Абдулло мефахрам, ки аз чунин шахси бомаърифат дарс мегирам. Мулло Абдулло танҳо як мототсикл дошт ва ба он ба кору дарсгӯӣ мерафт. Шогирдонаш хостанд, ки дарсгӯӣ ва кори устодро осон кунанд ва аз ҳамин сабаб ба хулосае омаданд, ки ба устодашон аз ҳисоби худ як мошини сабукрави тамғаи «Москвич» харидорӣ намоянд. Ҳафтае нагузашта буд, ки Мулло Аҳмадҷон гуфт, мо дусад сум кӯмак карда будем, аммо устод он пулҳоро ба мо пас гардонид ва

бар замми ин боз се китоб, ки 150 сумм қимат доштанд барои мо тӯҳфа намуданд.
Боз дар ҳамон сол мавқеъияти дарси мо пурқувваттар гардид, зеро ки домулло Нуриддин бо як шахси маъруф шайх Абдуссалом дар шаҳри Қӯрғонтеппа хешу табор шуданд. Шайх писар надоштанд, ба сабаби ин хешутаборӣ ин хона пурбаракат гардид. Инчунин як ҳалқаи дарси шабонарӯзӣ таъсис доданд, ки то ҳанӯз мавқеъияти худро аз даст надодааст. Акнун дар Қӯрғонтеппа як нур ё як даричаи озоди шӯълааш падидор гардид, ки ин рӯшноӣ ба ҳама атрофу акнофи Тоҷикистон паҳн мегардид. Одамон меомаданд, пурсон мешуданд, ки кадом ҳалқаи сартосарӣ ташкил гардидааст. Дар он замони тезу тунд ба ӯҳда гирифтани роҳбарии ҷунбиши иҷтимоии динии ҷавонони мусалмон осон набуд, вақте онро ба забон биорӣ сарат дар баданат вазнинӣ мекард. Ягон марди сиёсатмадор дар дохил ва атрофамон ё шахси донандаи таърихи Бухоро, ё шахси донандаи суқути Бухоро аз тарафи русҳо ё ин ки зарба задан ба ҳаракати исломӣ, маҳв ва нобуд кардани ҷавонони Бухоро, ки чорпанҷ даҳа пеш гузашта буд, ҷойи таассуф аст, ки пайдо намешуд. Сад афсӯс, ки душманон ҳама зиёиёнро ба хотири он ки дар оянда монеа эҷод накунанд ҳамаро ба қатл расониданд. Мо умедвор будем, ки шахсе пайдо мешавад таҷрибаи сиёсӣ, макру паёмадҳо ва тазвири душманро дар гузашти таърих пушти сар карда бошад пешвои ин ҷунбишро ё ақаллан мушовирии онро ба ӯҳда бигирад, пайдо нашуд. Дар пеши шахсиятҳои бузург аз ин боб сухан гуфтан ҳам кори осон набуд, барои онҳо ҳам осон набуд чунин суханро шунидан, тезтез нишастҳо сурат мегирифт. Аз ҳамон чанд нафаре, ки фикри созмонро дар сар мепарваридем аз чи сабаб буд, ки касе дигар моро ҳамроҳӣ накард. Ба дараҷае моро таҳдид менамуданд, ки на аз зану кӯдак ва на ёру бародар боварӣ набуд. Гумон мекардем, ки агар касе аз кори мо огоҳ шавад, ҳамон лаҳза ба ахбор мерасад. Рӯзе ки мо нишастро гузарониданӣ шудем, зану кӯдаконамонро аз хона ба ҷои дигар фиристодем, то ки дар сурати дастгир шудан онҳо шоҳиди мо нагарданд. 20 марти соли1973 дар он нишаст камина мулло Қаландар, мулло Абдуллоҳ, мулло Неъматуллоҳ ва қорӣ Муҳаммадҷони шаҳид, мулло Ҷумъабег ҳузур доштанд. Ҷаласаро мулло Ҷумъабег бо қироати Қуръон ифтитоҳ намуданд. Баъди дуъо риштаи суханро домулло Неъматуллоҳ гирифт ва гуфт: «Мусалмонҳо дар ҳар ҷое, ки бошанд шахсеро барои худ сардор таъин мекунанд, сардор касе

мебошад, ки ҳам аз ҷиҳати синну сол ва ҳам аз ҷиҳати дониш аз он ҷамоъат болотар бошад ва аз уҳдаи ҳимояи он ҷамоъат баромада тавонад. Худоро шукр ҳамаро мулло Абдуллоҳ дорад». Бародарҳо ҳама ризоияти худро зоҳир намуданд. Мулло Абдуллоҳ як лабханди ширин намуду гуфт: «Ҳар чи ки ҷамоат бихоҳад, ман рад карда наметавонам, лекин ман илми сиёсатро нахондаам».Аз сиёсат чанд нафар гап занад ман ҳарфи мобайнашро қабул дорам. Сиёсат барои ман он қадар мақбул нест, баъдан Мулло Неъматуллоҳ изофа намуда гуфт: Ин роҳеро ки мо асос гузоштем, ҷанбаи маъорифпарварӣ ва иҷтимоӣ дорад. Ба ҳамин масъалаи якум кори худашро ба итмом расонид, лекин мулло Абдуллоҳ гуфт: тамоми масъалаҳои сиёсӣ ва мушкилоте, ки дар он ба вуқуъ мепайвандад, ба зиммаи шумост ва аз шумо хоҳем пурсид. Аз рӯйи масъалаи дуввум қорӣ Муҳамадҷони шаҳид баромад намуда, гуфт: Шогирдонро рӯҳбаланд карда тарҷимаи Қуръони каримро ба роҳ мондан, дарсҳои ҳадисро зиёд намудан ва онҳоро ба ҷойи хобу хӯрок, китобҳои дарсӣ таъмин намудан лозим аст. Мулло Ҷумъабег чанд маротиба ба он тарафи хона рафтуо намуда гуфт: Ман барои даъват ба роҳи Ҳақ аз касе тарс надорам. Аз ин пас мо ҳама ҷавонони боистеъдодро ба сӯи ин ҳаракат даъват хоҳем кард. Ман гуфтам: Бародарони азиз, Худованд моро муваффақ намуд он чизеро, ки дар орзуяш будем ва пинҳон медоштем имрӯз ошкораш намудем, ман аминам, ки хилофи қонун коре накардем. Умедворам аз ин пас саросема нашуда бо кӯмаки донишмандон ва домуллоҳои калон ба тадриҷ пеш равем, боз ҳам андешаи созмонро як муддате пинҳонӣ нигоҳ дорем, ку чи садоҳо мешунавем. Бародарон ба сӯйи ман назар карданд ва гуфтанд: раёсати дохилӣ ба зиммаи шумост. Албатта, ин нақшаҳо дар аввал ҳам рамзӣ буд. Бо ҳамин нишаст кори худашро анҷом дод. Ҳикмати Худованд буд, ки дар поёни ҳамон нишаст ҳама тарсу ҳарос аз дили мо дур гардид. Ҳадаф якто буд, тарзи таълим ба усули навро дар тамоми қаламрави Тоҷикистон ба роҳ мондан. Дигар усули таълим вуҷуд надошт, ки касе хоҳиши хондан дошта бошад, ба назди устод биравад, баръакс, устод ба назди шогирд мерафт, ӯро ва ҳам атрофиёнашро дарс медод.

## РЕҶАИ ДАРСӢ

Дар шаҳри Қӯрғонтеппа усули таълим хуб ба роҳ монда шуда буд. Чанд ҳалқаи дарсӣ гузошта шуда буд, ки толибилмон ба зуддӣ аз мутолиаашон мебаромаданд. Услуби дарсгӯии мулло Абдулло ба

ҳама ҷо паҳн гашта буд. Ҳар рӯз шумораи толибилмон зиёд мегашт. Эътиқод ва муҳаббат аз ин ҷиҳат меафзуд, ки аз онҳо чизе талаб карда намешуд, бар замми ин аз ҷиҳати маишӣ, хӯрок, ҷойи хоб ва баъзе китобҳои дарсӣ ройгон дода мешуд. Бародароне буданд дар ҷо ба ҷо кардани шогирдон ба мулло Абдулло шабонарӯзӣ кӯмак мерасониданд.

## МАХСУМИ МУЛЛО АБДУРРОЗИҚ (1932).

ӯ шабу рӯз ҳамроҳи домулло Абдуллоҳ буд. Дар назму тартиби шогирдон ва омаду рафти онҳо маълумот медод. Дар назди домулло аз адабиётҳои арабӣ ва таърихи Ислом "Нуруляқин" ва "Итмомулвафо" дарс мегирифт. Афкору аъмоли ҳаракатро ба ҷавонон мефаҳмонид. Аксаран мардуми Тоҷикободро дар ҳаракати наҳзати ҷавонон ташвиқ менамуд ва дар ин роҳ муваффақ ҳам гардид.

## ДИГАР БАРОДАРИ ФИДОӢ МАХСУМИ САДРИДДИН.

Аз ҳама ҷои муҳими дарсхона бошишгоҳи мулло Абдулло дар маҳаллаи Ҷалил буд, шабу рӯз дар омаду рафти одамон хидмат мекард ва домуллоро доимо аз ҷоҳу маконаш муҳофизат мекард. Мулло Талабшоҳ (вафоташ 2011) ва сӯфӣ Саъдулло (вафоташ 2011) ва Абдулло Бобохонов, раиси маҳалла, кӯмакҳои иҷтимоӣ ва пуштибонӣ мекарданд. Аз домулло Абдулло ашхоси фавқуззикр аз ҷумлаи нафароне буданд, ки ошкоро хидмат менамуданд ва инчунин нафарони зиёде буданд, ки хидмати худро ҳамаҷониба ба мардум мерасониданд, аммо аз ифшои номи хеш худдорӣ мекарданд.

## ДОМУЛЛО МУҲАММАДРАСУЛИ САЛОМ.

Хидматҳои Муҳаммадрасули Салом хеле зиёд мебошад, дар шуҷоъату ҷасорат дар байни мо мисли ӯ касе набуд. Ҳалқаҳои дарсиро дар Ҷиликӯл ва Колхозобод худ ба роҳ монда буд. Даҳҳо шогирдонро таълим медод, дар баробари он паҳнкунандаи дониш ва илми мулло Абдулло ба ҳама атроф буд. ӯ дар ноҳияҳои қарибу дур ҳалқаҳои дарсиро ташкил мекард ва ба мошини шахсии худаш домуллоро мебурд то ӯ дарс гӯяд. Бесаброна густариши илми исломро дар

саросари Тоҷикистон интизорӣ мекашид. Дар ҳафтае якду бор пурсон мешуд, ки имрӯз то куҷо пеш рафтем. Домулло Неъматулло (соли таваллуд 1949) дар маҳаллаи Чернишевски ва як қисми кӯчаи Баҳор ва дар деҳот ҳам ҳалқаҳои дарсӣ доштанд. Қорӣ Муҳаммадҷони шаҳид (19541993) дар назди заводи равған баъдтар дар деҳоти Заргар ҳалқаҳои дарсӣ хеле дар сатҳи баланд таълим медод. Мулло Ҷумъабег бошад дар атрофи консервзавод ҳалқаи дарсӣ дошт.

## МУЛЛО АБДУЛЛОҲИ ДОДИХУДО Ё АБДУЛЛОИ ХУРДӢ (1958-1992).

Шаҳиди гумном аз соли гумшуданаш (1992) то кунун ҳаёт ва фавти ӯ бар касе ошкор нагардидааст. Дар қисмати ҷунубии шаҳри Қӯрғонтеппа маҳалаи Маданият ва атрофии он даҳҳо ҳалқаҳои дарсӣ дошт, дорои истеъдоди баланди дарсгӯйӣ, мутолиъа, садҳо нафар шогирдонро дар мафҳуми адабиёти луғат ва адаби забони арабӣ ва фиқҳи исломӣ баровард ва аз мактаби ӯ шогирдони зиёде ба ҷомеъа тақдим гардид.

## МАРДОНИ БАНОМУСИ ВАТАН.

Мардони баномуси Ватан хеле зиёд буданд аз ҷумла: мулло Мусайёр падари мулло Маҳмад Сайидмухтор, падари мулло Ҳандулло дар ҳадди бист нафар толибилмро сарфи назар аз маҳаллаш дар меҳмонхонаашон ҷой намуда солҳои зиёд онҳоро сарпарастӣ намудааст. Мулло Маҳмуд падари мулло Қурбоналӣ даҳҳо нафар толибонро бо ҷойи зисту хӯрок таъмин менамуданд. Бародарон дар ҳама маҳаллаҳо ба мардуми шаҳр мефаҳмониданд, ки касе дар хонааш толибилме нигоҳ медорад ё ин ки бо толибилмон луқмаи ноне мехӯранд фардои қиёмат он чизе дар дунё хӯрдааст, дар қиёмат ҳисобат намедиҳад. Ошиқони илми роҳи Худо чунон зиёд шуда буд, ки мардум аз маҳаллаҳо омада хоҳиш менамуданд, ки агар толибе бе ҷой бошад ба хонаи мо ташриф фармояд, мо имкони таъмини як ё ду толибро ба ҷои хобу хӯрок дорем. Эътиқоду муҳаббати мардум ба аҳли илм хеле зиёд шуда буд. Дар ҳама маъракаҳо агар ҷавоне бар тан либоси миллӣ медошт ҳама назди ӯ аз ҷояшон боло мешуданд ва ҳамчун рамзи эҳтиром ӯро аз ҳама боло мешинониданд. Аз ҳамин сабаб буд, ки ҳама ҷавонон орзуи толиб шуданро доштанд. Ҳама орзӯи инро доштанд, ки фарзанди толиб дошта бошанд. Ҳукумат аз ин эътиқоду муҳаббати мардум нисбати Ислом дар ташвиш омада

буданд. Намедонистанд сари ин калоба аз куҷост ину онро таҳдиду тарс медоданд, лекин бефоида буд. Баръакс боз авҷ мегирифт, ки ин гулчинҳо ва ёддоштҳо аз шаҳри Қӯрғонтеппа буданд.

## УЛАМО ЧӢ МЕГӮЯНД.

Созмони ҷавонон дар бахши таълим дар тамоми Тоҷикистон дар ҷойи аввал меистод. Ҳамаи раддаҳояш аз ҷавонони лаёқатманду боистеъдод пур гардида буд. Мо барои пурсишу посух нисбати ҷараёни ин ҳаракат ҷунбиши ҷавонон назди ҳама олимони саршинос ва эшонони маъруф рафтем, қариб ки ягон машварати ҳидояткунанда наёфтем. Аз назари домулло Ҳикматулло гузаштем. ӯ аз ин ҷараён огоҳӣ доштааст, аммо ба ин пурсиш бародари худораҳматиаш мулло Неъмат ҷавоб дод; аз ҳизби коммунист беҳад нафрат кард, ба ҷиноятҳояшон онҳоро золим донист. Ҳар ҷараёне, ки дар Тоҷикистон пайдо шавад, мисли ҳаминҳост. Домулло ягон сухани манфӣ ва мусбат ҷавоб надод, лекин аз аслу насаби мулло Абдулло бисёр пурсон шуд. Эшони Абдураҳмонҷон (а.р.ҳ) ҳам ба як сухани кӯтоҳ иктифо карданд: Агар ҷавонон дар ҷустуҷӯи роҳи ҳақ бошанд, пас Худованд ҳидоятташон кунад.

Эшон Тӯраҷонро (Худованд раҳматашон кунад), ки аввалҳои ба идораи қозиёт қадам ниҳодани Акбарҷон буд, ӯро ба ин мансаби муҳими фарзанди арҷумандаш табрик намудем, сипас посух дод: Алҳамдулиллоҳ, ман шукронаи он мекунам, ки Худованд дурраи шариъати исломро ба фарзанди ман беҳбуд дид, аз ҷониби дигар метарсам, ки тибқи аҳодиси набавӣ (қозиёни финнори ва қозиюн филҷаннат) ду қозӣ ба дӯзах меравад ва як қозӣ ба ҷаннат медароянд, дуъо кунед, ки Худованд фарзанди манро аз ҳамон як қозии адолатхоҳаш бигардонад. Дар мавриди ҷавонон бошад, Худовандро шукрона мекунам, ки ман дар ин синну сол бо ҷавонони саъодатманд, ки баҳри баланд бардоштани таълиму тарбияи исломӣ камари ҳиммат бастаанд, дар диёри мо, ки солҳост, аз ин неъмати бебаҳо кам баҳра мебардоштем, акнун Худоро шукр мекунем, ки ба мо ин неъматро арзонӣ доштааст. Мо хеле зиёд бо мулло Неъматуллои Эшон пеши домулло Нуриддин (Худованд раҳматаш кунад) шахси закиву ҳушёре буд. Мулло Неъматуллоро бисёр ҳам дӯст медошт. Аз даромадани мо бисёр ҳам хурсанд мешуд, ба як хурсандӣ биё ку Муллонеъмат, боз аз куҷо мепурсӣ? Мулло Неъматулло ҳам ӯро бисёр кунҷковӣ мекард. Домулло аз ин кунҷковӣ ба ҷое, ки биозорад, лекин

чеҳрааш бисёр мекушод, хурсанд мешуд. Домулло Нуриддин дар аввали ҳукумати Шӯравӣ дар дараи Вахё каму беш маъмури давлатӣ барои ин ки ҷонаш аз куштор наҷот ёбад, кор кардааст, одами илмдор, мақосиду ҳаракатҳои ваҳшонияти онрӯзаи давлатро дарк намудааст, аз сиёсати ноустувори имрӯзаи давлат ҳеҷ бовар надошт, гумон мекардем мулло Абдуллоро дар мобайни фарзандонаш бисёр дӯст медошт, барои он ки бар ӯ газанде нарасад. Фикр мекардам чизҳои зиёде медонист дар бораи тавсияҳои сиёсӣ, лекин худдорӣ менамуд. Ба тарзе суҳбат мекард, ки гӯё аз ҷараёни ҳаракати ҷавонони мусалмон чизе намедониста бошад. Локин баъди кунҷковиҳои зиёд дар дараи Вахё чи ҷиноятҳое русҳо муртакиб шуданд, ошкор ба роҳ андохта одамонро сару пойи луч, гӯё ки онҳо бой бошанд, ҳамчун кулак бурданд, дигар онҳо барнагаштанд. Ду ҳазору дусад деҳаро вайрон намуда ба водии Вахш кӯчонида оварданд, райони Сангвор, Тавилдара аз харитаи зист маҳв гардид. Мардуми зиёде аз ватани салқини аҷдодӣ дар ин дашту чӯли тафсони Вахшонзамин тобу тоқат наоварда ҷони худро аз даст доданд. Дар он замоне, ки мо дар ватан мезистем, дигар калима намонд. Ҳеҷ касе дигар ҷуръати сухан гуфтан ҳам намекард. Шукри Худованд, ки имрӯз шумо мехонед ва таълим ҳам медиҳед. Агар ҳамин хел биравад шояд ба озодиҳои зиёде муваффақ хоҳед шуд. Бо шитоб кор накунед, ба фазли Худованд муваффақ хоҳед шуд. Бисёр дар шишту хез ҳамин калимаҳо доим дар забонаш буд: "**Бад кардам, бад гуфтам, бад хӯрдам, бад рафтам, аз Ту ато дорам умед**".

**ВОХӮРИҲО БО ДОМУЛЛО АСОМУДДИН** (вафоташ 2000).

Домулло Асомуддин бисёр шахси ҷасуру соҳибмаърифат буда, ба сиёсат сарфаҳм мерафт доимо худро дар канори ҷавонон мегирифт ва ҳар чизе дар ҳаққи ҷавонон мегуфтанд, бедалел ва бе мантиқ онҳоро рад мекард. Суханҳояшон ҳама бодалелу мантиқ буд. Ба оянддаи исломи дурахшони он боварӣ дошт. Ман ба аёдати ӯ рафтам. Дидам, ки дар наздаш одамони зиёди обрӯманд. Ба ман таваҷҷуҳи калон намуд. Дар чеҳрааш як хурсандие падидор гашт. Амр намуд, ки дар наздам бинишин дигар ҷуз ба ман ба нишастагон таваҷҷуҳ накард. Гуфтам: тақсир, дар чеҳраашон як сабуки ҳис кардам, иншоаллоҳ, шифо меёбад. Гуфт: ин дард неъматест, ки шояд манро ба висоли Хақ бипайвандад. Ин чеҳраи хуши ман барои дидори шумо буд, бесаброна аз ман савол намуд. Пешравии чавонони роҳи ҳақ дар кадом сатҳ ва ба

куҷо расидед. Субҳоналлоҳ, то ин дам аз ман гоҳе савол менамуд, лекин то ин дараҷа домуллои калон фидоӣ дар роҳи ҳақ буданашро намедонистам. Дар назди ҳамон одамон, ки як қисми онҳоро намешинохтам, барои хуш шудани димоғи Домулло бепарда гуфтам: Алҳамдулиллоҳ, душманони дин ҳар чанде хостанд ба тӯҳмату буҳтонҳо обӯрӯи ҷавонони фидои роҳи ҳақ ва ин ҳаракати исломиро обрӯяшро коҳиш диҳанд, лекин натавонистанд. Иқтидори ин ҳаракате, ки шумо дӯсташ медоштед, коста нагардид. Имрӯз ба азму марҳамати Илоҳӣ аз пештара иқтидораш ду баробар зиёд гаштааст. Фарз кунем, дар соли 1990 дар шаҳри Қӯрғонтеппа 200 нафар аъзо доштем имрӯз ба панҷсад нафар расидааст. Ин пешравӣ дар ҳама ҷо дида мешавад. Дар соли 1990 дар Кӯлоб аъзо надоштем. Имрӯз дар минтақаи Кӯлоб аъзои мо ба 1800 нафар мерасад дар ҳар куҷое, ки меравем мардуми мусалмон моро қабул ва эҳтиром мекунанд. Домулло хоб буд, бо шунидани ин суханони ман дар болои рахти хобаш нишаст, аз хурсандӣ ашк дар чашмонаш пайдо шуд, гуфт: эй кош, маро аҷал амон медод, пирӯзии исломро дар ин сарзамин медидам. Аз Худованд умеди онро дорам, ки шумо муваффақ хоҳед шуд. Бар китфам ҳамчун таъйидкунада ду бор зад. Аз он ҷидду ҷаҳди домулло нишастагон оби чашм намуданд.

## КУШТА ШУДАНИ ПРЕЗИДЕНТИ АФҒОНИСТОН МУҲАММАД ДОВУД.

Президенти Афғонистон Муҳаммад Довуд дар як табаддулоти дохилии худ бо 75 нафар наздикон ва аҳли хонаводааш 15 майи соли 1979 ба ҳалокат расид. Нурмуҳаммади Таракиро сари қудрат оварданд. Баъди шаш моҳ Ҳафизуллоҳи Амин аз ҲХДА ӯро нобуд сохта ҷои ӯро гирифт. ӯ ба қолаби русҳо мақбул наомада дар моҳи декабри соли 1979 хостанд Бабраки Кармалро сари қудрат биоранд. Бо кӯмаки русҳо бегоҳ табаддулотро шурӯъ намуданд ва то субҳ Ҳафизулло Аминро бо ҳама наздиконаш ба ҳалокат расониданд, лекин натавонистанд, ки радиостансияро ба даст оваранд ва он дар дасти халқ ва ҷонибдорони Ҳафизулло Амин буд, то бегоҳ аз худ дифоъ ва муқовимати шадид нишон дода таслим намешуданд. Барномаҳояшон ҳама ба тарафдории Ҳафизуллоҳи Амин буд. Аз соати шаши субҳ радиои дигаре аз Афғонистон шуруъ ба кор намуд. Дар барномаҳояш ӯ ҷонибдорӣ аз Бабраки Кармал баромад ва табрикоти ӯ барнома пахш менамуд. Шояд ин радио аз шаҳри

Тирмизи қаламрави Шӯравӣ буд. Бегоҳӣ баъди соатҳои шаш радиёи Кобул хомӯш гардид. Чандин дивизияи бистҳазорнафара дар марз аз тарафи Шӯравӣ ва ҳазорҳо техникаи вазнин барои ҳуҷум мунтазири фармон буданд. Ҳаракати ҷавонони мусалмон аз ин ҷараёни кор хуб огоҳӣ ёфтанд. Чи кор карданро намедонистем, ба хулосае омадем, ки дар ҷое ҷамъ шавем оиди ин кор аз дастамон омадагиро анҷом диҳем. Аз ин кор махсуми Домулло Саймуддинро огоҳ намудем. Фармуд дар хонаи махсуми Абдулвоҳид ҷамъ мешавем.

Домулло Абдулло, домулло Неъматулло, мулло Саидумар, қорӣ Муҳаммадҷон, мулло Ҷумъабег, махсуми Кароматулло, эшони Саидумрон, камина ва устод Махсуми домулло Саймуддин дар он ҷой нишастаем. Хар касе чи чизе огоҳӣ доштанд, аз воқеъоти Афғонистон гуфтанд. Дар сари масъалаи чи иқдом кунем ва дар ин самт чӣ ёрӣ расонида метавонем, ду масъаларо рӯйи даст гирифтем. Он ҷавононеро ба сафи аскари мегиранд, ҳар нафаре чанд касеро битавонад фаҳмондан ба ҷавонон бигӯяд: агар шуморо ба Афғонистон бурданӣ шаванд, шумо бигӯед мо ризо нестем ба он ҷои рафтан, мо дар хоки Ватани худ хизмат мекунем, на дар хоки бегона. Агар ин норизо будани шуморо бифаҳмонад, онҳо метарсанд дигар шуморо ба он ҷо намебаранд. Баъзе нафароне буд, ки фарзандонашонро ба воситаи ришва аз шаҳри Тирмиз мегардониданд, дусе рӯз рӯйи ҳам салавот хондан ва дуъо намудан ва рӯзҳои 2728 декабри 1979 таъарузро ба хоки Афғонистон шуруъ намуд. Тибқи барнома бояд полки якум дар ҳадди бист ҳазор аз Тоҷикистон мерафт, зеро ки забони муштарак доштанд. Дар қонуни низоми сирри пешу пас рафтанро ҳаргиз ифшо намекунанд, лекин барои хотирашонро пурқуват намудан аввал даъватшудагони тоҷикро қатор намуда барои фикру шуҷоъати онҳоро фаҳмидан гуфтанд: мо имрӯз ёрии интернационал ба мардуми афғон рафта дар он ёрӣ медиҳем ва хидмат мекунем, касе чи фикр дорад метавонед аз ин тараф гузашта ба ҳамкоронатон сухане дошта бошед, бигӯед. Ду нафар аз ҷо хеста рафта гуфтанд: мо ҳамон ёрии интернацалистӣ рафта хидмат мекунем маълум буд, ки инҳо барои ҳамин суханро тайёр намудан. Пешакӣ онҳоро тайёр карда буданд. Нафари саввум хеста гуфт: ман мехоҳам дар давлати Советӣ дар куҷоеаш бошад, хидмат кунам, лекин дар хоки бегона хидмат карданро намехоҳам, лекин ин даъватшуда намедонист, ки ин суханҳои манро ҷиноят меҳисобанд, ӯро гирифта аз наздашон дур намуданд. Дар ду ҷойи дигар ҳамин намоиш такрор ёфтааст, ин

ҷавононро зери таъқиби сахт гирифтанд, ба амният супориш доданд, ки таҳриккунандаи инҳоро ёбанд, лекин фармондеҳони русӣ аз ин воқеа сахт тарсиданд, ки агар инҳо ба Афғонистон бираванд дар он ҷо ягон амалиёте бар зидди мо ташкил бидиҳанд, чӣ мешавад, хубаш ин ки полкро аз Тоҷикистон ба даври дигар қафо бигардонем, полки Тошкандро дар пеш ба роҳ андозем. Полки Тошканд дар ҳадди 17 – 18 ҳазор сарбоз ва ҳазор танк дар хати ҳуҷум дар хоки Афғонистон зада даромаданд. Дар вақти зада даромадан пеши роҳи онҳоро касе нагирифт, аммо вақте ки дохилтар рафтанд, афғонҳо ба шеваҳои гуногун ба сари онҳо ҳуҷум оварданд. Ба қавли бисёре аз бошандагони ин воқеъа кам нафаре аз ин полки аскари Тошканд ҷон ба саломат бурда ба Кобул расиданд. Бо ду сухан Худованд ба бист ҳазор сарбози ҷавони тоҷик умри дубора ато намуд. Баъди хатми ҷанг мардуми Афғонистон аз тоҷикбачаҳое ки дар он солҳои ҷанги даҳшатнок адои хидмат карданд, хотираҳое нек доштанд, тоҷиконро ситоиш мекарданд.

## МАВЛАВӢ МУҲАММАДҶОНИ ХУҚАНДӢ

Ривоят аз қорӣ Муҳаммадҷони шаҳид, зиддияти давлатро нисбат ба дину уламои Ислом пурсон шудам, чунин ҷавоб дод: "Вақте ки давлат сахтгирӣ ба дину уламои Ислом намуд, ба рушди Ислом садама ворид мекунад, пояҳои Исломро наметавон шикаст ба як замони таваққуф боз дучанд рушд хоҳад кард, осонгирӣ ба мақсади зидди Ислом хеле хатарнок аст. Одамоне, ки Исломро намедонанд ва шарбати исломро начашидаанд, осониҳои куфромези исломро саъб нишон дода мардумро аз дин мунҳариф мегардонанд, аз ҳама хатарнокаш ин ки пояҳои исломро аз бех меларзонад, хароб мекунанд. Доимо аз ҳамин хавф дорем, ки агар Шӯравӣ биравад Афғонистон қопи ордро 3 сум, равғанро 1 сум хоҳад кард, ба ҳамин роҳ метавонад дар он ҷо мавқеи худро пайдо кунад, ки ин бадтар аз ҷанг аст ва метарсем, ки мусалмононро дар шакку шубҳа наандозад" .

## САФАРИ КАМИНА БА ВОДИИ ФАРҒОНА БО ҲАМРОҲИИ ҚОРӢ МУҲАММАДҶОН (1984).

Аз фурӯдгоҳи шаҳри Қӯрғонтеппа ба ҳама шаҳрҳои калон ва вилоятҳои водии Фарғонаи ӯзбакистон камаш як хати сайри парвоз сурат мегирифт, дар даҳаи 708090 дар рафту омад ва арзонии роҳ ва муносибатҳои дӯстонаи мардум даврони тиллогинеро аз сар

гузаронидем. Дар ҳар ҷое, ки мерафтем, касе ба касе коре надошт. Мо ба шаҳри Андиҷон расидем. Ба хонаи марҳум Аллома Раҳматуллоҳ рафтем. Шаб дар он ҷой мондем. Субҳ баъди намоз буд, қорӣ Абдувалӣ омад, каме баъдтар аллома омад, ман ӯро бори аввал дидам. Як марди нуронии миёнақад ҳамроҳи мо нишаста суҳбат намуд. Қорӣ Муҳаммадҷон аз устод ёд кард, ки ба ӯ устодӣ доштааст, ӯро бениҳоят эҳтиром намуд. Тоҷикон, ки барои таҳсили улуми динӣ хусусан қироъат ва ҳифзи Қуръони карим ба он ҷо мерафтанд, барои онҳо макони дигаре ҷойи хобу хӯрок ёрӣ медодааст. Аллома Раҳматулло бисёр шахси заҳматкаш буда, дар даҳҳо ҷой ҳалқаҳои дарсӣ ташкил намуда шогирдон ӯро ба навбат шабу рӯз ба ҳалқаҳои дарсгӯйӣ мебурданд. Боз як бори дигар бо ӯ ҳамсуҳбат шудем. ӯ изҳори таассуф намуд, ки домулло Садриддин, ки олими арзишманд аз Тоҷикистон ба назди мо омад ва натавонистам аз рӯйи камвақти бо ӯ суҳбати зиёд намоям ва бо ӯ ба ҷое биравем. Аз суҳбатҳояш фаҳмидам, ки дар ҷадвалҳои дарсиаш аз ҳама адабиётҳои форсӣ ба шогирдон дарс мегуфтааст.
Ба мисли «Маснави»и Румӣ, Ҳофиз, Бедил, «Гулистон», «Бустон», куллиёти Иқбол, тафсиру ҳадис барои забони арабиро фаҳмидан аз луғатҳо ва дастурамалҳои осонфаҳм ки чанд китобе худашон омода намуданд, ба роҳ монда будааст, ки адабиётҳои сахти арабиро шогирдон мутолиа менамуданд. Аллома Раҳматуллоҳ бо ҳамроҳии ёру дӯстоне, ки ба таълим сару кор дошта ба тӯй ва маъракаҳо аз рӯйи камвақтӣ, ки дар онҳо иштирок намудан вақти бисёрро талаб мекунад, худдорӣ мекарданд, гарчанде ин тарзи рафторро мардум хуш надоштанд.
Аллома Раҳматуллоҳ бо ҳамроҳии ёру дӯстон ва шогирдони баландхон ба деҳқонӣ машғул шуда 3 моҳи тобистон тарбузу харбуза дар чул заминҳоро иҷора гирифта, парвариш менамуданд, ки ҳазорҳо рубл фоидаи соф ба даст оварда онро дар сандуқи умумиашон захира намуда ҳам харҷу хароҷоти худро ва ҳам барои чопи китоб ва хароҷотҳои шогирдон масраф мекарданд. Дар роҳи ташвиқу таблиғ ҳам аз ҳамон маблағ истифода мебурданд. Чандин мошини хидматӣ барои онҳо кор мекард. Шогирдон нисбати аллома мушфиқу меҳрубон буданд. Ҳар амре, ки мефармуд, иҷро мекарданд. Аллома Раҳматулло баъди издивоҷ ҳафт сол фарзанддор нашуданд. Дӯстон аз ӯ савол намуданд: шумо ризо шавед ба издивоҷи дубора, шояд фарзанддор мешавед. Оби чашм намуда гуфт: шумо шогирдонам

барои ман аз фарзанд чи камӣ доред, шумо ҳамаатон барои ман фарзанд мебошед. Дигар ин чизро барои ман орзу ҳаргиз накунед. Шунидем, ки соли 1986 пеш аз шаҳид шуданаш духтарчадор шудааст. Ман дар хонааш маҷаллаҳои зиёд ба забони урду ва маҷаллаи ба забони уйғурӣ, хитоӣ ва рӯзномаи Анбоӣ арабӣ чопи Маскав ва маҷаллаҳои арабӣ аз Ироқу Сурия пурсидам, ки ба ин забонҳо ошно бошад. Гуфтанд: забони арабӣ ва русиро хуб медонад, забони туркӣ, тоҷикӣ, уйғурӣ, хитоӣ, урду ва ҳиндиро низ медонад. Гуфтам: урдуро аз бахри чӣ омӯхтааст. Гуфтанд аз рӯйи дӯстдории Ҷумҳурии Исломии Покистон буданаш. Радиёи Покистонро доимо гӯш мекунад, маҷаллаҳои онҳоро аз назар мегузаронад, аз рӯйи дӯстдории Ҷумҳурии исломӣ забони он ҷойро худомӯз ёд гирифтааст. Бисёр дар ташвиши мусалмонҳои Уйғури Қошғар аз тарафи Хитой мебошад ва инчунин дар ташвиши рӯйи кор омадани ҳизби Баъси (иштироки) дар Ироқу Сурия мебошад. Фаҳмидам, ки аллома Раҳматулло ба сиёсат хуб сару кор дорад. Аз омӯзиши забони тоҷикӣ форсӣ пурсидам, гуфтанд: Тоҷиконро бениҳоят дӯст медорад. Мегӯяд: онҳо то ҳанӯз фарҳанги исломии худро аз даст надоданд. Занҳои тоҷик то ҳанӯз чодари худро аз сар напартофтанд, муҳаббате, ки ба ислом доранд, зудаст, ки пеш аз ҳама дар он гӯшаи хокамон Ислом пиёда мегардад. Аз рӯйи гуфтушунидҳо, ки дар бораи Аллома Раҳматулло ривоят мекарданд, падараш як шахси сарватманд буда, Раҳматулло мактаби миёнаро бо медали тилло хатм менамояд. Падараш ҳуҷҷатҳои ӯро бе имтиҳон дар Донишгоҳи миллии Тошканд месупорад. Аз рӯзҳои аввали рафтанаш ба донишгоҳ дар хонае, ки хоб мекунад, ҳалқаи дарси исломӣ меравад, ба тарзи шунаванда аз он дарс лаззат мебарад. Аз рафтани донишгоҳ худдорӣ намуда, шогирди ҳалқаи дарси исломӣ мегардад ҳарчанде падараш таъкид мекунад, ки аз донишгоҳ хориҷ машав, ба давом додани ҳарду ҳам истеъдодат мерасад, мегӯяд: ман ду ҷараёни ба ҳам мухолифро дар як вақт ва дар як ҷой ғунҷонида наметавонам. Ман дигар аз ин роҳ баргаштанӣ нестам. Дар ин роҳ Аллома Раҳматулло қадами устувор бар ҷой гузошт, то ҷое, ки орзу дошт Худованд муваффақаш гардонид.

Дар Андиҷон будем. Ду нафар аз ҳамаи муҳоҷирони собиқ аз Афғонистон ба Андиҷон омаданд. Онҳо хоҳиши баргаштан ба Афғонистонро надоштанд. Аллома аз ин огоҳӣ ёфта, шахсеро фиристод, ки ба онҳо бигӯед ба ватани дорулисломи худ пас бигарданд, чунки як мусалмон аз ватани исломӣ ба дорулкуфр паноҳ

бурдан аз рӯйи исломият ҷоиз намебошад. Ин обрӯ, шаъну шарафи ватани исломиро резондан аст. Дарҳол инро таблиғ мекунанд, ки мусалмонҳо бо ҳарими мо паноҳ овarданд. Низомҳои исломиро зери танқид мекашанд. Мо ҳамроҳи Қорӣ Муҳаммадҷони шаҳид дар як хонаи комил, ки толибъилмони Тоҷикистон ҷойгир шуда буданд, дар ҳадди даҳ нафар ҳамроҳи онҳо шаб гузаронидем. Аз аҳволи маишии онҳо хостем огоҳ шавем. Ҳаво каме сард буд, дидем ҳамаи онҳо ба либоси тозаи ҷой хоб таъмин сӯзишворӣ ва газ шабу рӯз месӯзад, барқ шабонарӯзӣ ҳаст, то сер шуданашон се вақт хуроки гарм ба онҳо таъмин мекунанд, чунин маконҳо даҳҳо ва садҳо мавҷуд будааст. Ман ҷойи хоб ва ғизое, ки онҳо истеъмол мекунанд аз кадом ҳисоб аст, пурсон шудам: сарватмандон чунин хонаҳоро барои толибилмон ҳамчун хайрия таъмин мекунанд. Боз ба ин хонахо ё ки толибон хосатан омада аз онҳо мепурсанд, агар нафаре зиёд шуда бошад барои зиёдати ҷойи дигар дорем, ба онҷо мебарем, барои хӯроки ғизоӣ бошад хайру худоӣ бениҳоят дар он мардум зиёд будааст. Бисёри хайру худоиҳо баъди намози субҳ то соати даҳ ду соат баъди пешин ҷараён мегирифтааст. Баъди намози бомдод ним соат пас садои хабарчӣ ба хонаи фалонӣ дар фалон гузар барои нон хӯрдан ташриф фармоед. Ҳамаи он одамоне, ки тӯй ва худоӣ мекунанд, аввал аз сари хӯрок ба толибхонаҳо, ки ададди онҳо маълум мебошад ба ҳамон миқдор нону хӯроки гарм аввал бурда мерасонанд. Тоҷикони таҳҷоӣ хеле зиёд мебошанд, лекин дар ҳар кӯча дар сечор хона тоҷики кӯҳистони Қаротегин мебошад. Дар куҷое меҳмон шудӣ зуд ба наздат одами бисёр меояду аз хешу табор пурсон мешаванд. Мардуми бо табъу покиза, бофарҳанг хонаҳоро бисёр бо шукуҳу зебо рост намуда дар тозагӣ намунаи ҳамаи ин минтақа мебошад, меҳмоннавозу меҳмондӯстдор, Исломро дӯст медоранд. Ба уламои Ислом эҳтироми хоса доранд. Ҳамаи тоҷикон ба мулло эътиқод доранд ва эҳтиром мекунанд. Мо ҳамроҳи қори Муҳаммадҷон дар даруни шаҳри Андиҷон дар як мошинаи москвич, ки такси кор мекард, савор шудем. Дар пеши бозори Чуст дар вақти фаромадан ронандаи таксӣ як марди тахминан 4550сола буд, аз мошин поён фуромад, дари моро кушод, дастҳо пеши бар гуфт: хушкилапсиз, аз мо меҳмон гуфта пул нагирифта рафт ҳаққи хидматаш понздаҳ бист рубли русӣ мешуд дар умрам чунин меҳрубониро аз як шахси ношинос ҳаргиз надида будам. Чунин ҳолат дар Андиҷон буданамон се чор бор рӯй дод. Чунин ҳолатро дар вақти ҳаҷи Байтуллоҳ дар шаҳри Маккатуллоҳ мушоҳида

карда будам. Хулоса, он чизҳоеро, ки дар шаҳри Андиҷон водии Фарғона мушоҳида намудам аз тарзи таълим ва тадриси ҳаракати ҷавонон услуби бароҳмонии дарс ва ҳавасмандкунонидани ҷавонон ройгон додани китобҳои дарсӣ аз тарафи мударриссин хусусан Аллома Раҳматуллоҳ ҷой додан ва нон додани толибилмон дар роҳи Худо аз тарафи мардумони боимони мусалмони ҷавонмардон меҳмоннавоз чашмам кушод, қафомондагии худамонро баръало ҳис намудам. Мо ҳам корҳои зиёдеро анҷом додем, лекин он пешравие, ки дар он ҷо дидам, ба пояи онҳо расидан якду даҳа лозим будааст. Мо ҳамроҳи Қорӣ Муҳаммадҷон як рӯз пеш аз баргашт аз осорхонаи шаҳри Андиҷон дидан намудем. Осорхона аз як бинои дутабақа бо ҳарфи "П" монанд ба мисли мактабхонаҳои боҳашамати имрӯза буд. Тирезаҳои калон дошт. Он бинои мадраса будааст, ки дар давраи амир Олимхон ба итмом расонида, мавриди истифода будааст.

## ҶАДВАЛИ ДАРСИИ ҶАВОНОН, ДАЪВАТИ ОШКОРОИ ОНҲО БАЪЗЕ БУЗУРГОНИ КУҲАНСОЛРО БА ТАШВИШ ОВАРД.

Чӣ гуна инро таҳлил ё ин ки шарҳ бояд дод:
Аввалан ин ки ташвиши уламо аз рӯйи ғараз, кинатузӣ ё бадбинӣ набуд. Сонияи, ҷавонон ҳам дар амалу гуфтору рафтор хилофи фармудаҳои Китобу суннату мазҳаб дида намешуд. Уламое, ки дар ташвиш афтода буданд, ташвиши онҳо аз давраи Амир Абдулаҳад, ки фишори русҳо, амри маъруф тадриси алани хомӯш карда шуда буд. Фиқҳро каме беш хонданд, хомӯш истоданд. Қуръонро тиловат карданд, бе тарҷума одат карда буданд. Ин қолаброро ҷавонбухориён хостанд, ки бишкананд. Онҳо ҳам ба дасти русҳо маҳв гаштанд. Онҳо ҳама чизро аз даст доданд. Давлат, низоми чавонони исломии ғайюр ҳамаро аз даст доданд. Боз ҳамон одати хомӯширо пешаи худ сохтанд. Аз рӯйи ноумедӣ дар гӯшае хомӯш нишастанд. Аз ҳама аламовар мебошад ташвишашон ҳам ҳамин буд, ки мабодо аз рӯйи ноогоҳӣ, бетаҷрибагӣ, ҷавонӣ як саросемагии ҷунунӣ дорад. Шуморо ҳам аз даст бидиҳем. Дар дохил буданд аз тарафи истихборот шахсоне, ки мехостанд ҷавононро бо уламои вақт бишӯронанд, локин ҳаргиз нашӯрониданд. Ривоят аз қорӣ Муҳаммадҷони шаҳид. Ман дар назди мавлавӣ Муҳаммадҷони Хуқандӣ будам. Шахсе хеле ғаразнок аз мавлавӣ савол намуд: ҳамин ҷавонҳои навбаромад Қуръонро мехонанд, даррав ба одамон тарҷума карда медиҳанд, дуруст ҳаст? Ҷавоб дод: албатта. Аз рӯйи тафсир тарҷума кунанд, дуруст аст.

Мурод аз Қуръон хондан фаҳмидани он аст. Боз савол намуд: онҳо ҳадисҳои Паёмбарро бисёр тарҷума мекунанд, инҳо ҳам набошанд тафсир доранд, ин ҳам дуруст аст? Мавлавӣ чунин гуфт: Аҳодиси саҳеҳ аз Имом Бухорӣ аст, ки тарҷумаи онҳо барои фаҳми дин ва Қуръон муҳим аст. Боз савол намуд: Мо ҳеҷ вақт нашунида будем, ки Ҳофизу Бедил «Гулистон»у «Бӯстон»ро дарс ва боз шарҳ бидиҳӣ Мавлавӣ гуфт: дуруст ҳаст, шореҳи ин китобҳо манам. Онҳоро, ки нахонӣ, онҳоро барои чӣ навиштаанд? Боз савол намуд: Онҳо беадабанд, аз бузургон савол мекунанд, дар пеши онҳо гап мезананд. Боз ҳам дар пеши як гурӯҳ одамоне, ки исломро намедонанд, беризогӣ онҳоро аз корҳои анҷом медодаашон манъ намуда барои онҳо аз ислом мефаҳмонанд. Мегӯянд, ҳеҷ касе онҳоро хомӯш насозад. Мавлавӣ ҷавоб дод: "Ҳамаи инҳо дуруст аст ва хандаомез гуфт. Агар мисли ман сахтиҳои зиндагиро медиданд, ҳаргиз сухан намегуфтанд". Боз савол намуд: Ҳамин ҷавонон мардумро аз зиёрату тавофи мазорҳо манъ мекунанд, баъзе қадамҷойҳоро имкон дорад вайрон кунанд? Мавлавӣ каме хандаомез гуфт: "Инаш боз чи саволест, бигӯ ваҳҳобӣ ҳам шудаанд" Он одами ғаразнок чизе нагуфта аз ҷояш хесту рафт. Пас аз он ман аз Мавлавӣ пурсидам: ваҳҳобӣ чӣ маънӣ дорад? Ҷавоб дод: Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб хеле шахсияти бузург гузаштааст султаи фарҳангҳоро аз Ҳиҷоз кӯтоҳ намуд он сарзаминро аз ширку хурофоти қадима қадамҷойи мазорпарастӣ пок намуданд. Ҳозир бошад, ҳукумати Маккатуллоҳ дар дасти онҳост. Фаҳмидам, ки Мавлавӣ Ваҳҳобӣ гуфтанро ба маънои бад нагуфтааст, хамон ҷо дар омади гап гуфтааст. Моҳи сентябри 1983 баъдан ин дар байни мардум паҳн гардид, ки ҷавонон ваҳҳобӣ мебошанд. Лекин на ҷавонон, на мардум фаҳми калимаи Ваҳҳобиро намедонистанд, ки чӣ маънӣ дорад. Ҳамин калимаи ваҳҳобӣ ба мисли калимаи ҷадидон, ки ҷавонбухориён ном мебурданд, ҳам дар назари ҷавонон ва ҳам дар назари мардум хеле бад буд. Ин ҷойи бисёр таассуф аст, ки уламои каме куҳансолтар аз шикасти Амир муоҳидаи нангини Русия ба воситаи Амир хомӯш кунонидани уламо ва мутаассифона, баъдтар ин як одати уламо боқӣ монд, вале худ намедонистанд. Аз тарафи дигар, мо ҳам ҳаракати ҷавонон аз уламои вақт норизогӣ менамудем, ки ку шоду равшан сухан намегӯянд, мардумро даъват намекунанд. Ҳол он ки мо худи Созмони ҷавонон аз таъриху саргузашти Ватан ҳеҷ хабаре надоштем, ягон муаллим ҳам барои мо саргузашти ватан, таърихи талхи миллат, бурду бохти онро огоҳ нанамуда буд. Аз чӣ сабаб буд, ки гавҳораи

Ислом Бухорои шариф ин кохи муҳташами бузургмардони Ислом фурӯ рехт, забони уламо дар даҳонашон қоқ гашта ҷавонбухориён барои кушодани забони уламо медонистанд, ки дар муқобили душмани ғаддор қатрае аз баҳр мебошем, ҷони худро ба ҷонофарин ба осонӣ не ба дор ба бадани сурохи тири заҳрогини душман супориданд, он қадар маҳвашон намуданд, ки аз онҳо касе боқӣ намонд. Як ҳарфе дар бораи онҳо бинависад ё ин ки ба ёдгор бимонад, мо агар медонистем қадамҳои худро ҳисоб карда мегузоштем. Шуруъи фаъолияти ҷавонбухориён аз давраи аввали ҳукумати Амир Абдулаҳад то соли 1908 маншаъ мегирад. Фаъолиятҳои сиёсиашон ба сари ҳокимият омадани Амир Олимхон соли 1911 пурзӯр гардид. Агар болшевикҳо сари ҳокимияти Русия намеомаданд, ҷавонбухориён дар Бухоро як инқилоби сар то сарӣ ба роҳ меандохтанд.
Ҳаракати ҷавонони мусалмон ҳам дар Тоҷикистон ба ҳамон бетаҷрибагӣ ба тадриҷ ба пешравиҳои зиёд ноил гардид. Ибтикори таълиму тарбияи исломиро ба куллӣ дар даст гирифт. Сафи ҷонибдорони худро дахчанд зиёд намуд. Муҳаббати худро дар дили мардум ҷо намуд. Дар ҳама таҳлилҳо ва санҷишҳо ҷонибдории ними аз мардуми Тоҷиистонро аз они худ намуд, ки ин нишондоди хеле баланд мебошад. Ҷавононе, ки тинати мудирият дар ҳизб доштанд хеле зиёд гашт. Ҳаракати ҷавонони мусалмон бинобар пайваст шудани ҷавонони боистеъдод дар ҳоли рушд ва нумуъ буд.

## МУЛЛО ДАВЛАТХӮҶАИ УСМОН.

Дар аввал шогирди домулло Ҳикматулло буд, бисёр ҷавони боҳушу идрок менамуд. Забони арабӣ, русиро хуб мефаҳмид. Китобҳои русиро дар бораи олами муосир воқеъаҳои Шарқи мусалмону олами Ислом аз интишороти русӣ таҳлил ва баррасӣ менамуд. Дар бораи рушди Ислом ва пешравӣ ба кадом роҳҳо пешниҳодҳо менамуд. Ҳар чизе, ки мегуфт, пасон дар ҳаёташ татбиқ намуд. Ба ивази меҳнатҳои шоистааш, ки сиёсатмадори исломӣ, ростқавлу ростафтор буд, ба муовинати раиси ҳизб, ҷонишини сарвазир ва вазирӣ расид. Дар ҳама ҳолат салоҳияти худро як хел дар ҷомеа нигоҳ дошт, обрӯйи худро низ ҳифз намуд.

## ДОМУЛЛО АБДУРРАҲИМ.

Аз минтақаи Кӯлоб ба даъвати домулло Неъматулло ба ҳаракати ҷавонон пайваст. Ҷунбиши ҷавононро дар Кӯлоб ҳамин шахс ба роҳ

андохт. Аксари ҷавонон дар Кӯлоб аз ӯ пайравӣ мекарданд. Дар эҳёи ҳаракати ҷавонони мусалмон хизматҳояш беандоза зиёд мебошад. Худованд як истеъдоди нотиқӣ ё хатобат барояш ато намудаст. Дар ҷойҳои серодам вақте аз сирати Паёмбар суханронӣ мекард, оби чашми ҳама мерехт. Имони қавӣ, ҷасуру нотарс ва фидоӣ буд. Баъдҳо ӯро ба сиёсату вазорат кашиданд…

## ДОМУЛЛО АҶИКУЛЛОҲИ ШАҲИДИ СЕБИСТОНӢ.

Бе даъвати касе ба ҳаракати ҷавонон пайваст. Қорӣ Муҳаммадҷони Шаҳидро бисёр ҳам дӯст медошт. Дар бахши илмӣ ҳам ӯро аз ҳама боло медонист. Як истеъ доди илмии нотакрор Худованд ба ӯ дода буд. Сарфу наҳви каломи арабиро хуб медонист. Илми мантиқро ба дараҷаи олӣ аз худ карда буд, ки ин илмро на дар макотиби миёна, на дар донишгоҳи олӣ, на дар пеши мударисони исломӣ дарс намегуфтанд. ӯ аз куҷо ин илмро аз худ карда буд, касе намедонад. Як рӯз дар хонаи мулло Қамариддин, шогирди домулло Неъматулло, дар шаҳраки Сарбанд ҷамъ шудем. Дар он ҷо мулло Абдулло, Қорӣ Муҳаммадҷон, Мулло Ҷумъабег, Мулло Қамариддин, Мулло Аҷикулло Қорӣ Муҳаммадҷонро гуфтанд: ки шумо китоби Исоғуҷӣ дарси мантиқ гузаштед, аъузу биллоҳ бисмиллоҳ, ва сураи «Фотиҳа»ро ба равиши мантиқ таҳлил кунед Ҳамон тариқ таҳлил намуд. Мулло Аҷикулло гуфт: Акнун иҷоза медиҳед, ки ман аз илми мантиқ огоҳӣ дорам ба ҳамон услуб таҳлил намоям. Гуфтанд, иҷозат. ӯ ба як услуби фасеҳ сураи «Фотиҳа»ро ба тарзи мантиқ таҳлил намуд. Бо чунин услубу тарзи ширин тарҷумаи каломи маҷидро аз ҳеҷ касе нашунида будем. Бо луғатдонӣ, сарфу наҳв каломи арабиро бе каму зиёд бе ғалат таҳту лафзӣ бар мегардонид, ба тарзи мантиқ дар шууру идрок фаҳму ҳуши одам он каломро ҷой мегардонид. Мулло Аҷикулло шогирдони зиёде гирифта буд, лекин садҳо афсӯс, ки илми онро ҳеҷ кадоме аз он шогирдон аз худ накарда буданд Худованд ӯро ба мо дод аз чи сабаб буд, ки ӯро аз мо тез гирифт. Агар боқӣ мемонд, илму дониши тоҷикро ба оламиён нишон медод. Кошки ӯро дар Академияи фанҳо истифода мебурданд, кошки ӯ ғариб мешуду аз марги заҷри Худованд наҷоташ медод. Рӯзе ин нури Илоҳӣ ба ватан зодгоҳаш бармегашт, дар соли 1993 ҳукми ҷазои қатл ва сурати зиндаи ӯро дар либосҳои сафед рӯйи пур аз нури ӯро дар телевизор ба як ҷурмҳои сохта ва бофта нишон доданд, ҳама хурду калон гиристанд. Ҳама мегуфтанд:

Домулло ҳеҷ гуноҳе надошт, вале ҳукми қатлаш содир гардид Худо раҳматаш кунад..

## МУЛЛО ҲОМИДХӮҶА.

Бародарзодаи Домулло Эшонҷон, хешованди наздик ба Нусратулло МахсумҚаҳрамони халқи тоҷик, ба ҳаракати ҷавонон пайваста аз ноҳияи Абдураҳмон Ҷомӣ (пештара Хоҷамастон) ҷавонони зиёдеро ба тарафи ин ҳаракат даъват намуд. Ҷавонон аз манотиқи Ғарм бештар ба даъвати ҳамин шахс ба Ҳаракат пайвастанд. Яке аз ёронаш бародар Амридин буд. ӯ яке аз чеҳраҳои маъруф бо донишу тадбир ҳамчун дипломат дар раёсати ҳаракат обрӯйи зиёде касб карда буд. Дар борaи пеши роҳи ҷанги шаҳрвандиро гирифтан хидматҳои зиёде намуд. Дар ҳама бархӯрдҳо раёсати аз ҷониби ҳаракати ҷавононро ба уҳда дошт. Ноҳияи Ёвонро қумандон Восит ноором сохта буд. Кароматуллои Қурбонро (хонанда) ба қатл расонида мехостанд барои куштори ӯ дар байни мардуми тоҷик ҷангу куштори ҳавлноке ба роҳ биандозанд. Бародар Амриддин бо ҳамроҳии ду ёвараш, ки онҳо ӯзбек буданд, барои гуфтушунид ба сӯйи Ёвон роҳсипор мешаванд. Аз ноҳияи Хоҷамастон 10 км ба самти Ёвон мераванд Восит дар роҳ камин гирифта ҳар сеи инҳоро ба қатл мерасонад Амриддин шаҳид мегардад. Дар дохили ҷӯйборе онҳоро таги хок мекунад. Баъдтар ҷасади онҳоро пайдо намуда оварда дубора ба хок месупоранд. Муҳаббати Амриддини шаҳид дар дили ҳамаи ҷавонон бокӣ монд.

## ЭШОНИ САЙИДҚИЁМИДДИНИ ҒОЗӢ.

Писари Эшони Сайидғозӣ, ки яке аз шахсиятҳои маъруфи манотиқи Ғозималик ва Куктош, шахси тақводору илмдор, ҷомеашинос, шоиртабиат аст, ин чакидаҳоро аз падари Сайидқиёмиддин Сайидимомиддин мебошад, ки дар китоби «Заруриёти динӣ» барои навомӯзон нашр гардида буд:

***Сафобахши дили одам,***
***Адолатгустари олам,***
***Заифонро туйӣ ҳамдам.***
***Аё Ислом, аё Ислом.***
***Ту шамъе дар шаби торӣ,***
***Даво бар қалби беморӣ,***
***Чу гурз бар фарқи куффорӣ.***
***Аё Ислом, аё Ислом.***

***Дили беғаш кунӣ обод,***
***Ту фикри кач дихӣ барбод,***
***Ба оташҳо кашӣ бедод.***
***Аё Ислом, аё Ислом.***
***Самуд аз сайҳа шуд беҷон,***
***Ба ғарқоби бало, Ҳомон.***
***Ба по аз ту бишуд туфон.***
***Аё Ислом, аё Ислом.***
***Ҳама ҷуҳди Халилуллоҳ,***
***Туро чокар Калимуллоҳ.***
***Ту комил аз Ҳабибуллоҳ,***
***Аё Ислом, аё Ислом.***

*Абёт*
***Аз рӯйи Қуръон,***
***Ба роҳи Ислом.***
***Қадам мемонам.***
***Аз дилу ҷонам, Сӯйи Муҳаммад (с),***
***Омада Қуръон.***
***Аз назди аллоҳ,***
***Дорамаш имон.***
***Омӯзем аз вай.***
***Дарси ҳаётӣ,***
***Дарси ҳақиқат***
***Дарси наҷотӣ.***
***Дастури Қуръон,***
***Бошад шиорам,***
***Ҳар чи ки гӯяд,***
***Ба ҷо меорам.***
Эшони Сайидқиёмуддини Ғозӣ дар назди домулло Абдуллоҳ мехонд, шогирдони баландхони домуллоро муколама менамуд. Дар байни ҷавонон ҳурмату обрӯйи зиёде дошт. Баъдтар дар ҷамъомадҳои бештар аз ҳазор одам чунон суханрониҳои балиғ менамуд, ки ҳама ҷавонон ба суханронии ӯ гӯш медоданд ва бисёр муштоқи суханронии ӯ буданд. Самти даъватҳояш мазмуни исломхоҳӣ ва истиқлолталабӣ дошт. Дар баромадҳояш мегуфт:
1. Моро ишғол намуданд.
2. Моро истеъмор намуданд, яъне моро мустаъмара намуданд.

3. Моро истиҳмор намуданд, моро хар гардонданд.

Ягона наҷоти мо дар низоми сирф исломӣ мебошад. Дилбардории ӯ ҳамаро дар шигифт меандохт. ӯ мегуфт: агар шумо пурсед, танк доред, танк дорем агар пурсед, аскар доред, ман мегӯям дорем, хоҳед мегӯям нерӯи мо аз бист ҳазор ҳам зиёд мебошад, албатта маълум буд, ки суханҳои эшон бештар рамзӣ буд, ба ин маъно буд, ки мардуми зиёд дар ин ватан аз мо ҳимоят мекунанд, танкҳоро ҳам чанд танке бошад, азони мост, нерӯву ҷамъияти чандин ҳазорнафара, ки имрӯз қиём намуданд як миқдори ками ин мардум бист ҳазор мебошад. Аз ҳамин назар гуфта будам, лекин расонаҳои хабарӣ, хусусан мамолики арабӣ Либӣ ба Эшони Саидқиёмуддин дар соли 1992 унвони генерал, ки бист ҳазор сарбоз ва танк ҳам дорад. Эшони Саидқиёмуддин дар ҳиҷрат ба баъзе мамолики арабӣ, Эрон, Покистон, баъдтар ба Афғонистон сафарҳо дошт, дар вилояти Тахор муддате таваққуф намуд. Дар соли 1994 умеди онро дошт, ки ҷавонон дар атрофаш ҷамъ шаванд. Ин кор ба тавофуқ напайваст. Соли 1997 ба ватан баргашт. То соли 2000 дар зеркомиссияи ҳуқуқи оштии Миллӣ кор намуд. Баъди дубора фаъолияташро дар Ҳизби Наҳзати Исломии Точикистон аз сар гирифт. Эшони Саидқиёмуддин дигар ба ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон рафту омад накард. Дар аввал аз ақидаҳои рофизӣ парҳез дошт ва дар солҳои охир рӯзноманигорон аз ӯ савол мекунанд, ки шумо майл ба шиъагӣ доред, зеро ин хабарро аз баъзеҳо мешунавем? Дар ҷавоб мегӯяд: ман ягон майле ба шиъагӣ надорам, мазҳаби ман мазҳаби суннӣ мебошад, аъзои ҳизби ҲНТ мебошам( рӯзномаи «Нигоҳ» 2011).

### МУЛЛО МУҲАМАДЁҚУБИ ЁРИБЕК (ТАВАЛЛУДАШ 1952).

Мулло Муҳаммадёқуби Ёрибек аз Сурхоби Ғарм буда, яке аз шогирдони хидматкардаи Домулло Абдуллоҳ буда шогирдони зиёдеро дар қисматҳои Ғозималик Уялӣ ба воя расонид. Дар давраҳои нооромӣ ба қисмати Қирғизистон ҳиҷрат намуд. Дар муддати кӯтоҳе забони қирғизиро аз худ намуда дар он ҷой шогирдони зиёдеро таълиму тарбия намуд. Ба забони қирғизӣ даъватҳои зиёд намуд. Баъди 6 сол аз он ҷой баргашта боз таълиму тарбияро дар ноҳияи Хуросон ба роҳ монд. Ба Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон дар он ҷо асос гузошт. Одамони зиёде дар ин қисмат ба ҳизб ворид гардиданд. Дар чанд деҳа ҳалқаҳои дарсӣ ба роҳ андохта ба шогирдон

дарс мегуфт, ин кори ӯ то соли 2011 давом дошт. Баъди манъи таълиму тарбияи инфиродӣ, ки қонун баромад дарс гуфтанаш мутаваққиф гардид. Ҳоло бошад яке аз шахсиятҳои маъруфи обрӯманди он маҳалла мебошад. Ҳама атрофиёнаш ба ӯ эътимод доранд, ҳама мушкилотҳои диниро аз ӯ мепурсанд.

## ШАҲОДАТИ БАРОДАРЗОДААМ ДАР ВУҶУНГИ ТАВИЛДАРА

Абдулаҳад бо ҳамроҳонаш Меҳрулло ва Мулло Маҳмаднабӣ дар деҳаи Вуҷунги Тавилдара дар моҳи январи соли 1993. Мо дар вилояти Тахори Афғонистон будем. Зимистони хунуку сербарф буд. Ҷавонони муҷаррад зиёд ба он ҷой мерафтанд. Шароити зист ва зиндагонии он ҷой аз ҷиҳати фарҳанг ва маданият аз ин ҷойи Тоҷикистон фарқ дошт. Дар он ҷо меҳмонхона умуман дар он вилоятҳо вуҷуд надошт. Меҳмонҳои муҷаррад дар ҳуҷраҳои масҷидҳо дар меҳмонхонаҳои шахсӣ, дар ҳама хонадони Афғонистон мардуми ҷойи алоҳида барои меҳмон пешакӣ ба нақша гирифтагаанд. Баъди намози шомро хондан дар масҷидҳо мусофире дар он ҷо пайдо шавад, ҳар кадомашон як нафар ду нафарро бурда ҷой мекунанд. Баъди намози субҳ хӯрок медиҳанду барвақт гӯселаш мекунанд. Худо кунад, ки намоз хонад, агар бенамоз бошад, имкон ӯро сахт био зоранд. Дар аввал, ки кампҳои муҳоҷирин ба фаъолият шурӯъ мекарданд, ҳазорҳо нафар ҷавонони бе оила бар он ҷой рафтанд, бефомил сабрашон нарасид аз он ҷой тез баргаштанд ба роҳи гуногун ба тарафи Русия рафтанд.

Ман дар майдони Чамани Толиқон Меҳруллоҳ, писари Бобоҷонро дидам. ӯ ҳамагӣ ҳабдаҳсола буд. Муллобачаи зебо, доим кораш қуръонхонӣ буд. Ба ман қаробати хешӣ дошт. Аз ӯ пурсидам, ки ту дар ин ҷо кай омадӣ, гуфт: бист рӯз пеш. Гуфтам: акнун ки омадаӣ, хонданатро давом бидеҳ, ҳаваси баргаштан накун, роҳҳо пур аз барф, хатар дорад, вазъияти ватан ҳам он миқдор ором нашудааст. Лекин он миқдор падару модарашро ёд намуда буд, ки намешуд ӯро қонеъ намуд. Боадабона гуфт: ман аз падарам нопурсида ба ин ҷо омадам, як падарамро рафта хабар мегирам, пас гашта меоям. Ман ҷойи дарсхонӣ ва зистамро ёфтам ва маслиҳат намудем. Дар ҳамин гуфтугу будем, ки як чархбол назди мо дар Чаман нишаст. Гуфтанд қалъаи Нусаи Дарвоз меравад. Зораву таваллo намуд: ака, маро ба ҳамин вертолиёт ҷой кун. Дилам намефорад, лекин фикр намудам ӯ аз

қасдаш намегардад. Дар ҳамин роҳи дурудароз пур аз барф, ки барои ӯ хеле хатарнок мебошад, меравад. Маҷбур шудам барои хотираш ӯро дар чархбол ҷой намудам, ки ҳаргиз чеҳрааш аз ёдам нарафт. Баъди даҳ рӯз аз рафтан он бародарам Абулаҳад дидам либоси кӯдакӣ харид, ки писарчаи дусола дошт ба номи Муҳаммадабду ва ду духтарчааш. Фаҳмидам, ки фарзандонашро ёд намудааст, ба фановарии техникӣ истеъдоди худододагӣ дошт. Дар роҳ вақти рафтан то Дарвоз чандин мошин дар роҳ монда, ки соҳибонашон аз таъмиру дуруст кардани онҳо оҷиз монда буданд. Дар як лаҳза онҳоро ба ҳаракат даровард. Аз ҳунармандии ӯ мавриди эҳтиром будем. Орзу дошт мактаби ҳавонавардиро хонад, лётчик шавад. Ман мехостам барои ин орзуҳояш ба ӯ кӯмак расонам. Гапзанон карда будам, агар сабр менамуд, баъди ду моҳ ин орзуҳояш амалӣ мегашт. Чи ҳикмат буд, ӯро ором намегузошт. Як бегоҳ нишаста будем, гуфт: ака, оила ва фарзандонам дар хобам даромаданд. Онҳоро бисёр ноором дидам. Худро дар як пастӣ дидам, онҳоро дар наздикам мушоҳида намудам. Бисёр ба сӯяшон фарёд намудам, нашуниданд. Онҳо дар наздикам буданд. Даст дароз кардам, дастам нарасид. Ба сари онҳо чи расида бошад, ки дар хобам даромаданд. Чашмонаш пур аз об гашт. Бародари азиз, баҳори 32 солагиат даромад, диламро дар сӯз даровардӣ. Дар аввал иҷозат надодӣ фарзандонатро ҳамроҳи мо ба ин ҷо биёянд, имрӯз ҷудоӣ аз онҳоро тоқат накардӣ. Дар ин роҳи пурхатар вазъияти нотинҷ камтар сабр кунед, то равшан шудани фазои сиёсӣ. Як ҷавобе нагардонд. Дар аввали моҳи феврал ӯро гусел намудам ба роҳи Бадахшон то Дарвоз рафтанаш аз одамони омад огоҳӣ ёфтам, гуфтанд одамони аз он тараф омаданд роҳ қатъ гардидааст, локин аз ин тараф одамон бисёр рафта истодаанд. Абдулаҳадро аз ағбаи Хобрубот он тараф дидем, ҳамроҳаш бачаҳо бисёр буданд. Онҳо муҷоҳид набуданд, пеш аз инҳо барф паст буд, мегузаштанд мерафтанд, лекин вақте ки ҳамроҳони Абдулаҳад дар ҳади бисту шаш нафар то деҳаи Вуҷунги Тавилдара расиданд, шаб дар масҷиди деҳа ҷой гирифтанд, чунон барфи зиёд борид роҳи пиёда ва мошин хама масдуд гардид. Дусе рӯз аз ҳамон масҷид баромада натавонистанд, ба хӯрок таъмин кардани онҳо душворӣ мекашиданд. Дар ҳамон рӯзҳо вазири МВД Шишляников ва корманди ҳамон вазорат Алексей дар Тавилдара буданд. Аз ҳамон деҳаи Вуҷунг як нафар омада, ба МВД хабар медиҳад, ки муҷоҳидон омада дар деҳаи мо ҷой*ҲНИТ*тир шуданд, ба қавле бори дуввум рафта хабар медиҳад.

Ба ӯ ҳушдор медиҳанд, ки шояд онҳо одамони раҳгузар бошанд, на ҷангара. Мо ба сари онҳо меравем, агар дурӯғ бигӯӣ туро дар ҳамон ҷо ҳалок хоҳем сохт. Алексей худашро корманди вазорати давлатӣ меҳисобид. На роҳзан ва як даҳан хабаркашро ҳам ба инобат мегирифт ва аз дигар канал таҳқиқ мекард, ки онҳо раҳгузар ҳастанд ё ҷангҷӯ. Эҳтимол дошт, ки сечор нафарашон силоҳ дошта бошанд, барои муҳофизати роҳашон он силоҳро барои чи истифода бурданианд. Ин болшевики тундрав ба як гапи хабаркаш як БМПро гирифта ба тарафи деҳаи Вуҷунг ҳуҷум кард. Ба назди масҷид расиданд, ҳатто онҳо огоҳ нашуданд, агар онҳо ҷангҷӯ мешуданд, посбон мегузоштанд, надаромада ба деҳа огоҳ мешуданд, аз худ дифоъ менамуданд, лекин фаҳмида шуд, ки онҳо як роҳгузар дар барфи зиёд банд монда буданд. Дар БМП худи Алексей буд ё каси дигар аз БМП ба тарафи масҷид тирандозиро шурӯъ намуд. Онҳо баъди тирпаронӣ огоҳ шуданд, ки мо мавриди ҳадаф қарор гирифтем. Аз масҷид баромада давиданд тарафи Бардевор, бе силоҳ. Дар барфи баланд дур рафта натавонистанд. Медиданд, ки онҳо силоҳ надоранд, аз бисту шаш нафар бисту се нафарашонро ба шаҳодат расониданд. Як нафар ҳисорӣ, ки ӯ истихборот аз Ҳисор будааст, Судур аз Қӯрғонтеппа пеш аз задухурд дар роҳ баромада будааст Абумуслим аз ҳамон саҳнаи даргир ҷон ба саломат бурдааст. Дар ҳамон деҳаи Вуҷунг бисту се шаҳиди гулгункафанро ба либосҳои танаашон дар бисту се гӯр қатор ба хок супориданд. Дар лавҳаҳо дар болои қабр номи онҳоро сабт намуданд, чандтои онҳоро мешавад ном бурд: Абдулаҳад аз Бохтар, Мулло Муҳамаднабӣ аз Вахш, Ҳиммат аз Колхозобод, Меҳруллоҳ аз Дарбанд. Баъд аз он роҳи Тавилдара ба куллӣ масдуд гардида рафтуомад қатъ гардид. Дар муддати шаш сол доғтарин минтақаи ҷангӣ ба шумор мерафт. Дар муддати чанд соли ноамнӣ хешу ақрабои онҳо натавонистанд аз манзили онҳо дидан кунанд. Ҳоло бошад ақрабо дар дидани Вуҷунг ҳам хоҳиш надоранд. Он қабрҳо ба замин ҳамвор гаштаву нишонае аз исми онҳо намондааст, лекин фарзандон ва наздикони онҳо то ҳанӯз чашм ба роҳанд. Онҳо гумон мекунанд, ки зиндаанду як рӯзе ба наздашон мерасанд. Ҳама он ҷавонмардон, ки аз он тараф баргаштанд фикр мекарданд зери ҳимояи давлат қарор мегиранд. Ҳеҷ бовар надоштанд, ки бо чунин тарзи фоҷеъабор ба қатл мерасанд.

Бародарам Абдулаҳад ва Меҳрулло рафтанд ба дори фано, Ҷаннатул ***Видоъ маъво кун барояшон, ай Худо.***

*Маслиҳат ба ҳаким бояд гуфт,*
*Назди ҳар бехабар нашояд гуфт.*
*Ҷанг бошад диранг натвон кард,*
*Чун ба нохун гиреҳ кушод осон.*
*Пас чӣ ҳоҷат фушурдани дандон,*
*Фатҳу нусрат зи адл эҳёст.*
*Ба фусун сайд моро осон аст,*
*Баҳри он подшоҳ кард Худо.*
*Ки низоми ҷаҳон бувад барпо,*
*Шоҳ бояд хӯрад ғами олам.*
*На ки зон олам фитад дар ғам,*
*Шоҳ бояд, ки хони падар бошад,*
*Аз падар ҳам шафиқтар бошад.*

*Ғазал аз Туғрал*
*Эй ғунчаи хушкида, сaбоpо чӣ шиносӣ,*
*Вэй мурғи гаронгӯша, наворо чӣ шиносӣ.*
*Аз пушти кӣ бошӣ, ба яқин ҳеҷ надонӣ,*
*Одам, ки бувад қадри Ҳаворо чӣ шиносӣ.*
*Менозӣ,ки бобои ту будаст мусалмон,*
*Нашнохта ту худро, Худоро чӣ шиносӣ.*
*Бо кини муғулон буридӣ сари модар,*
*Чингизнигоҳо хоки Бухоро чӣ шиносӣ.*
*Дар тиннати ту нест ба ҷуз бӯқйи тамоку,*
*Ғофил ҳама мулки Ҳиротро чӣ шиносӣ.*
*Афтодаву олуда ба мурдоби бадаҳди,*
*Худ аҳд шикаставу вафоро чи шиносӣ.*
*Доираи фикри ту зи хон то дари мабраз,*
*Каргасманишӣ, мурғи ҳуморо чӣ шиносӣ.*
*Як сатр надониста, зи Фирдавсиву Туғрал,*
*Пас рост бигӯ хушдили моро чӣ шиносӣ.*

## МУЛЛО САДРИДДИНИ ШАҲИД ( 1953 – 1992).

Шогирди Домулло Абдулло аз ноҳияи Ғозималик дар назди Домулло Абдулло дарс мехонд. Дар вақти дарс хонданаш шогирдони зиёде дар атрофаш ҷамъ намуда буд. Дар Ургутмаҳаллаи шаҳри Қўрғонтеппа қариб 50 нафар дар наздаш дарс мехонданд. Дар деҳаи Райсовети Ғозималик ҷойи зисташ буд. Муллобачаи баҳавсала буд. Дар он ҷо

ҳам, чанд ҳалқаи дарсӣ ба роҳ андохта, дарс медод. Ҷавононро ба ҳаракати исломӣ ташвиқ менамуд. Домулло аз дили соф, ки хайрхоҳи ҳама мардум буд, хаёл мекард, ки душман надорам, ба одамони маҳаллааш бовар намуд, ҷони худро ба берун набаровард, дар моҳи декабри соли 1992 Хоҷа Камандир, ки яке аз афроди маҳаллааш буд, ба сараш ҳуҷум оварда, ки ягон кору гуфтори Домулло ба ӯ иртиботе надошт, бе гуноҳ аввал ӯро маҷбур менамояд, ки чанд литр бензинро бихӯрад, баъд ба шиками Домулло аз туфангча тир холӣ мекунад, то ки инфиҷор намояд. Писари калонаш он ҷой ҳозир мегардад, ӯро ҳам ба шаҳодат мерасонад. Ин куштори даҳшатноки бе гуноҳ ҳамаро ларзонд.

То ки қатли манфур андар хоку зер,
Чашми хунполош гардад оқибат аз хок сер.

**МУЛЛО АБДУҒАФФОР ( 1954 – 1999).**

Мулло Абдуғаффор аслан тоҷикободӣ буда, дар шаҳри Душанбе зиндагӣ мекард. Муллобачаи фаҳмидаву ҳушёр буд. Ҷавонони зиёде дар атрофаш ҷамъ шуда буданд. Худ дар ҳаракати ҷавонон шомил буд, дигаронро ба ин ҳаракат ташвиқ мекард. Мулло Абдуғаффорро ҷасораташ ба дараҷае буд, ки дар соли  1990 кафолати бехатарии амнияти Президент ба уҳдаи қувваҳои низомии Русия мустақар дар Душанбе буд. Президент Раҳмон Набиев фишорҳои сиёсӣ бар сараш сахт омад, хост бо ёрии нерӯҳои низомии Русия бо роҳи ҳавоӣ ба тарафи шимол равад. Мулло Абдуғаффор аз ин огоҳӣ ёфта, аз нерӯҳои русӣ наҳаросида, ба фурӯдгоҳ, ба қисмати низомӣ даромада, нерӯҳои русиро халъи силоҳ намуда, Президентро аз дасти онҳо асир гирифт. ӯро маҷбур намуд истеъфои худашро ҳам ба таври хаттӣ, ҳам ба сабти овоз бигирад. Баъди гирифтани ин санад ӯро ба самти шимол, бе ягон зарар гуселаш намуд. Боз ҷасорати дигараш ба ҳамроҳии ду нафар ба ноҳияи Ёвон рафта, қотили мулло Амриддин ва Кароматуллоҳи Қурбонро,ки Восит ном дошт, сар аз тан ҷудо намуд. Дар минтақаи Кӯрғонтеппа ҷанг миёни ҷанубу шарқ ва қувваҳои мустақари Русия бо ҳамроҳии бошандагони ҷануб аз тарафи дигар идома дошт. Моҳи сентябри соли 1992 буд. Ҷавонон дар шаҳри Қӯрғонтеппа, ки як танки пешрафтаи 72 русиро ғанимат гирифтанд, ӯро ба ҳошияи шаҳр бурданд. Бисёр фаъоли хуб буд, лекин тир надошт, пайдо кардани тир ғайриимкон буд, ки мулло Абдуғаффор аз Душанбе омада, дарҳол ба ҳамон танк часпид, гуфт: ин танкро дар ин

ҷо чӣ нигоҳ медоред, тез инро ба ҷабҳа фиристед. Ҳарчанд гуфтанд, ки ин фаъол намебошад, тир надорад, дар ҷавоб гуфт: майлаш, надошта бошад, танк худаш ҳамаро метарсонад, туфангчаро аз ғилоф кашида ба экипажи танк супориш дод, дар роҳ баромад, агар касе монеъ мешавад, мукофоташ як тир аст. Танкро ба самти Қизирқаллъа барои поксозии роҳи Душанбе шаш километр рафта буд, ки БМП_ҳои қувваҳои рус медонистанд, ки тир надорад, ӯро дар муҳосира гирифтанд ва уро саломат аз дасти бачаҳо гирифтанд. Мулло Абдуғаффор танки ғаниматгирифташударо бой дод. Барои ҳамин воқеа лақаби мулло Абдуғаффори танкаро гирифт. ӯ тавассути Бадахшон ба Афғонистон ҳиҷратро идома дод, дар Бадахшон муҷоҳидинро мебинад, дар сармои зимистон моҳи январ ба камбудии хӯрока гирифтор шудаанд ба корвони хӯрокаи нерӯҳои рус мустақар дар Бадахшон шабохун зада, ба ҳеҷ кадоми онҳо осеб нарасонида, як мошин орду равғани онҳоро мегирад ва ба гуруснагони муҷоҳидин ва муҳоҷирин медиҳад. Худ ба вилояти Тахори Афғонистон меравад. Дар марказ аз тарафи роҳбарияти Ҳизби Наҳзати Ислом қозӣ таъин мегардад. Як рӯз дар компани муҳоҷирини тоҷик ба вилояти Қундуз меҳмон мешавад. Шаб мулло Абдуғаффор дар таги тиреза хоб меравад. Як муҳофизаш дар берун аз ӯ муҳофизат мекунад. Шаб як силоҳдор меояд, муҳофизро ба халокат расонида, ӯ як магазин тири калашникро ба тарафи Абдуғаффор ба дохили ҳуҷра холӣ мекунад, вале ба ӯ ягон осебе намерасад. Саҳар хеста, роҳи Тахорро пеш мегирад. Дар таксие менишинад. Соҳиби таксӣ афғон мегӯяд: шумо тоҷикед, дар миёни шумо шахсе бо номи мулло Абдуғаффор аст, ӯро мешиносед? ӯ мегӯяд: Бале мешиносам. Мегӯяд: бо ӯ бирав бигӯ, ки аз Тоҷикистон барои уро ба қатл расонидан, ба дасти як тоҷик пайса ва доллари зиёд фиристоданд, ҳоло он тоҷик дар пайи ин амалиётро иҷро намудан аст. Мулло Абдуғаффор ҳуш аз сараш мепарад, ҳоло он ки шаб аз як сӯйиқасд ҷон ба саломат бурда буд, боз ин суханро шунид, тарсону ларзон ба шаҳраки Толиқони Тахор расид. Ҳамон бегоҳ ба назди мулло Абдуғаффор як афғон медарояду мегӯяд: домулло соҳиб, ҳамин якуним ҳазор долларо як тоҷик бо номи Алӣ ба ман дод, то ки шуморо аз пой дарорам, шумо инҳоро аз дасти ман бигиред. Ман ин корро намекунам. Дар ҷавоб мулло Абдуғаффор гуфтааст: Шумо дар ҳаққи ман хидмат намудед, ба шарте саломат шуморо ҷавоб медиҳам, ки рост бигӯед, дар тахти ин коса нимкоса набошад. Он тоҷикро ном ва мақари зисташро ба ман нишон диҳед.

Мегӯяд: номаш Алӣ, мақари зисташ дар фалон ҷой. Мулло Абдуғаффор рафта, ӯро дастгир намуда, зиндонӣ мекунад. ӯ бе ягон зарбу лат иқрор мешавад, ки ин пулҳоро аз пулиси Колхозобод доданд. Ман бояд ин амалиётро худ иҷро менамудам, лекин аз дастам чунин кор намеомад. Ман ин пулро ба онҳо додам, то ки онҳо иҷро намоянд. То се рӯз аз Алӣ ин ҳарфро пурсон намуд, як хел ҷавоб. Дод баъди як ҳафта ҳукми қатлашро содир намуд. Алӣ хеле ҷавон, соҳиби се фарзанд будааст. Ризвон омада роҳбарии кулли муҷоҳидинро ба даст гирифт, баъдтар ҳама аз Ризвон рӯ ба гурез оварда буданд. Абдуғаффор ду нафар муҳофиз дошту халос, аз Ризвон итоъат намекард, аз чи сабаб буд, Ризвон ҳам аз ӯ сахт метарсид, гуноҳҳои Ризвонро дар рӯяш мегуфт, аз ӯ ҳеҷ тарсу биме надошт. Роҳбарияти Ҳизби Наҳзати Исломӣ аз бими Ризвон касе боқӣ намонд, ҳама ба ҳар тараф рафтанд, ғайр аз мулло Абдуғаффор, ки ӯ ҳам салоҳияташро аз даст дода буд, Ризвон ҳам аз марказ ба Баҳораки Бадахшон рафт. Мулло Абдуғаффор як соли дигар тоқат карда дар он ҷо истод. Пештар дар як баҳси илмӣ ва хатми Қуръони карим дар масҷидлитсеи муҷоҳид ба муносибати ёдбуди қумандони умумии муҷоҳидини тоҷик қорӣ Муҳаммадҷони шаҳид дар шаҳри Толиқон сурат гирифта буд, аз тарафи афғонҳо ҳамроҳи Абдуғаффор иштирок намудем. Мавлавиҳо аз ҳар бобе сухан мегуфтанд, мулло Абдуғаффор ҳам ба сухан даромад. Аз ҳамин ҳадиси Расулуллоҳ (с), ки дар охир уммат ба 73 гурӯҳ тақсим шуда, ғайри яктои он дигараш ба дӯзах меравад, хеле баҳси доманадоре анҷом дод. Боз якду иборати фиқҳӣ дар бораи садақоти нофилаи рӯзи азодорӣ ва ҷоиз набудани он бештар аз се рӯз сухан гуфт. Мавлавиҳои афғон гуфтанд: шумо аз китоби «Фатҳулборӣ шарҳи Бухорӣ истидлол доред. Хуб мешуд аз Иршодуссори шарҳи Имом Бухорӣ, ки бо мазҳаби мо мутобиқ аст, истидлол менамудед. Дигар ба мулло Абдуғаффор мавлавиҳои варзидаи афғон бисёр таҳсин намуданд, гуфтанд, мо шукр мегуем, ки шумо барин донишмандони исломӣ дар байни бародарони тоҷик ҳанӯз ҳам вуҷуд доштааст. Бахшиш, шумо аз мо наранҷед, шумо ҷуръат кардед, сухан гуфтед. Мулло Абдуғаффор дарк кард, ки илму дониши мо ба пояи дониши мавлавиҳои афғон намерасидааст, бояд аз нав илм омӯхт. Оӯзиш дар дили ӯ нақш баст. Мулло Абдуғаффор дар соли 1995 ба Карочии Покистон рафта як қисм китобҳоро мутолиа намуд. Аз таъсири он мутолиъаҳо роҳи шайхиро пешаи худ сохт. Бисёр Қуръон мехонд ва бо кутуби фиқҳӣ низ машғул мешуд. Дубора

ба Тахор омад. Дар хонаи як дӯсти афғонаш ҷой гирифт. Рафту омадашро ба ҳизб қатъ намуд. Мехост ба кӯмаки Аҳмадшоҳи Масъуди фақид бе ҳамоҳангии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ба Тоҷикистон биравад, ки ин барои Ҳизби Наҳзати Ислом хеле хатарнок буд. Бист нафар муҷоҳидин шабона ба ӯ ҳуҷум овардананд, то ки ӯро дастгир ва дар ҳавзаи худ нигоҳаш бидоранд. Лекин афғони дар хонаааш будагӣ аз ӯ сахт ҳимоят намуд. Бист нафар назди ӯ даромадан ҷуръат накарданд. Бо ҳамоҳангии Аҳмадшоҳи Масъуд ва ҳукумати Душанбе Ризвонро ба нерӯҳояш ба роҳи ҳавоӣ ба Тоҷикистон оварданд. Дар қисми шарқии Душанбе камин гирифт. Баъдтар мулло Абдуғафорро ба Тоҷикистон интиқол намуданд. ӯ хост ба тарафи шарқии Қаротегин равад, лекин дар деҳаҳои Элоки Файзобод нерӯҳои Ризвон ӯро асир гирифтанд, асири душманаш гашт. Ҳамроҳи Ризвон буданаш ба саъю кӯшиши мулло Абдуғаффор  чанд асирони Ризвонро озод намуд, аз ҷумла Зуҳуров раиси кумитаи амнияти Тоҷикистонро ба қавле, ки ӯ гуфтааст: ман дар озодӣ бошам, шуморо сафед хоҳам кард, лекин дере нагузашта дар ҷангҳои Ризвон бо нерӯҳои ҳукумати мулло Абдуғаффор асири нерӯҳои ҳукуматӣ гардид. ӯ дигар ба ҲНИТ дар охир муносибатҳои хуб надошт, ҳимояи ӯро ӯҳдадор набуд. Баъди шаш моҳ зиндонӣ будан аз тарафи ҳукумат ҳукми қатлашро содир намуданд ва дар телевизор онро намоиш доданд. Ба либосҳои сафед рангаш заб зард,ки аз сафари охираташ шаҳодат медод.

***Эй ғунчаи хушкида, сaборо чӣ шиносӣ,***
***В – эй мурғи гаронгӯша наворо чӣ шиносӣ.***

***Аз пушти кӣ бошӣ ба яқин ҳеҷ надонӣ,***
***Одам, ки бувад қадри Ҳавворо чӣ шиносӣ.***

***Алвидоъ ай шаҳсавори илми даврон, алвидоъ,***
***Мо ғамгин аз рафтанат, аммо ту шодон алвидоъ.***

***Захм шуд маргат ба ҳар як марди майдон, алвидоъ,***
***Ту кунун осуда, мо гирёну нолон, алвидоъ.***

***Дорад аз баҳри ту хушдил оҳу афғон, алвидоъ,***
***Ҷаннати фирдавс маъво кун барояш, ай Худо.***

**ДОМУЛЛО МУҲАМАДҚОСИМИ АБДУРРАҲИМ.**

Соли таваллуд 1940. Фарзанди диёри Ғозималик ,муллобачаи фаҳмида буд. Устоди аввалаашро намедонам, баъдтар дар назди Мулло Абдулло мехонд. Аз соли 1975 ба ҳаракати ҷавонони мусалмон ҳамроҳ шуд. Ба мисли ӯ дар ин ҳаракат масъулиятшинос босадоқат, ғамхор ҳеҷ касеро мушоҳида нанамудам. Дар аввалҳо гоҳе бо ҳам менишастем. Ман, ки бештар радио гӯш менамудам, аз воқеияти хориҷ ва ҷаҳони ислом огоҳӣ меёфтам. Аз таърихи Бухоро ҳам аз гуфтаҳову шунидаҳо каме огоҳӣ доштам. ӯ аз ҳамин самт ва пешрафти олами ислом пурсон мешуд. Ман он чизе мешунидам ва огоҳӣ меёфтам, ба ӯ мегуфтам. ӯ он миқдор ҷасур ва нотарс буд, ки тез гуфтаи маро таҳлил ва қиёс менамуд, натиҷаашро мепурсид, ман мегуфтам. Домулло, ба мақсади ниҳоӣ расидан каме таҳаммул лозим аст. Об аз чашмонаш мебаромад, боз таҳаммулаш то ба кай, Худованд ҳама чизро барои мо муҳайё намудааст, мо, ки ношукрем, аз уҳдаи чизе баромада наметавонем. Қаҳру ғазаболуд аз назди мо баромада мерафт. Гумон мекардем, ки сахт ранҷидааст, дигар пеши мо намеояд. Як рӯз мегузашт, боз ба назди мо меомад, мегуфт: пушаймон нестам, қаҳр накардам, боз меоям, чӣ мегӯед? Дар ҷануб ва шарқи шаҳри Қурғонтеппа ва дар маҳаллаи Ломонос чанд ҳалқаи дарсӣ дошт, чанд шогирд аз Олимтойи Кӯлоб дошт. Дар миёни мардуми Ғозималик аз ҳама обрӯманд буд. Амри маъруф ва наҳий аз мункарро бе ниҳоят дӯст медошт. Ҳама маросимҳоро ба мисли мавлуди Паёмбарамон ҳазрати Муҳаммад (с) ва дар ҳолати ташрифи ҷаноза ва дар сари қабристон ва тӯйҳои арӯсӣ, аз як то се соат мавъиза мекарданд. Бародароне, ки каме дониши исломӣ медоштанд ё толибилм буданд онҳоро сухан медод, то суханрониро аз худ кунанд. Бисёри бародарон ба дасти ӯ сухангӯву воъиз шуданд. Онҳоро мукаллаф ё муваззаф мекард, ки аз оятҳои Қуръон ва аҳодиси Паёмбар (с) зиёдтар ҳифз намоянд ва адабиётҳое ба мисли «Маснавӣ», Саъдӣ ва Иқбол дар он маросимҳои серодам бигӯянд. Домулло Муҳаммадқосим қисса ва сухан гуфтанро низ ба ҷавонон ташфиқ менамуд, то аз ин услуб ҳам истифода кунанд. Ҳамон васияти ҷавонбухориёни Бухороро баръало иҷро намуд. Аввал паст гап мезад ва баъд баланд гӯякҳоро ба кор андохтанд. Агар дар ҷашну маросиме дар деҳот сухан мегуфтанд, дар шаҳр баръало шунида мешуд. Ин амали Домулло фоидаҳои зиёде овард. Якум, барои афроди сухангӯ мактаби нотиқӣ кушода шуд,

дуввум, дониши баланди ҳар шахс аз рӯйи сухангӯйиаш баҳо дода мешуд, саввум, мардумро аз лаҳву лаъаб, барномаҳои бемантиқи телевизиону кино ба як мактаби адабӣ, ахлоқи ҳамида савқ медод, чаҳорум, дарсҳои исломиро дар аввал пинҳонӣ мегуфтанд, мехонданд, амри ба маъруф ошкоро дастур шуд. Дар диёри мо ин амал ҷорӣ шуд, панҷум ҷунбиши ҷавонони мусалмон аслан ошкор шуд, дар куҷое, ки менишастӣ дар идорот, роҳҳо ва коргоҳҳо, ҳамнишиниҳои хурд дар ҳама ҷо дар бораи ҷавонон сухан мегуфтанд, ҳафтум, садҳо ҷавонони шуҷоъу ғаюр ташнаи имону ислом бо пой мешуд, сафи мо ҳазорҳо нафар зиёд мегашт. Як рӯз ҳамроҳи Қорӣ Муҳаммадҷони шаҳид, Мулло Ҷумъабек, Мулло Абдураҳим, Мулло Қосим дар деҳаи Қизилкучи ноҳияи Бохтар дар як ҷамъомад ҳазор нафар тахмин зада мешуд. Аввал Домулло Қосим чанд сухане гуфт, баъд Мулло Абдураҳими Кӯлобӣ сухан гуфтанд, дар бораи маъракаи Сиффин, ки ҳафтод ҳазор дар ин фитна миёни худ ҷоми шаҳодат нӯшиданд. Мардум ҳама ба як овоз гиря намуданд. Баъди ӯ Қорӣ Муҳаммадҷони шаҳид баромад намуда, аз сирати Паёмбар (с) ва зулми куффори Қурайш бар муслимин, тарзи суханронии балиғ ва фасеҳе дошт, ки ҳеҷ кас гиря нокарда намонд. Баъди дувуним соати суханронӣ мо бо Қорӣ Муҳаммадҷон, Домулло Қосим ва Мулло Абдураҳим ба ҷойҳои торикӣ паст мерафтем, ки он қадар дар назар намоён набошем. Мулло Ҷумъабег шӯхиомез гуфт: Худоё тавба, охир ҳамин шумо набудед, ки дар пеши ҳазор одам рӯ ба рӯ он қадар сухани балиғ гуфтед, ки ҳамаро гирён кардед. Дар баландгӯяк аз ҷойи баландӣ ҳама Шуморо шинохтанд, ҳоло бошад паст меравӣ, ки маро нашносанд, ғам нахӯр, ҳеҷ кас намонд, ки шуморо нашиносад. Ин ошкорбаёниҳо дар соли 1987 давраи бозсозӣ (перестройка) ё ошкорбаёнии Горбачев шурӯъ гардид. Аз тарафи дигар вақти шикаст дар ҳам кубидани асокири Шӯравӣ дар Афғонистон буд, ҳамарӯза тобути ҷавонони ҷурамарг оварда мешуд. Ҳукумат чи гуфтанашро намедонист, дар сиёсати хориҷӣ аллакай бой дода буд, машғули аҳволи баршикастагии худ буд. Лекин бисёр кӯшиш ба харҷ медоданд, ки воқеъаҳои шикасти Афғонистонро пинҳон нигоҳ доранд, ба корҳои динӣ вақти дахолат кардан надоштанд. Аз ҳамин ҷиҳат ислом дар ҳолати рушду нумӯъ буд. Домуллоҳои калон ҳам сукутро бишкастанд, кам гуфтан ва насиҳат карданро бо баландгуяк не, паст шурӯъ намуданд. Лекин ин ҳам ба манфиъати ҳаракати ҷавонони мусалмон анҷом ёфт. Чунки ин корро аввал ҷавонон шуруъ карда буданд.

Асосгузори амри маъруф ва наҳйи аз мункар ошкор даъват намудан Мулло Муҳаммад Қосим ва Қорӣ Муҳаммадҷони шаҳид буданд. Аз рӯйи ҳамин баланду ошкор даъват намудан якум тарс аз дили мардум баромад, дуввум бе дастгоҳи садову симо рӯзномаву маҷалла ҳаракати ҷунбиши ҷавонони мусалмонро дар сар то сари қаламрави ҷумҳурӣ ҳама шинохтанд, ҳатто берун аз ҷумҳурӣ ҳам муъаррифӣ гардиданд. Мулло Муҳаммад Қосим то ҳиҷрат дар бораи ин ҳаракати исломӣ он миқдор ҷонфидоиҳо кардааст, ки худ як китоби бузургҳаҷмеро мемонад. Дар ин мақтаъи кӯтоҳ ғунҷонидани ҳама исору фидокориҳои Муло Муҳаммад Қосимро надорем. Чанд чакидаи фаъолияташ дар Ҳироти Афғонистон мисли ӯ ҳеҷ касро нодида, ки дар ҳаққи муҳоҷирин ва муҷоҳидин хидмат ва ғамхорӣ карда бошад. ӯ дар он ҷо масъули бахши молӣ ва дорой буд. Ин вазифа як вазифаи калидӣ ва ҳаётӣ ин ҳаракат буд. Метавонист дар ин ҳаракат ихтилоф андозад ё онро пора кунад, ё ин ки ҷӯрабозӣ ва хешутаборбозӣ кунад, ба сабру тоқат, таҳаммул ва покизагӣ, ҳамаи инҳоро пушти сар намуд. Ҳеҷ кас аз уҳдаи ин вазифа баромада наметавонист, рафтораш дуруст буд, орӣ аз камбудӣ буд, ки устод Нурӣ бархӯрди беғаразона мекард. Камбудӣ ва норасоиҳояшро дар рӯ ба рӯяш мегуфт, ҳаққи муҳоҷир ва муҷоҳидинро талаб менамуд, лекин ӯ озор намеёфт. устод Нурӣ бисёр ҳам дасти кушода дошт, ҳар чӣ медод миннат намегузошт, одамони гуруснаро метавонист сер карда, лекин аз дидан ва қаноъат кардани чашмгуруснагон чунин мегуфт: Оҷиз мондам ҳар дархост кунандае аз муҳоҷиру муҷоҳид, ки назди Устод Нурӣ дархосте менамуд аз каму зиёд додан каме ризо гардад, оҷиз омада буд, имзо менамуд ва ба ҷойи адад менавишт, Мулло Муҳаммад Қосим, бо назардошти худат файсала намоед, бубинед иҷро кардани ин амр чӣ миқдор хатар ва мушкил дорад, агар зиёдаш бидиҳад ҳам ризо нест мегӯяд, шояд аз ин ҳам барои ман зиёд медод, камаш диҳад дар ҷояш ба ӯ лаънату нафрат мекунад, лекин чунин мурочиъаткунандагон хеле зиёд буданд. Ба онҳо чизе медод, дили онҳоро хурсанд намуда, аз пешаш ҷавоб медод. Бисёри каму костиҳоро дар набудани роҳбар ба қувваи худаш рушду ҳамвор месохт. Вазъияти молӣ дар ғурбат бе ниҳоят тезу тунд буд, инак, нафароне, ки дар дасташон силоҳ доранд, сабаби ноороми ва хунрезӣ мегардид. Панҷ сол ҳамин мушкилоти пурмашаққатро аз сар гузаронид. Ман як бор ҳамроҳаш нишастам, дидам ҳамон шахсест бист сол пеш ҳамроҳ бо ӯ менишастем. Пирӯзии ислом ва муслиминро аз ин болшевикони тунд бесаброна интизор буд, дидам

гулугир гуфт: пирӯзиаш ҳамин будааст, акнун меравем мо дар он ҷойе, ки ҳастем, молҳоро муҳофизат мекунем. Гуфтам: Худо кунад, ки ҳамон ҳам муяссар гардад. Ба ватан баргаштем. Ҳама гумон доштанд дороиаш то зинда буданаш ба ӯ кифоя мекунад, лекин ин тавр набудааст. Омаду таксистиро пешаи худ сохт, лекин ҳамоно чеҳрааш на кушода буд, ки ба ҷурмҳои сохтаву бофта ҳашт сол зиндониаш намуданд, ҳашт солро пушти сар намуд, баъди зиндон ӯро дидам: чеҳрааш кушода, ба ман гуфт: "Ин як неъмат буд барои ман, ҳашт сол ибодати холис намудам, он миқдор хизмат дар зиндон намудам , ки дар озодӣ ҳаргиз намекардам".

## ҲОҶӢ АКБАР ТӮРАҶОНЗОДА.

Бобою падарашон аз уламои маълум ва машҳури Ислом буда, ҳанафӣ пайрави тариқаи Қодирия буда, таҳсилоти ибтидоиро дар назди онҳо гирифтааст. ӯ аз зумраи чунин ашхос аст. Таҳсилоти бенуқсони диниву дунявӣ, назаррасии сиёсӣ ва иродаи мустаҳками вай дар муассисаҳои машҳури таълимӣ, мадрасаи Мири Араби Бухоро, Донишкадаи Исломии ба номи Имом Бухории Тошканд ва Донишгоҳи Урдун таҳсил кардааст ва дар созмонҳои динии мусалмонон фаъолият намудааст.

Дар оғози солҳои 90уми асри гузашта, Ҳоҷӣ Акбари Тӯраҷонзода дар ҳайати идораи мусалмонони Осиёи Миёна ва Қазоқистон идораи мусалмонони Тоҷикистонро таъсис дод.  Соли 1992 аз сабаби сар шудани ҷанги дохилӣ Тоҷикистонро тарк намуд. Яке аз роҳбарони Иттиҳоди Мухолифини тоҷик буд, ки ба ҳайати он ҳизби Наҳзати Исломӣ ва дигар ҳизбҳо дохил мешуданд. Дар гуфтушунидҳои байни тоҷикон ҳайати иттиҳодияи мухолифинро роҳбарӣ мекард. Соли 1997 дар Маскав Созишномаи истиқрори сулҳ ба имзо расид ва соли1998 Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода ҳамчун намояндаи мухолифин муовини аввали сарвазир бо ихтиёри худ аз ин вазифа бар канор шуд ва узви палатаи болоии парлумони кишвар интихоб гардид.

**Баъзе аз корнамоиҳои Акбари Тӯраҷонзода**

Ҳоҷӣ Акбари Тӯраҷонзода баъди хатми Донишгоҳи шинохта дар идораи мусалмонони Осиёи Миёна ва Қазоқистон кор кардааст. Дар соли 1989 дар идораи қозиёт дар Тошканд Муҳамадсодиқ қозии калон буд. Як конфронси исломӣ шуд. Аз кулли ҷамоҳири Шӯравӣ ва хориҷиҳо дар он иштирок доштанд. Дар толор беш аз панҷсад нафар

буд. Раёсати конфронс ба дасти Муфтӣ Муҳаммад Содиқ буд. Рафти конфронсро Акбарҷон бурд, баъд хабарнигорони зиёд нишасти хабарӣ доир намуданд. Муфтӣ саволҳои хабарнигоронро бояд ҷавоб мегардонд. Вақти саволу ҷавоб ҳам шурӯъ гардид. Ба забонҳои русӣ, арабӣ кам, кам англисӣ. Муфтӣ Муҳаммад Содиқ кадомеро мефаҳмид ҷавоб медод, баъзеашро мефаҳмид, лекин ба забони худаш аз ҷавоб гардонидан оҷиз мемонд. ӯ ишора ба сӯйи Акбарҷон намуд. Дар муқобили саволу ҷавоб омода мешуд. Ҳар хабарнигоре ба кадом забоне, ки саволаш дод, забони русиро бо забони русӣ, ӯзбекиро бо забони ӯзбекӣ, форсиро бо забони форсӣ ва арабиро бо забони арабӣ. Ба арабӣ чунон фосеҳу равон бедаранг ҳамчун дипломат ҷавоб медод. Ҳамаро қаноатбахш намуд. Ин ҷавони боилм ва зебоиаш ва шаъну шарафаш ҳамчун нури офтоб ба ҳар тараф паҳн гашт. Мо ҳама дар шигифт будем, ки чунин ҷавони олими фаҳмидаи муосирро Худованд аз диёри мо ба вуҷуд овардааст. Дере нагузашта буд, ки дар соли 1990 Иттиҳоди Шӯравӣ пош хӯрд бо кӯшиши Акбарҷон идораи қозиёти Тоҷикистон мустақил гашт, дар як муддати кори кӯтоҳаш идораи қозиёт ба зинаи баланде дар ҳаёти динӣ, сиёсӣ, фарҳангии ҷумҳурӣ мақоми ҳалкунанда ва ҷойгоҳи худро ёфт. Аз самараҳои кори пурмасъулиятшиносиаш чунон дар ҳоли пешрафт буд,ки дар як муддати кӯтоҳ, ки соле ҳам нагузашта буд, Донишгоҳи исломии Тоҷикистон ба номи Имом Тирмизӣ дар шаҳри Душанбе ба ҳайси нахустин донишгоҳи динӣ кушода шуд. Дар ҳама вилояту ноҳияҳо дарсҳои динӣ расмӣ ба роҳ монда шуд. Масоҷиди ҷумъахонӣ аз 17 ба 360 адад расид. Суръати кушодашавии масоҷиди ҷомеъ ва панҷвақта, инчунин маконҳои дарсхонии динӣ ҳамоно дар ҳоли густариш буд. Девори оҳанини роҳи Ҳаҷи Байтуллоҳ баршикаста шуд, ки мардум роҳи Ҳаҷи Байтуллоҳи шарифро ёфтанд. Уламои исломӣ, аз ҷумла Акбарҷон худаш ва садҳо нафари дигар ба парламони кишвар ва маҷлисҳои маҳаллӣ роҳ ёфтанд. Ҷойи пӯшида набуд, ки Ҳоҷӣ Акбари Тураҷонзода чи дар миёни омма ва дар мақомоти аввали Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар парламон суханаш вазн дошт, ба осонӣ сухани ӯро рад кардан кори осон набуд. Аз ҳама муҳимаш Русия ӯро хуб мешинохт, дар ҳеҷ кораш пеши роҳи ӯро намегирифт. ӯзбакистон ҳам ҳамин назарро дошт. Дар олами ислом ҳам марди шинохта шуда буд. Устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар китоби ҲНИТ саҳ.22 чунин ёдовар шудааст: Корманди қозиёту рӯҳониёни расмӣ кормандони масоҷиду мадрасаҳо низ яке аз ҷараёни қавию бузурги исломӣ ба

шумор мерафтанд он замоне, ки Оғои Тураҷонзода идораи қозиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро сарварӣ мекард, хеле нуфуз, қадру қимати баланд престижи олӣ дошт. Ин ҳақиқатро бояд эътироф кард. Ҳизби Наҳзати Ислом то соли 1990 дар таърихе, ки пушти сар гузаронида буд, сафи аъзои худро ба маротиб зиёд намуда, дар ҳоли зиёдшавӣ буд. Дар як вилояти Қӯрғонтеппа сафи аъзо 6800 нафар ба ҳамин миқдор дар шаҳри Душанбе ва атрофаш ва дар вилояти Суғд ҳам дар ҳоли афзоиш буд. Дар Қаротегин ҳам ба сафи ҳизби ҲНИТ пайваста буданд. Дар вилояти Кӯлоб ҳам дар бештарини ноҳияҳо Данғара, Кӯлоб, Муминобод, Ховалинг, Саветский ва Фархор ҷавонони зиёде ба сафи ҳизб пайваста буданд. Ин пайвастшавӣ саросарӣ идома дошт. Аъзои ҳизб дар маҷмӯъ ба бисту ду ҳазор тахмин зада мешуд. Як қисм шахсоне буданд, ки ба ҳизб кӯмаки молӣ мерасониданд, ҷонибдори зиёиён ва мардуми омма ҳамоно дар ҳоли афзоиш буд. ҲНИТ ҷойгоҳи худро дар миёни оммаи мардум ёфт. Роҳбарияти ҳизб торафт мавриди пурсишу пажуҳиш қарор мегирифтанд. Мулло Абдулло исмаш ба Сайид Абдуллоҳи Нурӣ табдил ёфт. Мулло Муҳаммадшариф ба Муҳаммадшариф Ҳимматзода табдил ёфт. Дар тамоми рӯзнома ва маҷаллаҳо номаш пайдо гашт. Мулло Абдуллоҳ аз ҳамон реҳлати қиблагоҳаш марҳум Домулло Нуриддин дар соли 1986 дар ташрифи ҷанозааш токивор ҳис накард, бадгӯйӣ аз тарафи рӯҳониёни бонуфузи ин ҷо он ҷо шунида мешуд. Баъзе нафароне буданд, ки аз рӯйи нофаҳмӣ дар хашм мешуданд, ки мабодо шумо моро мисли онҳо баъди даргузаштамон бе хайрот бигӯронед, лекин ин бадгӯиҳо ҳам ба манфиъати ҳаракати ҷавонон хотима ёфт, чунки мардум тез дарк намуданд, ки ин исрофоти риёӣ бехуд, аз ҷумла хайрот намебошад. Боз ҳам шаъну шарафи Домулло Абдуллоҳ ва пайравонаш афзуд. Аз тарафи зиёиён ва донишмандони гуногун ҷонибдорӣ ёфт. Лекин ҳаракати ҷунбиши ҷавонони мусалмон аз тарафи рӯҳониёни бонуфузи дин ва аз тарафи мақомоти ҳукуматӣ, аз тарафи кумитаи амният (КГБи Русияро дар назар дорам), ҳеҷ вақт дастгирӣ наёфт, ки ин ҳолат то имрӯз идома дорад.

Домулло Абдулло дар соли 1988 дар авҷи қудрат ва шукуҳи худ расида буд, азбаски дар аввал ягон ҳидояткунандаи таҷрибаи сиёсидор ё сиёсат аз сараш гузаронида бошад, ҳамроҳаш кор ё ин ки ҳамкорӣ накард, дар ҳама афкор худро танҳо ёфт, дигар ҳеҷ роҳе надошт, фақат ба фикри худаш маҷбур буд, ки ҳал намояд. Дар масоили ҳаллу фасли сиёсӣ маълум шуд, ки бе пурсиши касе дар миён гузоштани

масъаларо худаш тасмим мегирифт. Дар соли 1989 тасмим гирифтанд, ба парлумон пешниҳод намоянд, ки Ҳизби Наҳзати Исломиро расмӣ намоянд, (бе ягон машварати Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзодаро дар назар дорам), ки ҳаракати ҷавонони мусалмон аз ӯ ҳимоят мекарданд, на фақат ҳимояти забонӣ, балки лозим мешуд ҷони худро, месупориданд. ӯ ҳам ба ҷавонон эҳтироми хос дошт. Устод Нурӣ. аз ӯ барои расмӣ кардани ҲНИТ ягон машварат дар алоҳидагӣ ё ошкор ё мустақим ё ин ки ба восита дар миён нагузашт, ҳол ин ки бузургӣ ва вазни ин одамро медонист. ӯ ҳам аз ҳама ҳаракати ҷавонон огоҳӣ дошта, дар дарун ниҳодҳое, ки назарот доштанд, родмардони бонуфуз ба ҷавонони ислоҳталаби дин якҷоя нашаванд, устод Нуриро. мутақоид намуданд, ки пешниҳоди шуморо парлумон бипазирад, шумо ду ҳизби динӣ дар якҷоягӣ бо идораи қозиёт бояд пешдаст бошед. Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода ба ин кори шумо зид нест. Устод Нурӣ ба нияти нек гуфт аз машварат ба Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода кардану нокардан, ӯ бародари мост, ӯ ҳамеша бо мост. Бехабар аз ин, ки Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода бисёр чизҳоро медонад, нобоварии Русияро медонад, Русия касеро азоби зиндон дод ба ӯ эътимод надорад, амният Русияро аз қафои мо медонад, душмани ниҳодҳои ҳукуматиро бар зидди мо медонад, зиддияти уламои саршинос, то кунун даст аз бадгӯӣ аз сари мо накашиданро медонанд. Тавонистанд, ки пешниҳоди ҲНИТро то расидан ба парлумон аз Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода пинҳон доранд. Ҳоҷӣ Акбар бехабар ӯро ба овоз мондани ҳамаи парлумон мисли хабар кардагӣ овози мусбат доданд. Ҳоҷӣ Акбар овози манфӣ дод, ҳеҷ вақт парлумон тарафдори расмӣ шудани ҲНИТ набуд. Ба хотири ду шоха ва як мазҳабро зид нигоҳ доштан, сенарияро хуб бозиданд. Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода ҳам сукут карданд. ӯ наметавонист сухан гӯяд, худро дар рӯ ба рӯйи фитна ва ихтилоф дид, душмании парлумон ва атрофиёнашро, ки ба дин пай бурд, давомашро мушоҳида кард, фақат худаш медонисту халос, дигар касе намефаҳмид. Дар ҳамон лаҳза овози дарднок мешунид, ана мо парлумони ҳукумат фаъолияти Ҳизби Наҳзати Исломиро расмӣ намудем, ҳол ин ки қозии мусалмонон Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода ба он зид овоз дод. Ҳамаи аъзоёни Ҳизби Наҳзатро бар зиддаш шӯрониданд, лекин ҷавоби Ҳоҷӣ Акбар бе овозу бе садо буд. ӯ нақшаҳое дошт, ки аз ҳаракаташ метавон қиёс намуд. Якум ӯ авлодан мавриди эҳтироми ҳама мардум буд, дуввум тиннати роҳбарӣ ва мудирият дошт, саввум олими машҳур аз мактабҳои динӣ тахти

тасаллути русӣ гузашта буд, тарзи тиҷорат ва ҷалби сармояи хориҷиро дошт ва аз ҳама муҳим мардумро дар атрофаш метавонист ҷамъ намояд. Аллакай хатари ҳуҷуми болшевикони тундррав бар болои ҳаракати ҷунбиши исломии ҷавонон ҳис намуда буд, барои рафъи ин хатар чораҷӯйӣ менамуд. Аз ҷавонон хоҳиш дошт, ки Русия дар қазияи ҷунбишҳои дини ислом ниҳоят бераҳм аст, аз ба расмият даровардани Ҳизби Исломӣ, ки ҳамаи шуморо ба ҳисоб гирифта, баъд ба сари шумо чиро раво мебинад, Худо медонад, шумо каме сабр ва худдорӣ намоед. Ман дар идораи қозиёт ҳам ҳар ислоҳоти диние, ки мехоҳед дастам бирасад иҷро хоҳам кард, суханам дар русҳо мегузарад, мақомоти иҷроияи маҳаллӣ иҷроаш хоҳад кард. Имкон мерафт ба машварати русҳо шеваи ҳукумати Чеченҳоро ба роҳ мемонд. Дар мавриди сулҳ аз ҳамон рӯзҳои аввал ҷонибдори сулҳ буд, дар охир норизо аз раванди сулҳ буд, назараш ин буд, ки агар хоҳед, ки раванди созишнома одилона бе хунрезӣ татбиқ шавад, сарони мухолифин баъди иҷро шудани он дохил биёянд, дар ғайри ин одилона бандҳои созишнома дар дасти як ҷониб қарор гирифта, одилона татбиқ намегардад, балки мавриди нофаҳмиҳо дар оянда мегардад. Ин пешниҳодҳои ӯ қабул нагардид.

**ДОМУЛЛО МУҲАММАДШАРИФИ ҲИММАТЗОДА (1951-2010).**

Аз Ғундараи дараи Вахё шогирди Махсуми Убайдуллои Ёфучии дарбандӣ, донандаи фалсафа, мантиқ дар миёни ҷавонон ва ҳам шайхони аҳли тасаввуф маҳбубияти зиёде дошта, ҳалқаи дарсиаш дар миёни толибилмон ба як ҳалқаи хос машҳур гашта буд ва он шомили ҷавонон аз ҳама минтақаҳои Тоҷикистон буд. Дониши шогирдонаш нисбати дигар шогирдон аз ҷиҳати мутолеъанокӣ фарқ дошт. Дар аввал майл ба тариқаи Нақшбандия дошт. Дар соли 1978 ба ҳидояти Мулло Абдулло барои ҳамроҳшавӣ ба ҳаракати ҷавонони исломӣ пайваст гардида, аз баҳри ин ки шогирдону пайравони зиёде дошт, ҳамаи онҳоро ба ҳаракати исломии ҷавонон пайваст намуд, ба иқтидори ҳаракати ҷавонон афзуд, қаноти дуввум дар марказ ба вуҷуд омад, иқтидори ҳаракат ду баробар гардид. Домулло дарсгӯиҳои шабонарӯзӣ дошт. Барои дарс гуфтани шогирдони бомутолиа худаш ҳам мутолиаи зиёд менамуд.Чуноне ки медонед, дарс гуфтани шогирдони боистеъдод лозим мегардад устодро, ки ду баробари дигар китобҳоро мутолиа ва аз назар бигузаронад. Ин меҳнат ва мутолиа ва тадриси даҳсола ӯро як файласуфи варзида намуд. Дар

Анҷумани нахустини ҳизб соли 1991 раиси ҲНИТ интихоб гардид. Масъулияти раиси ҲНИТро то соли 1999 ба уҳда дошт. Охири соли 1992 бар асари ҷанги шаҳрвандӣ иҷборан ба Ҷумҳурии Исломии Покистон ҳиҷрат карда, дар сохторҳои роҳбарикунандаи ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон фаъолона ширкат намудааст. Ҳамзамон аз соли 1993 то соли 1997 дар Донишгоҳи Байналмилалии Покистон таҳсил карда, онро ба ихтисоси ҳуқуқшинос Бакалавр хатм кардааст.
Баъди бозгашт ба ватан ӯ аз соли 1994 то соли 1997 иштирокчии фаъолу бевоситаи музокироти сулҳи тоҷикон буд. Аз июли соли 1997 то моҳи октябри соли 1998 узви зеркомиссияи сиёсӣ буда, аз моҳи октябри соли 1998 то 1 апрели соли 2000ум ба ҳайси зеркомиссияи ҳуқуқи КОМ ифои вазифа намудааст. Дар истиқрори сулҳ ва оштии миллӣ дар кишварамон хидматҳои арзандаеро ба ҷо овардааст. Муҳаммадшариф Ҳимматзода олим ва чеҳраи оламшумул, ки дар таърихи кишвар ва сафҳаи қалбҳои мардуми мусалмон сабт гаштааст, миёни донишмандони кишвар мақоми махсуси эҳтиромро соҳиб аст. ӯ дорои дониши хуби исломӣ ва яке аз фақеҳони бузург ба шумор меравад. Дар ҳалли бисёре аз масоил саҳми арзанда ва назари махсуси худро дошт. Дар баробари рушди замон ва пешравии ҷомеаҳо назари ӯ таҷдид меёфт ва дар ҳама ҳолат фикри нав ва назари тозаеро пешниҳод мекард. ӯ дар хориҷ маъруфу машҳур мебошад. Муаллифи даҳҳо мақолаву таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла китобҳои «Дар ҷустуҷӯйи зиндагӣ» ва «Осори Абуҳанифа» ва ғайра мебошад. ӯ донандаи хуби забони арабӣ, русӣ ва англисӣ буд. Муҳаммадшариф Ҳимматзода дар Комиссияи оштии миллӣ зеркомиссия буданд ва раиси комиссияи ҳуқуқӣ буданаш ҳама вақт метавонист ҳарфашро бигузаронад. Ҳарчӣ ки ӯ мегуфт, ҳамон чиз мешуд. Дар китоби ҲНИТ с. 52 овардааст: Барои ман ҳамчун ширкаткунанда ҳамаи давраҳои музокирот ифтихор аст, ки дар роҳи ба даст овардани сулҳу оштии миллӣ саҳми худро гузоштам. Ба ҳамагон маълум мебошад, ки бадтарини сулҳ беҳтар аст аз ҷанг, аз ҳамин ҷиҳат ба умеди неъмати сулҳ ҳамеша гузашт намудем. Муҳаммадшариф Ҳимматзода аз 27 феврали соли 2000ум вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, узви кумитаи оид ба корҳои байналмилалии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва итилоъот буд. Чуноне ки ҲНИТро дар миёни давлатҳои исломӣ ва Аврупо шиносонид, дар сатҳи байналмилал ҲНИТ баробари Ҳукумати Тоҷикистон эътирофаш намуданд, ки ин ҳизби исломӣ муътадил на ифротӣ, мебошад, ин кори осон набуд, боз дар

вақти парлумон буданаш он кина ва адовате, ки нисбати ҳизб дар миёни нафарони ҳукумат ва аъзоҳои парлумон буд, ӯро аз байн бурд. Дар ҳама баҳсу муно зираҳо аз Ҳимматзода мепурсиданд ва ба суханҳои ӯ эътироф доштанд, ҳама бадгуйҳоро нисбати ҲНИТ қариб хотима дода буд. Депутатҳои фаҳмида мегуфтанд: Ҳимматзода масъулиятшинос аст, аз уҳдаи кораш мисли ӯ касе баромада наметавонад. Барои ҳизби исломӣ каси дигар даркор намебошад. Ҳамин як нафар ҳама хостаҳои ҳизбро дар парламон мегузаронад, афсӯс мехӯрем, ки Ҳимматзода дар бораи ҷавонбухориёни Бухоро баъдтар тафаҳҳус намуд. Дар соли 2003 дар китоби ҲНИТ 30солагӣ дар саҳифаи 47 ҷавонбухориён дар охири асри XIX аввали асри XXум дар саҳнаи сиёсии диёри Мовароуннаҳр зуҳур карда буданд, шуморидан мумкин аст, вале мутаассифона, ормону амал, умеду орзу ва ҳадафҳои ислоҳотхоҳияшонро онҳо бо худ ба гӯр бурданд, зеро баъди ишғоли Осиёи Миёна аз тарафи Русия, ки дар он кишвар нерӯҳои тундгарои болшевикӣ, қудрати сиёсиро ба даст гирифта, дар ибтидо ба хотири ҷалби ҳимояи рӯшанфикрони бухороӣ, кӣ буда, истисно ҳама ҷавонони таҳсилкарда ва равшанфикр тарбия ва таълими исломӣ доштанд. Ваъдаи ислоҳоти сиёсӣ, иҷтимоъӣ ва озодиҳои динӣ доданд. Бино бар ин онҳо аз инқилобу шиорҳои ҳуррияту озодӣ мафтун гашта аз он пуштибонӣ карданд, зеро гумон доштанд, ки ин инқилоб метавонад ҳама ҳадафу ормонҳоеро, ки онҳо доранд амалӣ намоянд, вале қазия тавре, ки тасаввур доштанд сурат нагирифт, ки он ба ҳамагон маълум аст. Агарчи аз солҳои бистуми қарни гузашта то оғози ҳаракати нав ислоҳотҳои исломӣ, яъне ҲНИТ тақрибан панҷоҳ сол фосилаи замонӣ аст ва гумон мерафт, ки устухонбандии чунин афкору ҳаракатҳо пӯсида нашудааст ва дигар чунин ҷунбишҳо дубора эҳё нахоҳад гашт, вале маълум гардид, ки ин афкори пешқадам дар чеҳраи ҳаёти мардуми мусалмони диёри Бухоро боқӣ монда буд. Барои эҳё ва наҳзати дубора он вақти муносиб ва роҳбари наве лозим буд. Аз ҳамин ҷиҳат зоҳир шудани ҳаракати сиёсии ҷавонони ислоҳотхоҳи исломӣ дар ин минтақа дар солҳои ҳафтодуми асри гузашта, чизи ғарибу бегона набуд, балки он бидуни шакку шубҳа идомаи ҳамон наҳзате буд, ки солҳои бистуми қарни гузашта бо сабабҳои маълум мисли Асҳоби Каҳф ба хоби беҳаракатӣ дар ғор пинҳон буданд ва давомдиҳандагони роҳи онҳо барои исботи ҳақиқати ин роҳ дубора он афкори пешқадами ислоҳотхоҳӣ, истиқлолталабӣ ва озодихоҳи исломиро эҳё намуданд. Ҳақ ба ҷониби

домулло Муҳаммадшариф Ҳимматзода файласуфвор нуктаеро пажуҳиш ва равшан сохт, ки қалб дар сӯз аз чашм ба ҷойи оби дида хун мерезад, ки чаро сулҳ кардем аз соли 2003 ин ҷониб дарк карда буд, дигар ҳарфе дар мақолаву баромадҳояш аз сулҳ намезад. Хулоса, ҳамон болшевикҳои тундрав аввал хостанд Амир Олимхонро ба ҷони ҷавонбухориёон биандозанд. Тавре, ки мехостанд Амир бар онҳо бархӯрд накард, барои ҳамин кина буд, ки Амирро аз тахти Бухоро дур андохта, ғарибаш карданд. Ҷавонбухориён то давраи шикасташон 12сола таърих доштанд нуфузи мардумӣ на дар ҳама қаламрави Бухороро доштанд. Теъдоди онҳо нисбати мо даҳҳо маротиб камтар буд, онҳоро тез ба ҳисоб гирифтанд, маҳв ва нобудашон сохтанд, ҳама воқеъаҳое, ки дар соли 20ум аввали асри XIX рӯй дода буд, боз дар даҳаи 70уми аввали асри XXум задухӯрд даст ба гиребони афғонҳо буд. Аз як даҳа зиёдтар он давом дошт. Аз солҳои 80ум то 90ум пайваста аз пайи ивазкунӣ буданд. Дар ин банду бахшҳои болшевикҳои тундгаро ҳаракати ҷавонони мусалмони точик худро ба мардум шиносониданд, садҳо баробар дар қиёс ба ҷавонбухориёни Бухоро иқтидор ва қудрат дар миёни мардум касб намуданд. Ҳаракати ҷавонони мусалмон чашми болшевикҳои тундравро сахт тарсонду яқин карданд, ки ба ҳар роҳе, ки набошад мисли аввали асри XIX пеши роҳи онҳо гирифта нашавад, сарҳади 120солаи мо аз байн меравад ва тамоми Осиёи Миёна аз даст меравад. Нақшаи аввалаашон ин буд, ки тоҷиконро ба ҷони якдигар биандозанд, ҳар чӣ тавонанд якдигарро бикушанд, заъифу нотавон гарданд. Қӯшуни низомии дар Тоҷикистон мустақарбуда, гурӯҳҳои ба нафъи мо бударо ҳимоя, мухолифонро саркӯб мекунанд, ба дасти худашон. Дуввум сарҳадро кушоданд, то ки ононе, ки ҷонибдори мо ҳастанд мемонанд ё ин ки Русия мераванд. Ононе, ки ҷонибдори ҳаракати ҷавононанд тарафи Афғонистон мераванд, дар ҳамон ҷойи шакл нагирифта, аз номи дигарон маҳву нобудашон мекунем. Ба иҷрои нақша шурӯъ намуданд. Президенти вақт Раҳмон Набиро амр карданд, ки ба мухолифони Наҳзат силоҳ тақсим намуда, аз телевизон намоиш доданд, лекин Набиев ба ин кор ҳаргиз ризо набуд, ӯ аз боварӣ баромад ӯро ба дасти ҷавонони исломӣ ба асирӣ доданд, то ки ӯро дарҳол аз байн баранд, лекин ҷавонон ин корро накарданд, истеъфояшро гирифтанд ва саломат ҷавобаш доданд, нақшаи русҳо дуруст набаромад. Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ ташкил доданд. Русия на ӯро қабул кард, на ба расмияташ мешинохт, қӯшуни Русияи дар Тоҷикистон буда ба ҳар ду тараф силоҳ медод, бо

пулу бе пул ҷанги мулкиро чунон ба роҳ андохтанд, ки дар куштори якдигар мусобиқа ба роҳ монданд, лекин нерӯҳои русӣ ҳеҷ вақт бетараф набуданд. Бетарафиро риъоя намекарданд. Касе куштори ҳавлнокро зиёдтар ба роҳ меандохт, ӯро сирран ва аланан тарафдорӣ менамуданд. Бегуноҳро аз ду тараф, ки бештараш ба ҳаракати исломӣ рост меомад, бисёраш зану кӯдаку афроди мулкӣ буданд. Дусад ҳазор ба Афғонистон фирорӣ гашт. Бисту ҳафт ҳазор хонаро ба оташ кашиданд, ки аз ин ватан ғариб кошонаашон бе ҷо намуда, бештари онҳо аз қисматҳои ҷанубу шарқ буданд. Барои инки дигар пас нагарданд, нақшаи дуввуми муҳоҷирине, ки ба шимоли Афғонистон ворид гаштанд, хешу табори хунӣ ва имонии худро дарёфтанд, якдигарро дар оғӯш гирифтанд. Аҳмадшоҳи Масъуд дар вақти даромадан онҳоро ҳимоя намуд. Болшевикҳои тундрав якуним миллион нафарро бе хонаву ҷой карданд. Ноҳияи Бохтар 167 ҳазор, Вахш 111 ҳазор, шаҳри Қӯрғонтеппа 45 ҳазор, ки мақари зуҳури ҳаракати исломӣ буданд, муҳоҷир гаштанд. 154 ҳазор инсони мулкиро зачран қатл намуданд ва мардуми афғон онҳоро пешвоз гирифтанд муҳоҷиринро дар оғӯш гирифта мегиристанд ва мегуфтанд, хуш омадед. Аксари муҳоҷиронро то барқарорӣ дар хонаҳои худ ҷой доданд. ҲНИТ ба ҳаракати исломӣ табдил ёфт. Аз сохтори хуб бархурдор буд. Дар ҷаласаи аввали худ ба шакли ҳукумати дар табъид, дар вилояти Тахор, раис ва муовинонаш таъин гардиданд. Мулло Абдулло, раис, Ҳимматзода, Тӯраҷонзода, Давлат Усмон муовинони раиси кумитаи низомӣ мулло Муҳаммадрасул, қозӣ, Мулло Абдуғаффор раиси пулис, Амрулло, раиси таълиму тарбия, Домулло Абдулҳай, раиси амният, мулло Ҷумъабек бахши муҳоҷирин, мулло Муҳаммадалӣ муҳоҷирини тоҷик аз як низоми сирф исломии шарафманд соҳиби давлат дар табъиз зиндаги шурӯъ намуданд 11 намуд мавод ба сари ҳар нафар орду равған, биринҷ, намак, собун, чӯби сӯхт, либоси пӯшиданӣ, доруворӣ ва чӯби хонасозӣ. Ин кӯмакҳо аз тарафи мусалмонони хайрхоҳи дохилӣ ва хориҷӣ сурат мегирифт. Ҳамаи ин дӯстдориҳо барои азамати ислом буд. Ҳама бар ин назар буданд, ки инҳоро барои дифоъ аз ислом аз ватан, хонаву ҷой ғарибашон намуданд. Кӯмакҳои аз тарафи Комиссарияти СММро рад намуданд, мегуфтанд дусе бор кӯмак кунад, баъд моро аз созиш ба болшевикҳои тундрав ташвиқ хоҳад кард. Мо ба кӯмаки ғайри мусалмонҳо эҳтиёҷ надорем. Авомили хориҷиҳо мегуфтанд, муҳоҷирини тоҷик обрӯмандтарин ва шарафмандтарин муҳоҷир дар

байни муҳоҷирини олам мебошанд. Ҷангҷӯёни Русия тибқи барнома дар моҳи декабри 1993 раёсати ҷунбиши исломии тоҷикро бомбаборон кард, як бомба дар мақар асобат намуд, чор нафар аз муҳоҷирин шаҳид гаштанд, як бомба дар муставфӣ вилоят (молия) асобат намуд, 12 дӯкон ба хок яксон шуд. Субҳи барвақт буд, адади ба шаҳодат расидогон кам буд, маҷруҳшудагон аз 52 нафар зиёд буд, аз бародарони афғон буданд, шахсони балво бардоштанд, ки ба хотири тоҷикон болои шаҳри моро бомбаборон мекунанд аз шаҳр берун равонд, мавлавиҳои афғон дар байни бозори издиҳом баланд ба мардум гуфтанд, эй мардум аз Худо битарсед, русҳо моро 10 сол аз барои тоҷикон бомбаборон карданд ин бомбаборонро ба сари тоҷикон назанед, онҳо меҳмони мо мебошанд, то ҷон дорем онҳоро дар оғӯш нигоҳ медорем, агарчи ҳамаи мо кушта шавем ҳамин корро дар Баҳорак, ки муҷоҳидин дар он ҷо буданд, дар бомбаборони он ҷой бист дукон сӯхт дар ин ҷой ҳам акси садо набуд, мегуфтанд то пирӯзии шарафатмандонаи ислом барнахоҳем гашт ба ватан. Дар соли 1994 хостанд ҳавзи обнушии муҳоҷиронро заҳролуд кунанд, ин ҳам пешгирӣ шуд ба номи тайёраҳои ҷангӣ. Дустум Қундузро бомбаборон кард, аз чи сабаб буд, ки шаҳро намезад болои компи муҳоҷирин, ки дар майдони ҳавоӣ буданд, он ҷоро бомбаборон мекард ва қувваҳои аскари Дустум вориди шаҳраки Қундуз шуданд, он ҷоро дар як руз дар тасарруфи худ нигоҳ доштанд , ҳамаро монда компи муҳоҷирини тоҷикро ба муҳосира гирифтанд, аз чор тараф бо танк ҳадаф қарор доданд, ҳаштод ҳазор муҳоҷир дар таги ҳамлаҳо сукунат доштанд, як рӯзи ҳашр дар он ҷо ба вуҷуд омад чанд хайма ба хоку хун зану кудакҳо шарбати шаҳодат нушиданд. Бегоҳи рӯз буд, ки қувваҳои Аҳммадшоҳ онҳоро чунон дар муҳосира гирифтанд дигар тобу тоқати гурез ҳам надоштанд, қисми зиёди қувваҳои Дустум ба ҳалокат расиданд, як қисмашон пойи пиёда фирор намуданд, як қисмашон аз тангии ҷон ба хаймаҳои муҳоҷирини тоҷик дар компи майдони ҳавоӣ паноҳ бурданд, ҳама танкҳои Дустумро ғанимат гирифтанд, як қисм паноҳандаҳои Дустум дар хаймаҳои тоҷик паноҳ бурданд. Вақте ки аз онҳо пурсон карданд ҳувияташон маълум гашт, ки аскарон аз қувваҳои мусаллаҳи ӯзбакистон аз рӯйи ҳуҷҷатҳояшон тасдиқ мекард. Маълум гашт, ки тайёраҳои бомбаафкан ва танкҳо нафарони ки ҳастанд ва барои чи ҷанг мекунанд, ҳадафашон кист онҳо болшевикони русӣ ҳадафашон нест кардани ҷунбиши ҳаракати исломии тоҷикон будааст ба ном ҳуҷуми Абдурашид Дустум ба

Қундуз муҷоҳидини тоҷик то рафт иқтидор ва қувваташ пуршиддат буд. Машқу тамрин медиданд застави 25 қувваҳои сарҳадбони мустақар дар марзи афғонро дар ҳам кубиданд муҳоҷирини тоҷик муҳимоти зиёде ба ғанимат гирифтанд, контроли сарҳад дигар ноустувор гашт қисматҳои Бадахшон дигар рафту омади муҳоҷиринро ба дохили сарҳад гирифта наметавонист, ягон нақшаи болшевикони тундрав ба таҳаққуқ намепайваст. Обрӯи наҳзати ислом ва муҷоҳидин он дар сатҳи кишварҳои ҳамсоя ва берун аз онҳо баромад. Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар сафарҳояш ба кишварҳои ҳамсоя ҳамчун як роҳбари барҷаста пазироиаш мекарданд воқеъаҳои ҳизби наҳзат дар сархати хабарҳои радиоӣ қарор дошт, қариб даҳ дақиқа, ахбор таваҷҷӯҳи шунавандагони минтақаро ба худ ихтисос дода буд. Ҳиматзода чи мегуяд ва Тураҷонзода чӣ мегӯяд. Боз болшевикони тундрав аз сутуни панҷум ҷосуси одамхӯрӣ худ Ризвонро дар либоси муҷоҳидин ба Афғонистон фиристоданд ӯро то шинохтанд, муртакиби ҷиноятҳои сангин гардид, барои ӯ фарқ надошт ҳар касеро танҳо меёфт мекушт. Худро амири муҷоҳидини Ҳизби Наҳзати Ислом муаррифӣ менамуд дарди сарҳое эҷод намуд аз зикри ҷиноятҳои ӯ шунидан дили инсон хаста ва хиҷил мегардад. Дар бораи ӯ як китоби алоҳида бояд навишт. Ба фазли Худованд ӯ ҳам барои пароканда кардани муҷоҳидин ба мақсад нарасид.

### САЙИДУМАР ҲУСАЙНӢ (соли таваллудаш 1961).

Сайидумар Ҳусайнӣ зодаи Муминобод шогирди Домулло Саидумрон ба даъвати Қорӣ Муҳаммадҷони шаҳид гароиш ба ҳаракати ҷунбиши ҷавонон пайдо намуд. Дар соли 1979 ба узвияти ҷунбиши ҷавонони исломӣ дохил шуд. Дар соли 1988 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм намуд. Сайидумар аз ҳамон рӯзҳои аввал як ҷавони босадоқат, боимон, дилчасп ва ҷолиб буд баназар мерасид. ӯ ба ҳар ҷавоне, ки ҳамсуҳбат мешуд, ба дили ӯ роҳ меёфт. Дар ҳаракат ин корро пешаи худ сохт. Дар байни ҷавонони шаҳри Душанбе ва Кӯлоб ҷавонони зиёдеро таҳаррук дод. Ин санъати волои даъват дар ӯ вуҷуд дошт. Фаъолияти пурсамарашро то соли 1992 идома дод. Дар ҷангу ҷидолу нофаҳмиҳо доимо кӯшиш ба харҷ медод, ки ин каҷфаҳмиҳо бо кадом роҳе бошад рафъ гардад. ӯ медонист, ки ин мардум ба якдигар ҳеҷ душманӣ надоранд, ин ҷанги таҳмилӣ ва сохта мебошад. Аз тарафи ҷиноҳи саввум ҳамон болшевикони тундрав, ки ҳадафашон фақат як чиз мебошад дар ҳам кӯбидани ҳаракати Наҳзати исломии ҷавонони

мусалмон. Ҳадафи ниҳоиашон маҳв ва нобуд кардани ин ҷунбиш.Сайидумар эътиқоди росих дошт, ки мо мардум ба якдигар ҳеҷ душманӣ надорем. Он қадар мардумро ба якдигар шуронида буданд, ки ҳеҷ кас бовар надошт, ки як нафаре аз Кӯлоб ба Қаротегин сафар намояд, лекин Сайидумар ба водии Қаротегин сафар намуда, аз дили софу беғараз дар ҳар ҷое рафт ҷавонон аз ӯ пазироӣ намуданд. ӯ ҷавононро ба бурдборӣ, ба сабру тоқат мубориза дар ҳадафашон даъват намуд. Ба ҳамон роҳи хатар ва даҳшатнок худро ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон расонид. Сайидумарро чӣ чиз водошт, ки ба Русия не, ба ягон минтақаи дигар наравад, ба ҷойе ҳиҷрат намуд, ки аз рӯйи маҳал, на аз рӯйи дин садҳо ҳазор муҳоҷир ва муҷоҳид рақиби ҷонаш буданд. Аз куҷо медонистанд, ки ин ҷавон кист ва чикора аст. Маҳалро фаҳмидан барои онҳо кифоя буд. Дар он ҷо рафт, касоне ӯро медонистанд, ҳеҷ кас ба ӯ зараре нарасонд, ҳатто сухани баде дар ҳузуру ғайбаш ба ӯ нагуфтанд. ӯ мавриди боварии устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ буд, ӯро боз устод ба кори ҷавонон водор намуд, лекин берун аз маҳдудияти муҳоҷирин буд. Баъзе супоришҳои устодро бо кори муҷоҳидин иҷро менамуд. Ман худам сарпарастии муҳоҷиронро ба ӯҳда доштам, як рӯз аз устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ пурсидам Сайидумар истеъдод ва корнамоиаш ба ҳама чиз мерасад, ба ягон кори масъулияти баландтар мансубаш кунед чӣ мешавад? Гуфт: ин ишорае кардед бисёр хуш шудам, ки он шахсро шинохтед шумо ҳар чизе мегӯед аз он болотар мебошад, лекин шумо мебинед, ки аз маҳалли ӯ дар байни муҳоҷирин касе нест, дар байни муҷоҳидин касе набуд, рост, пайдо мешавад, беҳтараш масъулияти баландтараш надиҳем, то ки ӯро аз рӯйи  маҳал нашиносанд. Ман фаҳмидам, ки дар назди устод масъулиятҳои басо муҳим ҳаст. Дар соли 1994 Ризвон дар вилояти Тахор буд, номи ӯ сари забонҳо буд. Дар бораи ӯ ҳар чизе мегуфтанд, касе ӯро ҳазрат мегуфт, касе бе раҳму хунрез мегуфтанд. Ризвон дар вулусволи Фархор, Афғонистон бо ҳамроҳии сад нафар, ки аз ӯ итоъат менамуданд, қароргоҳ икмолоти хӯрока, сарулибос ва муҳимоташон ба дӯши устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ буд. Як рӯз дар мақари наҳзат будам, дидам мулло Сайидумар як ҷавони зебо дар назди мошини газ 66 истода буд, лабонаш механдид, чеҳрааш норизо метофт, мисле, ки аз уҳдаи ин кор чи гуна мебаромада бошам, ман аз дигарон пурсидам, ки ин ба куҷо меравад. Мошин пур аз бор гуфтанд: мулло Сайидумар ин икмолотро барои Ризвон мебарад, дар ҳамон ҷой будам, ки мулло Сайидумар баромада рафт. Боз гуфтанд, ки

Сайидумар як муддате ҳамроҳи Ризвон барои икмолоташ мемонад. Дар ҳайрат мондам, ки ин чи сир бошад, нигоҳ кардам устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар утоқи кориаш ором нагирифтам, боз барои фаҳмидан ба баҳонаи кори муҳоҷирин ба назди устод даромадам. Он рӯз дар бораи Сайидумар барои ман дигар чиз фаҳмонда будӣ, ӯро имрӯз ба назди Ризвон фиристодед. Устод гуфт: шумо зиқ ва ташвиш нашавед, Сайидумар шахси боваринок аз имтиҳон гузашта метавонад, ӯ аз уҳдаи муносибат кардан бо Ризвон мебарояд Аз миён як моҳ гузашт. Дигар Сайидумарро надидам, дар бораи ӯ чизе нашунидаам. Мулло Абдуғаффор қозии Наҳзати исломӣ дар шаҳри Толиқон буд ва бо мо ҳамсоя буд, вақти намози субҳ буд ва мошини газ бистучоре дар ихтиёраш буд, омад, рангу рӯяш паридагӣ, сарсону парешон гуфт: "Воқиъаи талх ва даҳшатноке аз сар гузаронидем. Ин бегоҳ ман бо ҳамроҳии устод ва ду муҳофизаш ба ноҳияи Фархор пеш аз шом барои гусел ва дуъодиҳие, ки субҳ ба Баҳорак мерафтанд ба назди Ризвон рафтем. Баъди каме суҳбат вақти намози хуфтан буд, панҷоҳ нафараш бо сардории Зокир аз ҷониби устод буданд. Зокир гапашон бо Ризвон гурехт, пас Ризвон худ силоҳи Зокирро аз дасташ гирифт, дар назди мо шаш ҳафт тир дар шикамаш зад, дар пешамон ҳалок гардид, ба мо дигар чизе нагуфт, фикр мекунам нафарони ӯро халъи силоҳ намуд. Дигар дар ҳамон соати яки шаб тарсону ларзон ба мошин савор шуда навакак ба ин ҷо расидем, устодро дар хонааш мондему ба хона надаромада, шуморо огоҳ намудам, номи мақтулро гирифта ман аз Сайидумар ташвиш шудам".
Ман дар Компи Сахии Мазори Шариф будам, ки сӣ ҳазор муҳоҷир он ҷой дар таҳти муроқибатӣ ва таъминоти Созмони Милали Муттаҳид буд, дидам ҷавонон ба танзим дароварда шуда, бо сардории қорӣ Нусрат. ӯ ба мо гуфт: мо дар дастури раиси ҷавонони Ҳизби Наҳзати Ислом кор ва фаъолият мекунем. Соли 1997 мо ба ватан баргаштем дар Комиссияи Оштии Миллӣ кор мекардем аз нигоҳи ман мулло Сайидумар хоҳиши кор кардан дар ягон вазифаи ҳукуматӣ надошт, лекин аз ҳама серкортар буд, сару кор ба ҷавонон дошт, ба ин ҷову он ҷой сафар менамуд, барои фаъолияти дубораи ҳизб аз ҳама зиёд саъйю талош дошт. ӯ дар ҳақиқат мутахассис буд, ки дорои хусусиятҳои ба мансаби баланд, аз ҷумла маълумоти динӣ, дунявии олӣ чеҳраи башшош ва сурати зебое дошт. Инчунин шахси дорои ҷасорати олие буд ва ҳаст ва бо синну солаш низ мутобиқат мекард. Ҳар мақомеро хоҳиш мекард, ҳеҷ кас ба ӯ монеъа намешуд, лекин ӯ

дарк намуд, ки ман дар пушти инҳилоли ҳизб ва шикасти муҷоҳид мансабу вазорат ҷуз як лаҳзаи кӯтоҳ дасисаи фиребанда чизи дигареро мушоҳида намекунам. Соли 2000 ҳукумат аҳзоби сиёсии мухолиф аз он ҷумла Ҳизби Наҳзати Исломро дубора ба қайд гирифта, фаъолиятамонро озод намуд. Бе саъю кӯшиш аҳзоб осон ба қайд гирифта шуд, вале барои Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон марҳалаи сангине ва хеле ҳам душвор рӯйи кор омад, чунки ҲНИТ дар ҳам пошида буд, ҳам аз нигоҳи идорӣ ва кадрӣ ва ячейкаҳои ҳизбӣ дар вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои қаламрави ҷумҳурӣ устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар як анҷуман раиси ҲНИТ интихоб гардид. Устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ Сайидумар Ҳусайниро дабири кулли ҲНИТ пешбарӣ намуд, аз тарафи аъзоёни раёсат овоз гирифт, тамоми кори ҳизб аз боло то поён масъулияташон ба дӯши ӯ буд. Он ҳама пошидагиро барқарор кардан кори осон набуд. Нафароне, ки дар ҳизб боқӣ монда буданд сарашон баланд набуд, дилшикастагӣ дар равони онҳо дида мешуд. Барои онҳоро мутақоид намудан ва ҳавасманд сохтан заҳмати зиёд лозим буд. Аъзоёни ҳизб собиқ аз рӯйи шикасти муҷоҳид сари худро боло карда наметавоснистанд, дар ҳар ҷое сухан мегуфтанд, худро аъзои ҳизб муаррифӣ менамуданд, лекин аз масъулият дар кори ҳизб худдорӣ менамуданд. Сайидумар Ҳусайнӣ ҳамроҳи ононе, ки ҳамроҳаш кор мекарданд ба ӯ бовар доштанд, дар ҳама вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ба ячейкаҳои ҳизб нафаронеро ҷалб ва ҳавасманд намуд. Дар дилашон андохта тавонистанд рӯйхати аъзоёни собиқро 60 дар садашро барқарор ва ба ҳамон миқдор аъзои нав қабул намуданд. Рӯҳияи аъзоёни ҳизбро ба ваъдаи пирӯзӣ дар интихоботи парлумонии соли 2002, ки мо баранда хоҳем шуд, мебардоштанд. Мо бояд дар ҳама шаҳру ноҳияҳо намояндагони худро дошта бошем. Ман барои гузаронидани конфронси таъсисии ячейка ба шаҳри Кӯлоб бо ҳамроҳии Ҳоҷимуиниддин ва мулло Азимҷони Ваҳҳоб ба шаҳри Кӯлоб рафтем, дар хонаи мулло Абусамади Ғайрат бегоҳ меҳмон шудем. Бародарони аз Кӯлоб будагӣ ҳамроҳи мо ҷамъ шуданд. Моҳи апрели соли 2002 буд, ки чанд нафаре аз шуъбаи умури дохилӣ хонае, ки мо нишаста будем дар иҳота гирифтанд. Як нафараш даромад, моро таҳдид кардан гирифт, шумо қонунро вайрон намудед, ман гуфтам: эй бародар, аввал биё ҳамроҳи мо хӯрок бихӯрем, баъд ба саволҳои шумо ҷавоб мегардонем. Як нафарашон мулоим шуд, ҳамроҳи мо хӯрока хӯрд. Пас ба ӯ гуфтем: ҲНИТ аз тарафи вазорати Адлия ба қайд гирифта шудааст, мо ҳақ дорем дар ҳама шаҳру ноҳия

ва даъвати шаҳрвандон дар он маҳал ячейкаи худро бикушоем, ҳуҷҷатҳои моро дид ва суханҳои моро шунид, мулоим шуд, гуфт: шумо ва як нафари дигар аз шаҳри Кӯлоб ба назди калони мо меравем, дигарон аз он ҷо пароканда шавед фардо дар ин ҷо ягон чорабинӣ намегузаронед. Маро бо ҳамроҳии эшони Муҳаммадшарифи Набӣ ба боздоштгоҳи амнияти минтақавии шаҳри Кӯлоб бурданд. Маро ягон пурсупос накарданд, лекин эшони Муҳаммадшарифро суханони таҳдидомез ба алфози қабеҳ мегуфтанд, ки ту инҳоро даъват намуда, овардаӣ, то рӯз дар он ҷо хоб накардем. Соати 6 субҳ буд. Аз сурохии тиреза нигоҳ намудам Сайидумар Ҳусайнӣ дар он ҷойи мо буда он тарафу ин тараф меравад, на ӯ моро мебинад, на мо ба ӯ худро нишон дода метавонем. Соат 10 буд, ки моро ба назди сардор бурданд рафтем, Сайидумар Ҳусайнӣ дар он ҷо нишаста, ӯро бисёр эҳтиром менамоянд. Сайидумар Ҳусайнӣ аз ӯ пурсид: чаро инҳоро ғайриқонунӣ ин қадар озор додед. ӯ гуфт: Аз ман наранҷед, ана ин мактуби раиси ҳукумати шаҳри Кӯлоб Мармаров аз мо хоҳиш намудааст, ки мо бо чорабинии конфронси ҲНИТ дар шаҳри Кӯлоб иҷозат надиҳем. Аз анҷом додани ин чорабинӣ пешгирӣ намоед, мо ба инҳо ягон зараре нарасондем то соати ёздаҳи рӯз манъ намудан барои ин буд, ки кон фронс гузаронида натавонанд, бигузор ин чорабиниашонро дар вақте, ки ҳукумат нармтар гардад, иҷозат бидиҳад, бигузаронед, аз ин бархӯрдҳо ба он созишҳои ҳукумат дар дили бародарон як дилсардиеро бо вуҷуд меовард. Баъдтар ҳукумат ризо шуд дар он ҷо ба сайъу кӯшиши Сайидумар Ҳусайнӣ конфронси худро гузаронидем, лекин аз хотирам беҳурматии Ҳукумати шаҳри Кӯлоб нарафт. Интихобот шурӯъ гардид. Устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ бениҳоят назари нек дошт. Бисёр ба як дили гарм хушбинӣ ба як қадами устувор ба ҳиммати баланд дар интихоботи парлумон иштирок кард. 22 нафар аз рӯйхати ҳизбӣ, 41 нафари дигар аз тариқи конфронсҳои ҳизбӣ пешбарӣ шуданд. Ҳар як номзади пешбаришуда мубориза шурӯъ карданд. Таҳлилгарон пешакӣ мегуфтанд ба мисли Иброҳим Усмон Кумитаи интихобот имкони як вакил агар бисёр ҳиммат кунад, ду вакил иҷозат медиҳанд. Табъи ҲИНТро хира гашта бар зидди ин таҳлилҳо дар ҳама ҳавзаҳои маҳаллӣ номзад пешниҳод намуданд, ки он ҳам як харҷи ҳангуфте дошт, барои ҳизбу номзадҳо миёншикан буд. Дар раванди интихобот аз ҷониби ҲИНТ дар ягон ҷо раиси ҳавзаи интихоботӣ қабул накарданд. Аъзо ва нозир каму беш қабул намуданд. Интихобот шурӯъ гардид. Дар умум 2025 фоиз

воҷиби шароити иштирок намудан аз як оилаи 8нафара, як нафар ва як нафар ба ҷойи се чор ҳамсоя, як нафар аз тани як маҳаллаи 80нафара, як нафар аз ҷониби ҳамаи онҳо овоз дод. Ба ҳамин миқдор бенизомӣ ва бе тартибӣ ҳама ба таҳлили аъзоёни ҳавзаҳо аз рӯйхати ҳизб ва номзадҳои аз ҷониби ҳизб ба маҷлиси намояндагон ва номзадҳои маҳаллӣ аз ҷониби ҳизб дар умум аз 50 фоиз зиёд овоз ба даст оварда буданд, лекин аз номзадҳои ҳизб дар маҳалҳо ва намояндагон касеро овоз надодаанд, фақат аз 22 нафараи рӯйхати ҳизбӣ ду нафарро ба қайд гирифтанду халос. Акнун садҳо ҳазор маблағе, ки дар ин чорабинии интихоботӣ сарф карда шуд, ки ин пули ҳизб байтулмоли ислом, ки ин пулро соҳибонаш барои пешрафт ва шаъну шукуҳи шукуфоии ислом дода буданд, ба ҳадар рафт, шикасти муҷоҳид ва вайрон шудани созишномаи байни муллоҳо ва болшевикони тундрав ошкор гардид. Акнун ҳаводорон ва фидоиёни ҳизб рӯҳашон варшикаста гардид, муҷоҳиде, ки силоҳ бар замин гузошта буд, ба хотири ин ки бо роҳи осоишта, ҳуқуқ ва манзалати худро пайдо хоҳад кард. Дид, ки ман дигар ҳеҷ кас нестам шаҳомат ва бузургиро аз ман рабуданд. Валасаф, ки ҷони ширини маро ба хотири майли дунё ба ҳазор макру ҳила дар ғайбам аз миён бехабар ситониданд бехабар аз ин ки дигар ман ҷон надорам. Дар ҳақиқат ҳар касе ҷон дошта бошад, аз ҷону молу шаъну шараф ва муоҳидааш дифоъ мекунад, дигар аъзоёни қатори мардуми ҷонибдор сарашон хам гардида буданд. Шахсоне, ки якдигарро дар оғӯш мегирифтанд оби чашм мекарданд, мегуфтанд, ки мо шитобкорӣ намудем, сабр накардем, бар муҷоҳидони роҳи Худо хиёнат намудем. Аз имтиҳони Худованд нагузаштем. Ин аст подоши аъмоли мо. Устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ баъди натиҷаҳои интихобот рангаш бисёр ҳам тағйир ёфта буд, то ҳамон рӯз боварӣ дошт, пас аз ин дарк кард, ки мо фиреб хӯрдем. Ин ҳарфҳои созиш қобили эътимод набудааст, кайҳост, ки шикаста будааст, дигар дар абзор кам зоҳир мешуд, аз пурсиши хабарнигорон худдорӣ менамуд. Баъдтар фаҳмидем дарди беамон домангираш гардидааст ва рӯз ба рӯз бемори шиддат мегирифт. Охирин сафараш, фикр мекунам ба хориҷ ба давлатҳои Халиҷи Араб Дубай ва Арабистони Саудӣ буд. Дар Дубай, Кувейт мақомотҳои аввалии он ҳукуматҳо дар сатҳи аввали ҳукуматӣ ӯро пазироӣ накарданд. Мақомотҳои поёнӣ ӯро  пазироӣ намуданд. Як шахсияти сиёсӣ ба устод тавсия намуданд, агар хоҳиши гирифтани баъзе кӯмакҳои хайрия гирифтан дошта бошӣ фалон ҷойҳо рафта номнавис

кунед, шояд аз рӯйи имкон ба шумо кӯмак мерасонанд. Ба Арабистони Саудӣ ба даъвати Вазорати фарҳангаш рафта буд. Дар он ҷо ҳам дар сатҳи олӣ аз устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ пазирой нанамуданд, ба баҳонаи ин ки дар вақти омаданат хуб ҳамоҳанг нашуда будем. Устод аз ин сафараш ба хотираи хубе барнагашт, аз назарияҳо ба созиши устод бо Русия ва шикасти муҷоҳидин онҳо хуш набуданд. Устод дар як суҳбаташ аз ин сафар гила намуд, ки дар ин сафарам дар мамлакатҳои Араб мехостам баъзе мушкилотҳоро ҳал намоям, лекин онҳо ҳеҷ маро нафаҳмиданд, гашту баргашт ба ман созмонҳои хайрдиҳиро нишон доданд, гумон карданд, ки ман кӯмаки хайрия металабам. Ман чизе талаб нанамуда ба ватан баргаштам. Боз ҳамон беморӣ Устодро ранҷ медод. Аз байн ҳафт моҳ гузашт. Бори гарони ҲИНТ ба дӯши Сайидумар Ҳусайнӣ буд. Ҳизб дар як ҳолати варшикастагӣ қарор дошт. Аз ҷиҳати молӣ то ҳафт моҳи баъд аз интихобот кормандони идории ҳизбро ҳуқуқ надоданд. Чандин нафарони ихтисосдон корро тарк намуданд, биноҳои кории ҳизбро ба савдо монданд, то ки ҳуқуқи баъзе кормандонро пардохт намоем.

## БАЪДИ ВОЖГУН КАРДАНИ РИЗВОН.

Иқтидори муҷоҳидин ду чандон гашт. Дар ҳама ҷабҳаҳо пешравӣ ба чашм мерасид. Устод Сайид Абдуллоҳи Нуриро дар ҳама ҷо пешвоз мегирифтанд. Муҷоҳидин ва муҳоҷирин дар ҳаққаш марсияҳо мехонданд. Ӯро роҳбарони аввали ҳукуматҳо дар минтақа пазирой мекарданд, хусусан Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҳошимии Рафсанҷонӣ ва Валӣ, Фақеҳ, бо Хоманаӣ суҳбатҳои хоса ва рӯ ба рӯ доштанд. Барои ӯ ҷойи зистхона ҷудо карда буданд. Президенти Ҷумҳурии Афғонистон профессор Бурҳониддини Раббонӣ аз ӯ пазирой мекард ва суҳбатҳои хоса дошт.

**Баъзе аз хотироти Ҳироти Афғонистон.**

Ман дафтардори Ҳирот будам, Акбар Тӯраҷонзода ба ҳамроҳии Отахон Латифӣ аз марзи Эрон гузашта ба Ҳирот омаданд. Муҳаммад Исмоилхон волии ҳафт вилояти ҷанубу ғарби Афғонистон буд, он тавре, ки мебоист аз онҳо пазирой накарда буд, ки ҳамоҳанг шуда будааст. Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ба Ҳирот омад. Исмоилхон худ ба пешвозаш баромад, пешвозаш гирифт, шабнишинии хоса бо аҳли умаро ва удабои шоҳона ташкил намуд. Баъди суҳбатҳои адибонаи

бошукӯҳ устод ҳамроҳонашро дар меҳмонхонаи Амирӣ ҷой намуд. Пагоҳ барои кори меҳмонон ба назди амир Исмоилхон рафтам. Бори аввал пешаш даромадам. Ба ман назари бомуҳаббате намуд. Аз ман пурсид: шумо ба дифоъи ислом аз хонаву ҷой бадарға гаштед? Гуфтам, бале. Об аз чашмонаш ҷорӣ шуд. Гуфт: хушо ба ҳоли шумо дар роҳи ислом ҷонфидоиҳо менамоед. Ба ёвараш гуфт: ҳар вақт ин тоҷик, ки ба назди мо биёяд пеши роҳи ӯро нагиред. Аз ӯ беибо пурсидам: чаро оғои Тӯраҷонзода мисли Абдуллоҳи Нурӣ пазирой нагардид? Маро эҳтиром карда, гуфт: Ҳоҷӣ соҳиб муҳтарам. Ман Абдуллоҳи Нуриро аз чӣ сабаб бошад бисёр дӯст доштам. ӯ роҳбари шумост? Гуфтам: бале. Гуфт: Дар симои ӯ ҳар чизеро ёфта мешавад, ҳам одами нуронӣ дили бисёр ҳам нарм дорад. Худо кунад коммунистҳо фиребаш надиҳанд. Мо понздаҳ сол мешавад давои як Абдурашид Дӯстуми коммунистро намеравем, шумо ин таври Дӯстум садҳо доред, ҳоли шумо чӣ мешуда бошад, лекин шумо аз Эрон эҳтиёт бошед. Мебинам шумо дар мактубҳоятон иҷозаи визаи Эронро зиёд талаб мекунед, ҷавононро ба Эрон мефиристед. Шумо аз рафтани ҷавонон барои тазоди мазҳабӣ хавф намебаред? Гуфтам: Амир Соҳиб, мо онҳоро барои касбомӯзӣ мефиристем, на динӣ. Гуфт: Хайр, ҳушёр бошед. Вале ба саволи додаам посух надод. Аз суханонаш ҳис кардам аз Эрон шахси омадаро онқадар намеписандид. Ин гуфтаҳои Амир Исмоилхонро ба Абдуллоҳи Нурӣ бе камукос расонидам. Устод хандида, гуфт: Ман хушам, ки Амир Исмоилхон ба шумо ин қадар самимӣ будааст, аз суханонат боз инро низ метавон фаҳмид, ки Исмоилхон ба шумо эҳтироми хубе дорад. Дар мулоқоти фардошон аз ӯ силоҳу муҳиммоти низомӣ хостанд. ӯ ризо нашуда гуфт: Ҳоло ҷавонони шумо таълиму тамрини ҳарбӣ надиданд. Барои шумо силоҳ чӣ лозим? Гуфт: ман барои шумо як тамрингоҳи низомӣ ҷудо мекунам, либоса, хӯрок аз они худам. Дар ҳадди 200 нафар ба ин мувофиқа карданд. Боз гуфт: ҷавононро фиристед, то дар Донишгоҳи Ҳирот бихонанд. Садои радиои «Тоҷикистони озод» ба фаъолият шурӯъ намуд, ки ӯро дар Ҳирот бараъло мешунидӣ, аз чӣ сабаб буд, ки фаъолияташ хуб ба роҳ монда нашуд, аз ҷиҳати технологӣ хуб ё камбуди мутахассиси ин фан илаташ номаълум буд. Дар Ҳирот будам, ки Мирбобо Мирраҳим ба он ҷо омаданд. Мехост ба Эрон биравад. Ҳамроҳаш ба консулгарии Ҷумҳурии Исломии Эрон рафтам, то ки раводиди (визои) вуруди он давлатро бигирад. Раиси консулгарӣ ӯро шинохт. Аз ӯ сахт пазирой намуда бо лабханд тарафи Мирбобо гуфт:

ҳанӯз ҳам шумо тоҷикон китоби Ҳофизро муқаддас дониста, болои сари гавҳора нигоҳ медоред? Мирбобо чизе фаҳмид ва ҷавобе надод. Ман чизе нафаҳмидам. Ба Мирбобо визо дод, гуфт: Шумо ба бандари Ислом қалъа меравед, аз он ҷой шахсе ҳамоҳанг шуда, шуморо мебарад. Мирбобо се рӯз рӯйҳам ба марз рафту омад ба нафари таъиншуда, ҳамоҳанг нашуд. Рӯзи чорум соъати 2 баъд аз зуҳур буд, ки ба назди ман нафаре омада, гуфт: аз мухобираи амир Исмоилхон шуморо мепурсанд. Ман шитоб рафтам. Ба ман гӯшаки мухобираро дод. Исми маро гирифт, гуфтам: бале, аз овози маҳини зебояш шинохтам, ки Аҳмадшоҳи Масъуд мебошад. Пеш якду бори дигар бо ӯ ҳамсуҳбат шуда будам. Овози ӯ ба ман шинос буд. ӯ аз ман Мирбобои Мирраҳимро пурсид гуфт: ӯ аз марз гузашта бошанд? Гуфтам: Амир Соҳиб муҳтарам, ҷанобашон сечор рӯз инҷониб ҳамроҳи мо буданд, рафтанд ба марз ҳамоҳанг нашуданд, гашта омаданд имрӯз боз рафтанд. Дигар имрӯз хабар надорам аз баргаштан ё рафтанашон. Гуфт: наход чунин одамро аз даст бидиҳед, гуфт: Хезед ҳар чи сареътар рафта, ӯро пайдо кунед, пас бигардонед аз марз. Ба ӯ бигуед, Амир Соҳиб Аҳмадшоҳ шуморо ба наздаш мехонад. Аз шаҳри Ҳирот то марз 120 км мебошад, рафтам, ки аллакай аз марз гузашта, рафтааст. Дар ҳайрат афтодам, ки ин шахсияти бузург ба Мирбобо Мирраҳими мо ин қадар эҳтиром доштааст, аз рафтан ба Ҷумҳурии Исломии Эрон мепарҳезидааст. Ин олими таърихи мо барои ин шахсиятҳои бузург чи қадар қимат доштааст, тарс аз ин буда, ки агар рафт пас дигар намегардад. Ҳамон тавр ҳам шуд. Як рӯз консулгарии Ҷумҳурии Исломии Эрон ба кадом муносибате буд, ба нишаст ва хӯроки чошт таклиф намуд. Дар он даъват будам. Корпусҳои дипломатии консулгарии Ҷумҳурии Исломии Покистон, Туркманистон. Ман раиси дафтардори ҳизби Наҳзат аз Тоҷикистон, ректорҳои донишгоҳҳо, баъзе шахсиятҳои обрӯманд аз ҳукумат меҳвари меҳмонони он зиёфатро ташкил медодем. Дар соати таъиншуда ҳама дар он ҷо ҳозир шуданд. Аз вақти таъиншуда як соат Амир Исмоилхон дер кард. Мунтазирии зиёд кашиданд, то омадани он ба сари мизи хӯрок нанишаста буданд, ки Амир омад. Ҳама ба пешвозаш баромаданд. Пеш аз таъом аз тарафи консул Амирро хайрамақдам гуфтанд. Тарзи кор ва ҳукумати Амирро сутуданд. Баъд аз сари мизи хӯрок таклиф намудан, бисмиллоҳ гуфта, ба хӯрокхӯрӣ шурӯъ намуданд, лекин ҳама ба Амир нигаристанд. Даст ба хӯрок дароз накард. Раиси консулгарӣ зиракона ба Амир эҳтиромона гуфт:

барои ин ки ҳама даст аз хӯрок накашанд. Муҳтарам Амир соҳиб, хӯроки мо ба табъи шумо хуш наомад. Инро бо иҷозат ва амри ҷаноби шумо кардем. Исмоилхон гуфт: ман имрӯз нияти рӯза доштам. Инро ҳеҷ нафаҳмидаем барои чи нахӯрд, ки кадом вақте маро таъом хӯрди пас бигир ё ин ки ягон танқиди мазҳабӣ буд ё ин ки Ҷумҳурии Исломии Эрон ба аҳли ташайъю кӯмакҳо мерасонид, алайҳи ӯ истифода мешуд, аз чи хафа буд, ки рӯйи хуш ба иртиботи Ҷумҳурии Исломии Эрон надошт. Пагоҳ баъди меҳмоннавозии Амир Исмоилхон устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ҳамроҳи понздаҳ ҷавонони тануманд роҳии Эрон шуданд Амир Исмоилхон онҳоро худ гусел намуд. Баъд аз он сиёсатдонҳои Ҳирот савол мекарданд: чаро устод Нурӣ ба Эрон иртибот дошта бошад? Ин ҷавонҳоро он ҷо баҳри чӣ кор мебарад? Ҷумҳурии Исломии Эрон бошад аз муҷоҳидини тоҷик дида ба ҳукумати Тоҷикистон робитаи наздик дорад. Дигаре гуфт: Ҷумҳурии Исломии Эрон бо Русия ҳам робитаҳои хуб дорад. Дигаре гуфт: ана мебинед дар кутоҳмуддат Ҷ. И. Эрон ба созиш ризо мешавад, ба манфиъати Русия. Хулосаи калом гуфтугузорҳо дар бораи сулҳ оғоз шуд. Болшевикҳои тундрав аз сутуни ҳафтум истифода намуданд. Пӯстини худро чаппа пӯшиданд, меҳрубон шуданд. Ба муҳоҷирини тоҷики дар Кампи Сахи буда кӯмак фиристоданд ба мисли шиму куфайкаи пахтагини хело қадимаи русӣ. Шояд аз давраи Романовҳо буд, намедонам аз баҳри тарсондан буд ё ки аз рӯйи меҳрубонӣ муҳоҷирини тоҷики Компи сахии Мазори Шариф таърихи даҳшатнок ва такондиҳандае аз сар гузаронида буданд. Моҳи декабри соли 1992 чанде дар хонаву дарашон қисми онҳоро куштанд, қисми дигарашонро ба лаби Амударё бурданд. Тир дар сарашон меборид. Касе ба дарди онҳо намерасид. Садҳо духтарони ҷавон, ки на падар, на модар, на хешу ақрабо наҷот дода ё аз таҷовуз эмин монда наметавонистанд, рӯмолҳои худро дар сар печонда дидор дар қиёмат гуфта худро дар он дарёи пурталотум ғарқ намуданд. Ҷавонмардони тануманди зебо, ки дар даст силоҳе, ки худро муҳофизат намоянд, надоштанд, худро аз рӯйи номуси баланд, ки душман моро ба қатл нарасонад, дар назди падару модар худро ба оби Амударё ғарқ намуданду луқмаи моҳиён шуданд. Болшевикони тундрав аз дур тамошо намуда, лаззат мебурданд. Аҳмадшоҳи Масъуд фармондеҳи Афғон аз дур аз ин саҳнаи қитол огоҳӣ ёфта, дарҳол мигҳои ҷангандаашро ба ин қатлгоҳ фиристод. Душмани хуношом аз хашми тири Афғон дар харос афтоданд, аз бими ҷони худ рӯ ба гурез

оварданд. Дарҳол ба қайқҳои бародарони ҳамдину ҳамхуни худ аз дарё убур намуда ин гурезаҳои ҷон бар лабомадаро дар оғӯш гирифтанд. Аз он тарафи Аму гузарониданд. Бо тамоми молу дорой, ки дар дасташон доштанд, лекин сад афсӯс ки ононе, ки ғарқ шуда буданд дигар онҳоро наҷот дода натавонистанд, таги чил ҳазор нафарро наҷот доданд, ки аз сӣ ҳазор зиёдаш дар Кампи сахии Мазори Шариф ҷойгир шуданд. Ана ҳамон болшевикҳои тундрав боз барои онҳо имдод ва кӯмак намуданд, аз рӯйи дӯстӣ буд, ё ин ки аз рӯйи душманӣ, ё ин ки аз рӯйи боқувват шудани Ҳизби Наҳзат, ё ин ки аз тарси муҷоҳидини Афғон, ки империяи Русияро вожгун намуда, ба ҳар роҳе набошад ин ҳаракатро, ки рӯ ба инкишоф ниҳодааст, аз байн барем.

## ҚАТЛИ ОММИ МАРДУМИ ВАХЁ ДАР НОҲИЯИ ПАНҶ АЗ ДАСТИ БОЛШЕВИКОНИ ТУНДРАВ ДАР МОҲИ ДЕКАБРИ СОЛИ 1992.

Дар ноҳияи Панҷ гарнизони боқуввати нерӯҳои низомии Русия мустақар дар Тоҷикистон, ки дар онҷо гузаргоҳ ва ё пули убуру мурур вуҷуд дошт. Гурезаҳое, ки аз тарафи шаҳрҳои Қӯрғонтеппа ва атрофи он ба он минтақа гуреза шуда буданд бо умеди он ки гарнизон дар он ҷо ҷойгир шудааст ва асокири русӣ ба мо раҳм намуда, касе моро озор намерасонад. Вале кор тамоман ранги дигар гирифт. Ҳама гурезаҳои ҷамъомадаро, ки аз тарси бақои ҷонашон гирд омада буданд, барои ба он тарафи Ому гузаштан ва ё дурусттараш ба Афғонистон фирор намудан нафарони гарнизон гурезаҳоро гузаштан ҳам намонданд ва на онҳоро ҳимоя намуданд аз ончи аз он мегурехтанд. Душмани қотили онҳо дар даромадгоҳи ноҳия бо силоҳи оташфишон дар камин буданд. Гурезаҳо аз бими ҷони худ қафо гашта, ба қамишзори поёнии роҳе, ки ба дарё ним километр фосила дошт силоҳбадастон аз баландӣ ба суйи онҳо тир холӣ намуданд, ки дар ин қатлгоҳ ду ҳазор нафар ҷони худро аз даст доданд, ба доди онҳо касе нарасид. Боқӣ муҳоҷирини гуреза аз ноҳияи Қумсангир сарбозони русӣ симхори сарҳадро кушоданд, дусаду панҷоҳ ҳазор одам аз он ҷо ба Афғонистон гузаштанд, ки қисми онҳо дар ноҳияи Имом Соҳиб монданд, қисми дигар дар шаҳри Қундуз ва кампи майдони ҳавоӣ, қисми дигар ба вилояти Тахор, баъдтар кампи Амиробод ташкил шуд, кампҳои муҳоҷирин ҳама таҳти раҳбарии Ҳизби Наҳзати Ислом буданд, ғайр аз Кампи сахӣ, ки онҳо моводи хӯрокаро аз комиссари Созмони Милали Муттаҳид дарёфт мекарданд. Ҳушдорашон медоданд, агар наҳзат дар

ин ҷойи дахолат кунад, мо моводи хӯрокаи шуморо қатъ мегардонем. Ба ин ҳам нигоҳ накарда, худро дар таҳти ҳимояи Ҳизби Наҳзати Ислом медонистанд. Мо дар аввали ноамниҳо ба мувофиқа расида будем. Чизе дар байни мо боқӣ намонда буд, ки мо ҷанг кунем. Мо ягон кина ва душманӣ дар байнамон вуҷуд надошт. Устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар ёддошти худ мегӯяд: Ҳаракати сиёсии исломии мо ҳеҷ гуна ҷангу хунрезӣ ва муборизаи мусаллаҳонаро на дар барномаамон пешбинӣ карда буд ва на ба ягон қувваи берунае, ки дар ҷанг манфиатдор бошад иртибот дошта, баръакс аз аввалин лаҳзаҳои ба вуҷуд омадани гиру дорҳо роҳбарияти ҲНИТ ҳамеша парчами сулҳ дар даст дошт ва пайваста талош мекард, ки ташаннуҷи ба вуҷуд омадаро аз байн бибарад. Ҳатто вақте ки ду майдон: Шаҳидон ва Озодӣ ташкил шуда буданд, саъю талоши зиёд ба харҷ додем, то дар байни миллати мо оташи ҷанг фурӯзон нашавад. Аз майдони муқобил ашхосеро пайдо кардем, ки афкори истиқлолияту озодихоҳӣ доштанд, мисли Ғаффор Мирзо, Исмат Тӯрахонов ва чанд тан аз ҷавонони дигар бо ишон бо мақсади пеши роҳи ҷангро гирифтан ҷамъ шудем, суҳбат кардем ва роҳи бурун рафтан аз мушкилотро ҷустем, боз чандин тадбирҷӯйиҳо кардем, вале муваффақ нашудем.1 Лекин қазия мувофиқи барномаи таҳияшудаи болшевикони тундрав амал менамуд. Ҳамаи мо аз боварӣ баромада будем, чунки илоҷи сулҳу ҷанг дар 1 . Китоби ХНИТ саҳ, 24. соли 2003 дасти мо набуд, мо бояд якдигарро аз байн мебурдем, сари мо бояд дар муқобили онҳо боло намешуд, то дар зери пои онҳо афтидан моро маҳву нобуд сохтан, ҳамаи макру ҳиларо барои нобуди ҳарду тарафи даргир истифода намуданд, лекин мадди назар решакан ва нобуд сохтани ҳаракати ҷавонони мусалмон буд. Ё ақаллан душмани синфӣ дар байни ин миллат ба роҳ андозем, ки ҳеҷ вақт хунрезӣ аз байнашон қатъ нагардад. Мо мардум аз рӯйи нуфус он миқдор зиёд ҳам нестем. Аз таърихи на чандон дур ҳамаамон аз як қабила ҳастем, дин, мазҳаб, урфу одат, шаклу сурат, ҳама чизи мо якест, мо ягон чизе, даъвои доду гирифти иҷтимоӣ, ки мояи ихтилофи мо гашта бошад, вуҷуд надорад, мо миллат ба исломдориямон ифтихор дорем, аз ислом то ҳадде дифоъ мекунем ва ӯро дӯст медорем. Душманони мо ҳамон дӯстдорӣ ва динпарварии моро қариб якуним сада мешавад бар зидди мо истифода мебаранд, моро дар муқобили якдигар мехезонанд, хуни якдигарро мерезонем, ба гумоне, ки дифоъ аз ислом намудем, ғолиб мегӯяд: ман хатокорро ба ҷазои аъмолаш расонидаам, мағлуб мегӯяд,

ин золими хатокори нохудошинос дар назди Худованд ҷавоб хоҳад дод даст ёфтам ба ҷазои аъмолаш мерасонам. Ин кинахоҳӣ ва кинатузиро ба авҷи аълои худ мерасонанд. Болшевикони тундрав то имрӯз ба ҳамин шева ҳукумат ронданд ва ҳукумат карданд, чокаронашонро таҳдиди халъи мансаб мекунанд, шумо куҷоро нигоҳ мекунед, ислом авҷ гирифтааст, ҳаводоронаш зиёд гардидааст, ҳама тарафи онҳо шудаанд. Мехоҳӣ дар мансабат мондан, пеши роҳи онҳоро аз рӯйи нақшаи бо мушти оҳанин бигир, агар сустӣ мекунӣ ту дигар ҳеҷ касе нестӣ, на мансаб дорӣ, на шараф. Аз рӯйи ту бешараф қувваи онҳо ҳанӯз изофа гашта истодааст. Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ин раҳбари ҷавону шарифу манзалаташ дар саҳнаи сиёсаташ пеш рафтааст, иқтидораш ба маротиб зиёд гашта, агар пеши роҳи ӯро намегирем, шаъну манзалати ӯро бар ҳам назанем, зуд аст, ки бо кӯмаки мусалмонони Осиё ва Ховари Миёна як рақиби пурқудрат дар муқобили империяи болшевикие ки бар ҳам пошида ва гусаста шудааст, худро дар саҳнаи сиёсӣ зоҳир мегардонад, бо роҳи зӯрӣ обрӯи ӯ коста нахоҳад гашт, баръакс, мисли муҷоҳидини Афғон ҷаҳонӣ хоҳад гашт. Сайид Абдуллоҳи Нурӣ аз ҳама тараф бо муҳити мо ва шахсиятҳои мо ва азобу шиканҷаи маҳбасҳои моро аз сар гузаронидааст, аз шахсият ва шамоили ӯ мо огоҳ мебошем. Таҷрибаи ҷангӣ ва системаи чирикиро дар ин миён ёд гирифта, аз уҳдааш мебарояд. Робитаи байни ду давлат ва шиносонидани худашро хуб ба роҳ мондааст. Сулҳро дӯст медорад, чандин борҳо сулҳ кардааст, лекин бар зарараш тамом шудааст, таҷрибаи сулҳаш ба он дараҷае, ки мо дорем баробар шуда наметавонад, ҳамин заъфаш барои мо кифоя мебошад. Ҳамин тактикро рӯи даст мегирем, аз натиҷааш интизор мешавем. Лозим ба ёдоварист, ки Сайид Абдуллоҳи Нурӣ мегӯяд: "Баъд аз шуруъи даргириҳо ман бо ташаббуси ҳизб нуҳдаҳ бор ба тарафи мухолиф гуфтушунид кардем ва дар ҳама вохӯриҳо ба сулҳ расидем, вале нерӯҳои саввуми мухолифин ҳамон рӯз ҳуҷум оварданд, оташи ҷангу хунрезиро аз сари нав барангехтанд." (Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, ҲНИТ 2003.)

Ин гуфтаҳои Устод гуфтаҳои дар боло овардаи маро аз афкори онҳо тасдиқ мекунад. Тавонистанд Сайид Абдуллоҳи Нуриро моил бигардонанд ӯро барои поягузории созиш ба Маскав кашиданд. Тарҳи сулҳу силоҳро болшевикони тундрав ба манфиъати худашон кашиданд. Бар зидди ҷунбиши ҷавонони мусалмон дар расонаҳои хабарӣ чизе аз болшевикон шунида намешуд. Аз тарафи Русия, аз

тарафи муқобил пули ба ҳам омадани ҳаракати Наҳзати Ислом ва болшевикон Ҷумҳурии Исломии Эрон буд. Аз ҳамон рӯзҳои аввали ҳиҷрати Наҳзат ба хориҷ зери назари мустақим дошт. Роҳбари ин ҷунбиш Сайид Абдуллоҳро эҳтироми зиёд мекард, аксари вақт ба он ҷой даъват мешуд, вақти зиёдашро дар он ҷо мегузаронид. Ҷумҳурии Исломии Эрон аз Сайид Абдуллоҳи Нурӣ чи чизеро таваққуъ дошт, шикасташ аз лиҳози мазҳабӣ ба суди Ҷумҳурии Исломии Эрон буд, мисли толибон пирӯзиаш ба нафъи Ҷ.И.Эрон набуд.

**Мақтаъи таърихии мушобеҳ**

Эрони Сафавӣ аз соли 1510 ҷангро бо Абдуллохони 1ум шурӯъ намуд, то охири ҳукумати Амир Насрулло 350 сол ин ҷанг идома ёфт, ки ағлаб шеваи ақидатӣ мазҳабӣ дошт. Дар соли 1866 Бухорои Шариф ба дасти Русияи тазор шикаст хӯрд. Эрони СафавӣҚоҷорӣ нафаси сабук кашид. Имрӯз дар Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳамон ақидаи СафавӣҚоҷорӣ рӯйи кор мебошад. Дар таърихи гузашта ҳеҷ муборизаи мазҳабӣ аз Бухоро ё ин ки қаламрави Бухоро аз Эрони СафавӣҚоҷорӣ дархости пуштибонӣ ё паноҳандагӣ накардааст, чунки аз рӯйи ақидатӣ мутобиқат намекунад. Қумандонҳои ҷиҳоди афғонӣ ва покистонӣ аз Ҷумҳурии Исломии Эрон тақозои паноҳандагӣ накарданд, ҳатто Аҳмадшоҳи Масъуд дар даврони ҷиҳодиаш ҳеҷ вақт аз Ҷумҳурии Исломии Эрон дидан накарданд. Ин тақдири бади мо форсизабонон мебошад, ки моро ихтилофоти мазҳабӣ пароканда намудааст. Ҷумҳурии Исломии Эрон аз даҳаи аввали асри XVIII давраи Фатҳалишоҳи Қоҷор муносибатҳои ногустастанӣ дорад. Бо Россияи подшоҳӣ манфиъатҳои ӯро ҳамеша ҳимоя мекунад. Ҷунбиши Наҳзати ҷавонони мусалмон ҳам ихтилофе дар қаламрави ховари Русия ба ҳисоб мерафт, дар ба даст овардани созишу сулҳи мо кӯшише ба харҷ дод, то хотири Русия шод шавад, лекин болшевикони тундрав медонистанд, ки аз пасу пеш одам дорем. Ягон хостаи моро ба инобат нагирифта наметавонанд.

Аз тарафи дигар Сайид Абдуллоҳи Нуриро, на дар пояи қумандонҳои ҷиҳодӣ, балки роҳбари як давлати дар табъид ва роҳбари чанд қумандонҳои ҷиҳодии рақиб ва оппозитсияи давлати абарқудрати олам, болшевикони тундрав баробар ва мушоҳида менамуданд. Ҷумҳурии Исломии Эрон на робитаҳои дӯстона бо худи шахсияти

Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дошт ва на бо қумандонҳои ҷиҳодӣ. Ҳатто мефахрид, ки барои ин шахсияти бузург, ки дар тури ман афтодааст Русия ба кӯмаки ман эҳтиёҷ дорад. Нақшаи созишро кашиданд, на моро иҷозат доданд барои созиш, на моро монданд, ки худ созиш кунем, чунки мо ёру бародар будем, якдигарро тез мефаҳмидем. Аз миёни мо меҳру шафқат дур нашуда буд, ҳар ду тараф фаҳмида будем, ки моро куштанд, мо он кушандагон нестем, моро агар иҷозат медоданд, ки худ созиш кунем ба истиқлоли комил мерасидем, истиқлоле, ки ҳама ба мо рӯ меоварданд, бовар мекарданд, сармоя мегузоштанд, ақаллан аз муздурии болшевикони тундрав наҷот меёфтем, на худ сармоя мегузоранд ва на мемонад, ки дар ин монополияаш сармоя гузоранд, ақаллан мо ҳамон исломе, ки ҳамаи мо ба он ифтихор дорем, озодона бе тарсу таҳдид ӯро пайравӣ мекардем, аз ӯ дифоъ менамудем, обрӯ ва шарафи исломӣ доштем. Дар назди ҳамсоягон худро озод ҳис мекардем, моро ҳамчун монополияи болшевикони тундрав намеҳисобиданд. Имрӯз дигар мо кӣ ҳастем, хок дорем, об дорем, кӯҳу кон дорем, хоку замин моро дигар намехӯронад, оби мо маҷрояашро гум кардааст, ҳатто қудрати истифодаи онро надорем, бо кӯҳу канда ниҳоямон на худ он захоирро иктишоф карда метавонем, на дигарон майли иктишофу баҳрабардорӣ аз он доранд, моро иҷозати созиш надоданд, худ созиш карданд, барои худашон вассалом.

## ТАРҲИ СОЗИШИ ҶУНБИШИ НАҲЗАТИ ИСЛОМӢ

Ба тарафи муқобил созиш ва сулҳ бояд ҳарду ҷониб ҳаққу ҳуқуқи баробар дошта бошад, тарафҳои танзимкунанда ва ё ҳамоҳангкунанда созишу сулҳ аз як ҷониб набошанд, аз ҳарду ҷониб баробар ё ин ки умуман бетараф ҷонибдори ягон тараф набошад. Акнун қазоват кунед, Русия худ тарафдори муқобил, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷонибдор аз тарҳи созиши Русия буданд. Покистон дар ин қазия худро бетараф мегирифт. Ин гуфтугузорро ба забон ҳам намеоварад, дар нақшаи кораш ҳам ҷой надода буд. ӯзбекистони ҳамсоя Ислом Каримов борҳо дар расонаҳои хабарӣ гуфт, сарони Наҳзат ҳарчӣ мегӯянд, рост мегӯянд ва Акбар Тӯраҷонзодаро ба ҳузураш қабул намуд. Аз ҳамин сабаб буд, ки Русия ӯзбекистонро дар феҳрасти ба истилоҳ давлатҳои танзимкунандаи созиш ҷой надод. Афғонистон, ки мизбони муҳоҷирин буд, барои шарофатманд гаштани муҳоҷирин ба зодгоҳашон ҷонибдорӣ аз

Ҳаракати Наҳзати Исломӣ мекард. Ба созиши яктарафа ризо набуд, лекин ба ин ҳол аз сари қудрат рафтани давлат ва ҳукумати Бурҳониддин Раббонӣ тавассути толибони Афғонистон, ки дар нисфе аз вилояти Тахор ҷойгир шуда буданд, дар сарҳади Русия имкон дошт, ҳайати Бурҳониддин Раббонӣ ба он ҷой паноҳ баранд. Ба хости Русия маҷбур шуданд дар Хостдеҳ Ҷунбиши Наҳзати Ислом ва рақибонашро ҷамъ биёранд, аз бими ҷони худ аз баҳри Ҷунбиши Наҳзати Ислом аз рӯйи ноумедӣ дар 23юми декабри соли 1996 чашм пӯшанд, ба он созишномаи яктарафа ризо шуданд. Пас аз ин ҳукумати Бурҳониддин ҳам суқут намуд. Ба иллати ин ки аҳду паймоне, ки ба Ҳаракати Наҳзати Исломӣ доштанд ӯро бишкастанд, ба умеди паноҳ аз Худо наталабиданд паноҳ аз душмани дӯстнамо, болшевикони тундрав Ҷунбиши Наҳзати Ислом, аз ҳамон таърих обрӯ ва хусусияташро аз даст дод. Коста гардидани обрӯйи муҷоҳид ҳам шурӯъ гардид, саропо Ҷунбиши Наҳзати Исломӣ дар бағал ва дасти ду рақиби таърихи ҷонситонаш афтод. Бародари имрӯзаамон Ҷумҳурии Исломии Эрон ва болшевикони тундрав, ки дар нимаи аввали асри гузашта ба ҳамин намунаи мо ҷавонбухориён аз дасташ ба куллӣ шароби шаҳодат нӯшиданд. Пас аз ин Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар тайёра ба болои Қандаҳор ба тарафи Ҷумҳурии Исломии Эрон мехост биравад. Толибон огоҳӣ ёфта, ба фармони Мулло Муҳаммад Умар амири аморати Афғонистон ӯро ба замин мешинонанд Сайид Абдуллоҳи Нуриро пеши Амир Мулло Умар мебаранд. ӯ ба Сайид Абдуллоҳи Нурӣ мегӯяд: ман шуморо барои банд кардан нашинондам, ба шумо мегӯям, Раббонӣ ба шумо хиёнат намуд, дар айни пешравиатон, Худованд ӯро бедавлат намуд, шумо дар Афғонистон бимонед, то даме пирӯзиятон миёни муҷоҳидро нашиканед. Ин рафту омадатон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон суде надорад, агар хоҳед шуморо меҳмон қабул мекунам, агар меравед, Худованд шуморо аз ин макру ҳилаҳо дар амон нигоҳ дорад. ӯро боз ба ҳавопаймоаш шинонда гусел намуданд. Радио барномаи «Хоки Ватан»ро шабу рӯз пахш менамуд. Садои ёру бародарро зинда пахш мекард, ки ба Ватан баргардед. Касоне, ки бармегаштанд, онҳоро дар садову симо пахш ва нишон медод, Устод  Сайид Абдуллоҳи Нурӣ бори калоне бар сараш буд ва барои ӯ хело гарон буд. Шахсе, ки аз мактаби чунин созишҳо ҳаргиз нагузашта буд, ягон шахси куҳансоли таҷрибаи созишро медонистагӣ дар атрофаш набуд ва ягон нерӯи қудратманде, ки кафолати ҷони ӯро тазмин намояд, ҳатто вуҷуд

надошт, ягон нерӯе ё мактаби сиёсӣ надошт, ки сиёсати рақибони сиёсии ӯро ташхис намояд ва пеши ӯ каме равшан гардад, ҳатто қумандонҳои ҷиҳоди солхӯрдаи таҷрибадор дар атрофаш набуд. Шӯрои муҷоҳидин амал менамуд. Ҳар вақто ҷаласа мешуд, ҳеҷ кас дар масъалаҳои сиёсӣ мудохала намекард. Ягон фикри наверо пешниҳод намекарданд. Боз бори гарони фикрӣ ба сари Сайид Абдуллоҳи Нурӣ қарор мегирифт. Ҷойи ёдоварист, ки аъзои Шӯрои муҳоҷирин ва муҷоҳидин дар вилояти Тахор шаҳраки Толиқон даъват шуданд, барои интихоби сарқумандони Ҷунбиши Наҳзати Ислом дар ҳадди 80 нафар ҷаласаи Шӯро шуруъ гардид. Аз рӯйи як масъала қабули сарқумандони ҷиҳодӣ ба ҳуқуққои ӯ дар фазои озод иҷозат доданд, ки киро пешниҳод менамоянд. Раисро Сайид Абдуллоҳи Нурӣ таъин намуд. Сухани аввал ва пешниҳоди сабук гуфт: ман Ризвони Алимардонро пешиҳод мекунам, дигар ҳар касе боло шуд ҳамонро пешниҳод намуданд, баъзе ҳазрату тақводор ҳам ӯро гуфтанд: Ду нафар зид ҳам баромаданд Мулло Абдуғаффор ва Мулло Ҳақназар, ҳол он ки разилати ӯ ба ҳама маълум буд, дар танаффус ҳама дар берун норозӣ буданд. Баъди танаффус барои сарқумандон қонун таҳия намуданд. Барои он чизи бисёре навишта шуд. Муҳимаш ин буд, ки агар касе ба сӯйи банди қумандон суханашро бишканад ва ба сӯяш ҳуҷум намояд, ҳақ дорад барои дифоъ аз ҷони худ ӯро аз байн барад.

Ҳеҷ кас мухолифат накард, магар як нафар Мулло Абдуғаффор беибо ва тарс гуфт: "Ин қотилро қадре ихтиёраш бидиҳед ҳамаро мекушад, ҷавобшон медиҳад, ки ба сари ман ҳуҷум карда буд, ман ба тарафдории ӯ овоз надодам, агар ба сӯйи ман майли туфанг кашидан кунад ба Худо қасам беш аз чор тир дар шикамаш мезанам. Эй мардум, ба ин хел шахсият чунин соҳибихтиёрӣ додан ҷоиз нест, ин ҷинояткор аст, пас пушаймон мешавед, суд надорад, ба ҷойи ба суханҳои ӯ таваҷҷуҳ бидиҳанд, ҳама хандиданд ва ҷонибдорӣ наёфт".

Бадии кор дар ин ҷо мебошад, ки ҳама тавре мебояд масъулият ҳис намекунанд, хаёл мекунанд, ки ҳама фикру андешаро ба дӯши раҳбар гузоштем, ин эҳтиром мебошад, ҳама чизро ҳамон роҳбар фикр кардааст, дигар сухан гуфтан ва андеша кардан бар хилофи андешаи раҳбар меанҷомад. Дар он ҷо ақаллан даҳ фоиз аз он намояндагон зиддият нишон медоданд, ба таври мусолиматомез раиси кумитаи низомӣ дар он ҷо ҳузур надошт, бо сабабҳои номаълум касе дар бораи ӯ ва ё набуданаш савол накард. Кӣ будани Мулло Муҳаммад Расули

Салом мавқеияти калидӣ дошт, ки ҳаққи сухани аввалро ӯ бояд мегуфт, дар ин соҳа аз ин рафту ҷараёни кор Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дарк намуд, ки ин мардум нафақат масъулияти раҳбари фикру андеша ва раъйашонро ба зиммаи ман гузоштанд, дигар ҳар коре кунам хубу некаш ба дӯши ман аст. Аз як тараф худро танҳо ёфт, аз тарафи дигар яқин намуд, ки ҳеҷ кас ба фикру андешаи ман баробар шуда наметавонист. Аз ин пас ба фаъолияти якафикрӣ шурӯъ намуд. Ин бори гаронро, ки таҳаммули ӯро касе бардошта наметавонист, ба дӯши худ гирифт. Баъд аз ин ҷаласаҳо ва шӯроҳо мавқеи ҳалкунанда надоштанд, раванди ҳама корҳои муҳими сиёсӣ ва иҷтимоъӣ ба дӯшаш бор гирифта буд, ки таҳаммули ӯро фақат худаш медонист.

## ШУРӮИ РАВАНДИ МУЗОКИРОТ ДОИР БА СОЗИШ.

Чи хеле ки дар боло дар ин соҳа зикр намудем, ин раванд якҷониба буд, яъне ба талаб ва хостаи муқобил оғозу анҷом мегирифт, ҳамон хел ки хоста буданд болшевикони тундрав аввалин музокироти созиш дар Маскав сурат гирифт, ба миёнҷигии Ҷумҳурии Исломии Эрон болшевикон аз ин вохӯрӣ хушнуд ба назар мерасиданд, ба он нақша ва ҳадафе, ки доштанд расиданд сайдашон ба тур афтод. Ҳақиқат ҳам ҳамин мебошад. Дар пеши рақиб сар хам намудан маънояш дар тур ғалтидан аст. Оё ҳамон болшевикони тундрав набуданд, бо ҳилаву найранги онҳо саду панҷоҳ ҳазор мардуми бегуноҳи моро беҷон сохтанд, якуним миллионро аз ҷойи зист беҷо намуданд, сесад ҳазорро аз дарёи Ому онтараф намуданд, бисту ҳафт ҳазор хонаро ба оташ кашиданд, дар байни ду бародар ҷанги хунин ба роҳ андохтанд, ҳамон воқеаи ҷавонбухориён боз такрор ёфт.

Садриддин Айнӣ мегӯяд: "Ба дастури Велман, Қушбегӣ моро дар зиндон андохта, чӯб заданд. Элчигарии рус Велман шоҳиди ин вокеъа буд, ба ман раҳм накард, болшевикон Бухороро гирифтанд, моро аз зиндон озод намуда, ба Когон бурданд, як вақт нигоҳ мекунам Велман дар тори сарам аз ман аҳволпурсӣ мекунад, ман ба ӯ гуфтам: эй шайтон, маро ба фармони ту чӯб ҳам заданд, бадани ман ҳама захмӣ аз дасти ту буд, боз ин ҷо чӣ мекобӣ, меҳрубон шудаӣ. Гуфт: ман пӯстамро иваз кардам, набошад ман ҳамон Велман мебошам"

Болшевикони тундрав барои амалӣ шудани нақшаашон меҳрубон шуда, барои қувваи муҷоҳидинро тазъиф гардонидан афроди ҷавонро барои кор ва мафкураашонро тағйир додан аз Ҷумҳурии Исломии Покистон , Ҷумҳурии Исломии Эрон, сафоратҳои Русия иҷозат медод

ба Русия бираванд, аз Тоҷикистон шиносномаи бепул медоданд, то ки ба қаламрави Руссия бираванд. Муҳоҷирини кории тоҷикро эҳтиром менамуд, дар коргоҳҳо ба онҳо бархурди бад намекарданд, тафтиши ҳуҷҷат намекарданд, дар фурудгоҳҳо ва вокзалҳо ба ивазе, ки бираванд аз тафтиши ҳуҷҷат худдорӣ мекарданд, бисёре аз муҷоҳидин аз ин раванди созишнома норизо буданд, худро ба ягон рӯйхат дохил накарда, ба Русия рафтанд, онҳо ҳис намуданд, ки мо дигар ба касе даркор нестем. Ҷунбиши Наҳзати Исломӣ ҳам намедонист аз муҷоҳидине ки дарди сараш гашта буд, чӣ гуна ҷони худро халос намоянд, ҷониби муқобил ҳам ба тарафи онҳо ба икроҳ менигаристанд, зоҳиран муросо мекарданд. Аз ҳама ҷойи асафбораш ин буд, ки теъдоди зиёде аз муҷоҳидин соҳиби асосии худро гум карда буданд.

## РОҲБАРИЯТИ ҶУНБИШИ НАҲЗАТИ ИСЛОМ ДАР ДУ ТУР АФТОД.

Роҳбари аввали Ҷунбиши ислом ба роҳбари аввали тарафи муқобил дар соли 1997 дар давоми сол ҳашт маротиба ба мизбонии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар шаҳри Теҳрон ва Машҳад музокира намуданд. Пушти дарҳои баста, шарҳи ӯ дар расонаҳо дода намешуд. Аз раванди музокирот ба муҳоҷирин чизе фаҳмонида намешуд. Ин музокироти дуру дарозро ба тарзи худ шарҳ медоданд. Агар муҳоҷирин ба ватан пас бигарданд, муҷоҳиддин силоҳ ба замин бигузоранд. Ҷунбиши Наҳзати Исломӣ панҷоҳ дар сад вазоратхонаҳоро соҳиб мегардад. Ҷумҳурии Исломии Эрон тамоми ӯҳдадориҳое, ки аз тарафи Русия дар бораи ризо кунонидани созиши тарафайн буд, аллакай иҷро намуд. Ҳол  он ки дар умури муҳоҷирин аз ҳама камтар кӯмакрасон буд. Ба се ҳазор муҳоҷир дар кампи Амиробод дар минтақаи Хонободи Вилояти Қундузи Афғонистон як сол зиёдтар кӯмаки ғизоӣ намуд.

Комиссарияти Созмони Милали Муттаҳид сӣ ҳазор муҳоҷиронро дар компи Сахӣ кӯмаки хӯрока ва беҳдошти сӯзишворӣ таълиму тадрис кӯмак намуд. Аз 08.1992 то 08.1997 ҳудуди панҷ сол дар вақти бозгашт семоҳа ба муҳоҷирини бозгашта кӯмак расонид. Бисту ҳафт ҳазор хонаро, ки аксари онҳо ба вайрона табдил ёфта буданд, барқарор намуд. Дар созиш ва ризоияти миллӣ дар бахши муҷоҳидин дар соҳаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ кӯмаки худашро ҳамаҷониба расонид. Кӯмакҳои хайрия аз тарафи созмонҳои хайрияи олами ислом, хусусан олами

Араб ба ҳафтод ҳазор муҳоҷир дар кампи майдони ҳавоии Қундуз ва се ҳазор муҳоҷир дар шаҳраки Толиқони вилояти Тахор дар ҳадди даҳ ҳазор муҷоҳид ба сари ҳар нафар дар моҳ 10 кг орд, 2 кг равған, шакар, чӯби сӯхт, доруворӣ, дар ҳадди 11 намуд мавод ба муҳоҷирин ва муҷоҳидин кӯмак мерасониданд. Ба ҳисоби умда 70 тонна орд, 20 тонна равған, 10 тонна шакар, 20 тонна чӯби хушк, 2 тонна доруворӣ, 20 тонна либосҳои мустаъмала, 10 тонна солярка. Ба ҳисоби тахминӣ як саду бист ҳазор доларро дар моҳ ташкил медод. Ба хотири ҳаракати Ҷунбиши Наҳзати Исломӣ даъвои озодӣ ва дину мазҳаб карданд. Дар асоси бархӯрд ва шикаст маҷбур ба ҳиҷрат шуданд. Кӯмаки онҳо бар зиммаи мусалмонон воҷиб гашт. Барои рафҳои иҷтимоӣ дар баробари ҳуқуқу озодиҳои диниашон тазмин гардад, то ки битавонанд озод ва шарафмандона ба ватану ҷойи зисти доимии худ пас бигарданд. Лекин умдатарин созмонҳои хайрияи олами ислом, ки олами Араб буд, дар раванди музокирот онҳоро ҷой надоданд. Ҳар чи буд Руссия ва ҷонибдоронаш, ки меҳвари калиди ин созиши бераҷиб дар дасташон буд. Дар асосӣ будани арабҳо аз тарафи олами Ислом каме ҳам бошад Русия сар хам менамуд ва яккахоҳии Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳам нармтар мегардид. Ақаллан хостаи роҳбарияти Ҷунбиши Наҳзати Ислом дар бораи озодиҳои динӣ дар пешнавис сабт мегардиданд, ё ин ки ба инобат мегирифтанд.

Устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ин дардро дар саволу ҷавоб ёдоварӣ намудааст. "**Дар ҳолатҳое, ки ташаннуҷу ташаддид пеш меомад, аксари гузашт аз ҷониби мо мешуд. Худи ман аз ин услуб бештар истифода бурдам. Гоҳе пофишорӣ барои дарёфти хостаҳои хеш то ҷойе мерасид, ки баъди он оташи ҷангро медидам, яъне оташеро хомӯш карда будему зери хокистар ахгарҳо боқӣ буданд пофишорӣ аз ҳад зиёд сари хостаи хеш идома додам. Ба он ахгарҳо ба хотири он ки он оташпораҳо аз сари нав аланга нагиранд, аз ҳад гузаштагӣ мекардем, сулҳу ҳамбастагӣ, бозгашти мардум ба ватан, бақои миллату кишвар ин ҳадафу маромҳое буданд, ки моро водор ба гузашт менамуд. Гоҳе дар вазъияти пешомада, эълони ҷангро низ аз тарафи мухолифин шунидам, вале дар чунин ҳолат гузашт карданд, то ҳамон ҷанг бори дигар сар назанад. Албатта, ин аз рӯйи тарс набуд. Ҳол он ки оромӣ шудаву эҳсоси ширинии ҷону мол пеш омадааст, шояд тарсид. Лекин он вақт ҳеҷ гуна хавфу тарс вуҷуд надошт, тарси ягона имону ислому миллат ва ҳамин ватан буд. Ҳаргоҳ бинем, ин**

**муқаддасот осеб мебинанд, дар ҳамон ҷой гузашт мекардем, аз баҳри ҳама чиз мегузаштему аз баҳри инҳо не."**

## ИМЗОИ СОЗИШНОМАИ УМУМИИ ИСТИҚРОРИ СУЛҲ ВА ОШТИИ МИЛЛӢ ДАР ШАҲРИ МАСКАВ (27.06.1997).

Мухолифатҳо ва норозиятҳо ба ин созишнома аввал кӯмакҳои хайрия аз тарафи созмонҳои хайрияи олами ислом ба умдатарин кампи Қундуз, ки ҳафтод то ҳаштод ҳазор нафарро дар бар мегирифт, намояндагиҳояшон нобоварӣ ҳис намуда рафтанд. Кӯмак ба муҳоҷирин ва муҷоҳидин коҳиш ёфт. Кӯмакҳо аввал ба бонкҳои Исломобод интиқол мешуд, баъд бо роҳи заминӣ то Кобул ё то Қундуз интиқол мегардид. Аз ҷиҳати ноамнии роҳҳо кӯмакҳо бисёр маврид дуруст ба макони таъиншуда намерасид. Ин ҳам як мушкилии ҷиддӣ буд барои муҳоҷирин ва муҷоҳидин. Ҷавонписарҳо, ҳазорҳо нафар боварӣ ба ин созишнома ва аз баргаштан ба ватан худдорӣ намуда, барои хондан ва кор кардан рӯй оварданд ба кишварҳои исломии дигар ва ғайра. Адади муҷоҳидини тоҷик аз адади муҷоҳидини Афғон, ки Русияи Шӯравиро вожгун сохтанд, аз ҷиҳати адад ва таълим зиёд ва болотар буданд. На ба ин розӣ ва на ба халъи силоҳ бовар доштанд, чунки дар бархурдҳои охир ҳамеша дасти боло доштанд. Нерӯҳои русӣ дар сарҳад дигар қудрати пеши роҳи онҳоро гирифтан надоштанд, дигар аз сарҳад назорат намекарданд. Аксари муҷоҳидин ба қисмати шарқӣ рафтанд, дар он ҷо ҷойгир шуданд, хаёл мекарданд, ки ба ҳамин шаъну шукуҳашон қисме аз артиши кишварамон мешавем бо силоҳи худамон. Давлати устод Раббонӣ шикаст хӯрд, Қундуз дар таҳти роҳбари ҳукумати толибон даромад. Онҳо ба муҳоҷирини тоҷик эҳтиром доштанд. Дар ҳукумати пешин ин эҳтиромро надоштанд. Ҳар рӯз хабар паҳн менамуданд, шумо фиреби Русияи Шӯравиро нахӯред, онҳо шуморо ҷанг андохтанд, шуморо ба фиреб бе ягон қайду шарт гирифта мебаранд, онҳо ба ҳарду тарафи шумо қобили эътимод нестанд, дӯсти қобили эътимоди шумо мо ҳастем то вақте Худованд ҳокимияти гӯшаи ин хокро ба дасти мо додааст ҳаёти беҳтари иҷтимоъӣ  сиёсии шуморо кафолат медиҳем. Ҳанӯз вақти баргашти шарофатмандонаи шумо фаро нарасидааст, ба фиреб мубтало нагардед. Ҳар муҳоҷире ки бар мегашт дар ҳукумати пешин ҳар молу ашёе, ки медошт, дар дасташ молияю

гумрук мегирифтанд, дар ҳукумати толибон муҳоҷир ҳар чизе дошт аз чӯбу ашёи хона чизҳои лозима: мошин, олоти техникии хоҷагии қишлоқ мебурданд, он ашёро ба ҳисоб ҳам намегирифтанд, аз он ягон молиёти гумрукӣ ҳам талаб намекарданд.

## МУҲОҶИРИНИ КОМПИ САХИ ХОҲИШИ БА ВАТАН БАРГАШТАНРО НАДОШТАНД.

Дар боло ёдовар шудем, ки дар компи Сахӣ сӣ ҳазор муҳоҷир таҳти сарпарастии Комиссарияти Созмони Милали Муттаҳид қарор доштанд. Ҳабдаҳ километр аз шарқи Мазори Шариф ҷойгир шуда буданд. Тамоми лавозимоти зиндагӣ: хӯрока ва пӯшока, ёрии тиббӣ, шифохона, мактаб ва бозор муҳайё буд. Барои муҳоҷирин дарсҳои касбомӯзӣ, дуредгарӣ, дӯзандагӣ, собунпазӣ, қандтаёркунӣ омӯзонида мешуданд. Бе пардохти маблағе ройгон аз баргашт ба ватан дар ҳарос буданд, доим дар пурсидан буданд, ки моро куҷо муҳоҷир қабул мекарда бошад. Орзу доштанд ба Украина бираванд, хости онҳоро касе қабул намекард, худам дар он комп ҳамроҳашон будам. Генерал Дӯстум амири сафаҳоти Шимол дар Мазори Шариф менишаст, моҳи феврали 1996 дар як табаддулоти низомӣ ҷойи ӯро генерал Малик гирифт. Шаҳри Мазори Шариф дар тасарруфи ӯ даромад. Бародари генерал Малик Гулипалвон бо толибон пайваст. Пинҳонӣ Муҳаммад Исмоилхон ҳамроҳи Гулипалвон дар вилояти Бодғис бо толибон меҷангиданд. Гули Муҳаммад Исмоилхонро ба толибон фурӯхт, ӯро асир гирифтанд. Мулло Умар Амири толибон гуфт: Мо инро асир нагирифтем, инро ба мо фурӯхтанд душманонаш, мусалмони фурӯхташуда чӣ гуна асир мебошад ва ҳукми озодиашро содир намуд ва гуфт: ин озод аст ва аз ин пас мушовири ман мебошад. Баъди таслим шудани Гулипалвон баъди ду рӯз толибон Мазори Шарифро ба тасарруфи худ даровarданд. Дар моҳи апрели 1996 баъди ду рӯз таваққуф дар Мазори Шариф ба тарафи Самангон, Бағлон, Қундуз пеш рафтанд. Дар ин ҳангом лашкари аҳли ташаюъи Ҳазора ба сардории Муҳаммади Муҳаққиқ толибони дохилии Мазорро ғофилгир намуда, қисми онҳоро ба ҳалокат расонида ва қисмеро асир намуда, ба азобҳои дардноки мусла, ба мисли аъзои баданашро зинда ба зинда буридан, дар шикамаш ханҷар тела намудан, ба ҳамин азобҳо ба қатл расониданд. Ҳазорҳо лашкариёни Дустуми малики ӯзбекон буданд. Онҳоро ба қатл расониданд. Мазори Шариф ба тасарруфи Муҳаммади Муҳаққиқ шиъаҳо даромад. Тошқурған дар дасти

толибон буд. Ҳар рӯз аз Мазори Шариф гурӯҳҳои Муҳаммад Муҳаққиқ аз дунболи толибон то кампи Сахӣ тарафи Ҷарқурған пешравӣ менамуданд. Ҷуръати бо толибон ҷанг карданро надоштанд. Толибон аз ҷояшон ҳаракат накарда, онҳо мегурехтанд. Нерӯи толибон аз боло ба кампи Сахӣ хеле наздик буданд. Нафарони толибон ду нафар, ду маротиб ба камп омаданд: бори аввал якду кӯдакро меҳрубонӣ намуда, хоҳиш карданд, ки Қуръон бихонед. Онҳо Қуръон хонданд, оби чашм намуда, ба ваҷҳи даҳ доллар ба онҳо пули афғонӣ доданд. Рӯзи дигар омада аҳволпурсӣ намуданд, як мурғро гирифтанд ба ивазаш бист доллар доданд. Ба ҳамин дигар ба тарафи камп ҳам намеомаданд. Ба муҳоҷирин ҳам кордор набуданд. Дар 10уми сентябри соли 1997 нерӯҳои низомии Муҳаммади Муҳаққиқ дар ҳадди панҷсад нафар чор танк барои зарба задан ба толибон, то кампи Сахӣ расиданд. Толибон дар баландие қарор доштанд ва нерӯҳои Муҳаққиқи Ҳазора дар атрофии камп ба даруни камп даромадан шурӯъ намуданд. Дар чеҳраҳои ин аскарони Ҳазора ягон тиннати нек мушоҳида намешуд. Раиси дафтардорӣ дар дохили камп аз тарафи ООН Каримхон, ки ӯ ҳам аз аҳли ташайъю буд, гурехта, худро пинҳон кард. Дигар ягон нерӯи муҳофизатӣ барои муҳоҷирин вуҷуд надошт, рост ба анбори хӯрокаи муҳоҷирин даромаданд ва онро ба пуррагӣ ғорат карда дар мошинҳо бурданд. Садҳо мошинаи дастӣ, лавозимоти таълимиро бурданд. Даҳ тонна сӯзишворӣ соларка, онро ҳам ба яғмо бурданд. Рӯ ба молу ашёи муҳоҷирин оварданд, аз чӯби сахти гандум чизе дар пешашон мехӯрд, мебурданд. Муҳоҷирин на дасти зӯр доштанд, на ҷойи гурез. Чанд мӯйсафеди тоҷикро лату кӯб ва ҳақорат намуданд, то ки битарсанд, ҳамаашон дар дохили камп даромаданд. Ба одамон ошкор мегуфтанд, феҳрасти занҳои беваро ба мо маълум кунед. Чанд мулло доред, онҳоро ҳам маълум кунед. Дигар дар кампи муҳоҷирини тоҷик як рӯзи ҳашр ба вуҷуд омада буд. Дигар мардум дар бими ҷони худ буданд. На дигар Милали Муттаҳид буду на ҳукумату қонун. Гуфтанд, ки Мазори Шариф дар тасарруфи ҳазораҳои шиъаст, ман худам як мактуб навиштам ба номи Муҳаммад Муҳаққиқ ба ҳазор тарсу ларз, ки гумони толибам накунанд, ки нопурсида ҳалокат месозанд, то дохили Мазор даҳҳо ҷасадро дидам, ки хобиданд, мегуфтанд: Инҳо толибон ва Дӯстумиҳо ҳастанд, ки мехостанд аз муқобила бо толибон аз ҷанг фирор намоянд. Ҷасадҳоро намебардоштанд, ки бубинанд ва битарсанд. Ман ба наздикии шаҳри Мазори Шариф, ки қароргоҳи раиси ҳазораҳо Муҳаммади Муҳаққиқ

буд, расида, ба ёвараш худро муаррифӣ намудам. Маро ба наздаш бурданд. Ӯ маро хуб қабул намуд. Ман ҳама ҷурму ҷинояти нафаронашро ба ӯ гуфтам, ҷавоби аҷибам дод, гуфт: Медонам, шумо равед, ҳозир мухобира мекунам, аз кампи Сахӣ макони таҷаммуъи муҳоҷирони тоҷик ба беруни камп мебароянд. Фармон дод, ки ин тоҷикиро то берун аз шаҳр муҳофизат намоед. Ман ба камп расидам, ки қисми зиёдашон аз дохили камп ба берун баромаданд, он рӯз бегоҳ шуд. Толибон аз боло ба дурбин рафтани моро назора мекарданд. Дар назди Муҳаққиқ мухобира бо камп ҳамаро назора ва гӯш мекарданд. Он шаб дар камп ҳеҷ кас хоб набуд, нерӯҳои Муҳаққиқ дар атрофи камп камин гирифта, толибон бо снаряд тарафи онҳо тир холӣ мекарданд. Ба назар чунин менамуд, ки ҳама гуноҳҳоро мо карда бошем. Аз рӯйи нақша Муҳаммади Муҳаққиқ ба нерӯҳояш амр дода буд, ки бо муҳоҷирини тоҷик аралаш ё махлут шавед ва аз дохили компи муҳоҷирон тир кушоед, то толибон барои мо муҳоҷирини тоҷикро ҳамроҳи мо дониста, онҳоро бо снаряд зада нобуд кунанд. Бо ҳамин обрӯи сиёсиашонро аз даст медиҳанд, ҳамчун роҳзан қотилони бераҳм хунрез муъаррифӣ мешаванд ва қариб, киончунон ҳам шуд. Баъди намоз нерӯҳои Муҳаққиқ ба камп меоянд ва мераванд. Соати 8 субҳ буд, ки як снаряд аз масофаи се километр дар камп зад. Як хонаводаи шаш нафара, ки хонаи гилин доштанд, ба куллӣ нобуд шуданд. Баъди 20 дақиқа боз як гулулаи дигар мепартоянд, ки як хонаи дигарро тахриб намуд. Талафоти ҷонӣ надошт, баъди 20 дақиқа гулулаи саввумро ба манзили мо ҳадаф гирифта буданд, ки ҳамагӣ ҳисоб кардем шаш метр дуртар асобат кард. Хоки мулоим, даромада рафт инфиҷор нанамуд. Умуман дар ин ҳодиса ва ҷанги миёни толибон ва ҳазораҳо, ки компи Сахӣ дар миёни ин ду қарор дошт, 17 муҳоҷири тоҷик кушта шуданд. Дар он минтақа фармондеҳи ҷанги толибон Хайруллоҳи хайрхоҳ буд. Ба номаш мактубе навиштам, ки мазмунаш чунин буд:

"Муҳтарам Хайруллоҳи Хайрхоҳ, фармондеҳи муҷоҳид, толибони роҳи Ҳақ, мо ғарибу ҳиҷраткунанда дар диёри шумо Афғонистон қарор дорем. Ин шумо ансораллоҳ оё дар ислом хуни мо, ки гуноҳе надорем, резониданаш ҷоиз аст. Ин тирҳо ва тӯпҳо ва хунпораҳои вазминатро ба тарафи мо муҳоҷирон не, балки ба тарафи душманат бигардон, ба намояндагии ҳаракати ҷунбиши Наҳзати Ислом ва муҳоҷирини тоҷик Ҳоҷӣ Қаландар ва Каримхони Шаҳритусӣ"

Як нафар ҷавон байрақи сафед гирифта, дар миёни сафи ҷанг ба назди фармондеҳи толибон мактубро бурда, расонид. Лафзӣ ҳам қазияро ба ӯ хабар дод, фармондеҳи хайрхоҳ аз қазия огоҳӣ ёфта, дар пушти мактуб чунин ҷавоб гардонид.
"Саломи шумо ва мактуби шумо ба дасти мо расид, узр, аз рӯйи диду шуниди мо шумо бо муфсидини фил арз (Фасодкорони дар замин) ҳамкорӣ ва ба онҳо кӯмак мерасонед. Ҳоло фаҳмидем, ки шумо аз ҷумлаи онҳо нестед, бо ризои Худованд мо бар ин муфсидин ғолиб хоҳем омад, кафолати бехатарии шумо бар дӯши  мо мебошад. Аз Худованд хоҳони он ҳастем, ки аз дасти мо озор набинед."
Баъди зуҳр ҳамон рӯз чил адад танк бештар аз тарафи Муҳаммади Муҳаққиқ аз Мазори Шариф ба тарафи Тошқурған барои бархӯрд бо толибон ба ҳаракат даромаданд. Ин колонна то кампи Сахӣ пешаш расида буд. Аз камп гузаштанд, танк пешаш ба чашм намоён шуда буд, толибон онро ҳадаф қарор доданд. Як алангаи оташи сурх дар осмон намоён шуд. Як мошини дигарро аз қафои колонна заданд. Он ҳам дар гирифт. Дастаҳои пиёданизом аз қафо мерафт. Чил адад техникаи сақил вазнин як тир холӣ накарда, қафо гаштанд. Аз қафо чор мошини таётаи доксан пиёданизомҳоро тирборон намуда, ҷуръат накарданд як тир ҳам ба тарафи толибон биандозанд. Ҳамон чор доксан панҷ нафари дар дасташон пулемёт ва боми дастӣ доштанд. Чил мошини ҷангӣ танкБТРро то Мазор пеш намуданд. Дар қафо, дар поёнии роҳ дар масофаи каме болотар аз камп аз нерӯҳои Муҳаққиқ сиву ду ҷасад боқӣ гузоштанд. Дар дасти он ҳама кушташудагон силоҳ хобида буданд. Дигар ба онҳо толибон даст дароз нанамуданд, то он силоҳҳои аскарҳои мурдаро бигиранд.Инчунин нерӯҳои Муҳаққиқ ҷуръате накарданд, ки ба он ҷой омада, ҷасадҳояшонро баранд. То панҷ рӯз ҳамон ҷасадҳо дар ҳамон роҳравҳои вурудии шаҳри Мазори Шариф ва атрофи фурудгоҳ боқӣ монданд. Вазъияти муҳоҷирин ором гашт, лекин дигар на хӯрока доштанд на дармон, на чӯби сӯхт. Аз дасти нерӯҳои Муҳаммад Муҳаққиқи ҳазора ба хулосае омадем, ки чорпанҷ хонавода шуда, то вилояти Қундуз дар як Камаз биравем. Ман барои пайдо кардани Камаз ба Тошқурған рафтам. Он ҷо таҳти ҳукумати толибон буд. Соати нуҳи саҳарӣ дар Тошқурған расидам. Толибони зиёдеро дар он ҷо мушоҳида намудам, ки ҳавопаймо дар фарози ҳаво пайдо шуда, бо овози баланд аз ҳар тараф шунида мешуд, ҳой мардум, худро пинҳон кунед, ман ҳам худро дар як ҷӯйбори кандагӣ пинҳон кардам, ки ба мисли оташак кафонидан ба

садо даромад. Ҳаво пур аз ранг шуд. Ҳавопаймо аз тарафи Шӯравӣ мегуфтанд. Дар болои толибон ленточни бомба будааст, ленточни бомба вақти партофтан то замин ду маротиба инфиҷор мекунад, он қисматҳои инфиҷор шуда, боз дар замин ду маротибаи дигар инфиҷор менамоянд. Дар дарунаш ҳазорҳо сӯзан. Онҳо бо суръати сахт пош мехӯрданд, заҳр доштанашонро намедонам, ба бадани ҳар ҷондоре асобат кунад, дарҳол ҳалок менамояд онро. То соати 3и баъди пешин ду ҳавопаймо навбат ба навбат чор маротиба бомбаборон намуданд. Мардум ҳама худро паноҳ намуда буданд. Шукр, ки ҷон ба саломат бурдам, касеро ҷароҳат бардоштан ё ин ки ҳалок шуда мушоҳида нанамудам. Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки чаро муҳоҷирин кампи Сахиро ин миқдор мушкилотҳо бар сарашон оварданд? Ин аз он ҷо сарчашма мегирад, ки онҳо мегуфтанд: моро агар Украина қабул кунад, рафта дар он ҷо пахта мекорем. Германия муҳоҷир қабул кунад, меравем, лекин ба ватан хоҳиши баргаштан надорем. Аз ин суханҳо Росияро хуш намеомад. Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳам хуш надошт, ООН аз хидматҳои кардааш пушаймон шуд. Муҳаммади Муҳаққиқ пайравӣ аз Эрон менамуд. ӯ бе дастур ба кампи муҳоҷирини тоҷик ҳуҷум намеовард. ООН қудрат ва тавони ҳифз ва нигоҳубини онҳоро дошт, гурехтанаш ба ҷонибдории Россия буд, ленточни барои тарсонидани муҳоҷирин аз тарафи қаламрави Россия бар болои толибон партофтан ҳамаи ин барои он буд, ки тез ба ватан баргарданд, накунад, ки боз ба толибон ҳамроҳ шуда, дарди сари дигар биофаранд.

## ҶОМЕЪА ВА ИСЛОМ

Бонуфузтарин ва бузургтарин намояндагони дини муқаддаси ислом дар солҳои баъд аз инқилоби болшевикон ба кушторҳои ҳавлноки дастаҷамъӣ ба ҳалокат расиданд, боз таъкиб шуданд, рӯ ба ғурбат оварданд, пеш аз ҳама ба кӯҳистони Тоҷикистон маскан гирифтанд. Ҳукуматдорон ба дастгоҳи худ бар зидди чунин донишмандон мубориза бурда, фишор меоварданд.

Ҷунбиши ҳаракати Наҳзати Исломии ҷавонон дар аввали даҳаи ҳафтод шурӯъ шуд. Маншаи озодиҳои динӣ каме характери иҷтимоъӣ дошт, ранги сиёсӣ кам дошт, ба ҳузури Россия ва ҳукумати Шӯравӣ ва ба сиёсати он на кордор ва на душманӣ доштанд. Аз аввали даҳаи 80уми асри гузашта пурсишҳое анҷом дода ва муайян намудани ниҳодҳои ҳукумати Русияи Шӯравӣ шурӯъ гардид, ки ҳаракати

Исломии ҷавонон дар айни сабзиш ва пешравӣ буд, ба шарофати бозсозии Горбачёв насими озодӣ каму беш нуфуз намуд. Дар соли 1986 Наҳзати Ислом аз вуҷуди худ каму беш огоҳӣ медод, барои ҷилавгирӣ аз он дидем, ки чи дасисаҳое ба роҳ андохтанд. Бо вуҷуди ин натавонистанд Наҳзати Исломиро дар гаҳвораaш нобуд созанд. Наҳзати Ислом қувват мегирад, рушд мекунад, Бехабар аз он,ки ин дин дини Худованд аст ва ҳомии ин дин худи ӯст.Инчунин арзишҳои маънавӣ ва мазҳабии миллат ва арзишҳои волои исломӣ аҳзоби ботили воридгашта, ки аъзоёнаш ғайр аз манфиъати модиву мансабталабӣ ҳеҷ гуна вобастагие ба он надорад, хира ва нобуд хоҳанд шуд. Аммо на ба ин зудӣ, чунки аксари миллат ҳанӯз омодагии сиёсӣ надоштанд, аз арзишҳои исломӣ ба ғайр аз расму русуми ибодат он қадар исломро ба онҳо бад муаррифӣ карданд, ки худи мусалмонони мо гумон доранд ҷойи мусалмон фақат кунҷи масҷиду хонақост, на бештар. Мегӯянд умури сиёсию иқтисодӣ ба исломy мусалмон нисбате надорад, худи мусалмонҳо аз ҳукумати исломӣ дар ҳаросанд, дар мо анъанаи муборизаи сиёсӣ, рӯҳоният дар дигар кишварҳои исломӣ нест, вале аксари аҳолии ин кишвар таърихан ва имрӯз низ мусалмонанд, чун дар кишварҳои исломӣ мусалмонони аксарияти бо нуфузеро ташкил медиҳанд, ки дурнамои вазъи сиёсии ҷумҳурӣ бо таваҷҷуҳ бо ин воқеъият ва барҳам рехтани деворҳое, ки миллати мусалмони моро аз дигар мусулмон ва ғайримусулмон ҷудо карда буданд, чи гуна хоҳад шуд. Сарони имрӯзаи ҷумҳурӣ аз ҳаводиси сиёсии даҳсолаи охир чи натиҷа метавонанд бигиранд, бояд дар назар дошт, ки дар муддати даҳсолаи ахир аз 45 кишвари мусалмони аъзо ба 57 кишвари мусалмони аъзо расидааст, аз тарафи дигар баъди пош хӯрдани Шӯравӣ дар Русия дини ислом дар ҷойи дуввум дар сар то сари Русия шинохта шудааст. Кишварҳои ҳамсоя Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон секуляристиашон мулоим гашта, рӯ ба ислом оварда истодаанд. Ҳангоме, ки дар даҳсолаи охир сарони тамоми кишварҳои исломӣ ҳадди ақал сиёсати исломикунонӣ сиёсати аз боло пешгирифта барои хунсор кардани наҳзатҳои мухолифи исломӣ дар сохтори сиёсӣ ва қонунгузорӣ мақому нақши исломро афзоиш доданд. Масъулони сиёсии мо боз блокадаҳо ва садҳои тозае дар роҳи ҳаракати ислом ва мардум эҷод кардан мехоҳанд. "Бехабар аз онки чаро оқил кунад коре, ки боз орад пушаймони". Агар масъулон эълом доранд, ки дар арсаи идеология ба арзишҳои исломии миллӣ ва мақому нақши хос қоиланд ва дар арсаи

сиёсат ва қонунгузорӣ низ тадриҷан ба шариъати ислом такя хоҳанд кард, кори савобе хоҳад шуд. Адолат куҷост. Агар бо ҳам аз болои кишваре, ки 99 дар сади аҳолиаш мусалмон аст идеологияи атеистӣ ва коммунистӣ ё ин ки ягон идеологияи воридоти дигар ҳокимият кунад. Агар ба таърихи Наҳзати Ислом нигарем, ин ҳаракате нест, ки фақат имрӯз ба вуҷуд омада бошад, балки он як шохаи ислом мебошад, ки поягузоронаш алломаҳое чун Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ, Муҳаммад Абду, Аҳмади Дониш, Абдураҳмон Алкавкабӣ, Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ, Саид Қутб Иброҳим ва даҳҳо уламои дигари ислом дар тӯли ин сад соли охир ба он пайвастанд ва онро таблиғу ташвиқ карданд. Воқеъан, натиҷаи кӯшишҳо ва ҷонбозиҳои ин уламо буд, ки имрӯз мусалмонон дини худро аз нав шинохтанд, имрӯз наҳзатҳои исломӣ истиқлолталабиро таҳти таъсири худ нигоҳ доштанд. Мардуми ин кишварҳо ва ҷомеъаи ҷаҳониро бо он метарсонанд. Марҳилаи пешрафти ҷунбиши Наҳзати Ислом, ки дар соли 1986 ба қавитарин марҳилаи худ расида буд, тавониста, ки чандин ҳазор нафарро дар атрофи худ муттаҳид созад, зеро ҷунбиши Наҳзати Исломии ҷавонон дар асоси фарҳанги исломӣ бунёд ёфта, пояҳои ба дини муқаддаси Ислом устувор буда, аксари аъзо ва ҷонибдоронаш шахсиятҳоеро ташкил медод, ки аз таълимоти исломӣ улуму фановарии он рӯза воқиф буданд. Сиёсати замонро мешинохтанд дар кулли мавзӯъаш мушкилоти иҷтимоӣ, техникӣ, тиҷорат, ҷалби сармояи хурд нақшаҳои хубе рӯйи даст доштанд. Русияи шӯравиро ба ҳамон қудрат ва тавоноӣ, ки дошт, дар ҷаҳон лашкарашро урдуи шикастнопазир муаррифӣ менамуд, бо камоли бераҳмӣ ба давлати мусалмони Афғонистон ҳуҷум овард, ду ҳадаф дошт: идеяву материализми коммунистиро ҷойгузини дини Ислом намуда, Афғонистонро ба лигаи давлатҳои сотсиалистӣ ҳамроҳ намудан буд, вале аз ин аҳдофаш ҷаҳони ғарб огоҳӣ ёфта, Маргарет Тетчер сарвазири Англия дар соли 1979 чунин гуфт:

"Дар тӯли чорсад соли ҳукуматамон хатои мо ҳамин буд, ки бар зидди кишвари исломӣ дар Афғонистон ҷангро шуруъ намудем, сад ҳазор одамро ба қатл расонидем, заррае муваффақ нагардидем. Аз ҳама муҳимаш ҷаҳонниён ҷанг карданро аз мо ёд гирифтанд, чорсадсола империяи мо порапора гашт, то кунун худро ҷамъ карда наметавонем, имрӯз мо мебинем коммунизми байналмилал хеле умраш кӯтоҳ будааст. Имрӯз дар Афғонистони исломӣ бархӯрд намуда, ба чизе ноил нахоҳад гашт, Шӯравӣ аз ҳам хоҳад пошид. Аз нигоҳ доштани

худ оҷиз монд, бешубҳа огоҳ мекунам. Русияи Шӯравӣ дар Афғонистон аз дасти муҷоҳидини Афғон шикаст мехурад"
Аз соли 85 ин ҷониб тобуторӣ шуруъ гардид, ҳеҷ рӯзе набуд, ки дар шаҳре ё деҳае тобути ғурамаргон оварда нашавад. Таблиғгарони ҳизби коммунист чи гуфтанашонро намедонистанд. Давлат дар як ҳолати изтирории хомӯшӣ қарор гирифта буд. Дар бораи Афғонистон сухан гуфтан тамоман манъ буд. Мардум дар он ҷой чи мегузарад, намедонистанд. Русияи Шӯравӣ дар ҳамон шаш соле, ки гирифтори ҷанги муҷоҳидини афғон буд, кофтуков нисбати муллоҳо каме коҳиш ёфта буд, лекин нисбати Наҳзати ҷавонони Ислом ором набуд. Ҳаракати Наҳзати Ислом ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, густариш меёфт, ҷонибдоронаш ҳар рӯз зиёда мегашт, мардум дар қаламрави ҷумҳурӣ дар ҳар ҷое, ки Наҳзати Ислом ҷавононро намедонистанд, медонистагӣ шуданд, дар бораи он андешаронӣ мекарданд. Худҷӯшии ин ҳаракат аз миёни мардум ба вуҷуд меомад, боварӣ ба он то рафт ва рӯз ба рӯз зиёдтар мегашт.

## ҲАРАКАТИ НАҲЗАТИ ИСЛОМИИ ТОҶИКИСТОН ИСЛОМРО БА МАРДУМИ ТОҶИКИСТОН ВА БЕРУН АЗ ОН ШИНОСОНИД ВА ҶОЗИБААШРО ДАР ДУНЁ ПАҲН НАМУД.

Ба ҳама маълум буд, ки асоси идеологияи коммунистӣ, инкори Худованди таборак ва таъоло буд. Ягон дину мазҳабро ба расмият намешинохт. Болшевикҳои тундрав ба ҳамон сурати собиқашон бе каму кост аз соли 1986 ба ҳамон яккахоҳӣ, ки доштанд садди роҳи фаъолияти озоди Наҳзати Ислом шуданд. Ҳаракати исломӣ дар муқобили сохти давлати тоталитарӣ рӯз аз рӯз шиддат гирифт. 24 июни соли 1986 яку якбора дар соъати чори субҳ ба хонаи ман дар ш. Қӯрғонтепа, ба хонаи Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар ноҳияи Вахш, ба хонаи Мулло Абдураҳим дар шаҳри Кӯлоб, ба хонаи устод Домулло Сайидраҳмон, дар шаҳри Душанбе, бехабар ва бе огоҳӣ дар торикии шаб, субҳи барвақт зада даромаданд ва ба кофтуков шурӯъ намуданд, то бегоҳ аз даруни варақҳои китобҳо то чердаку таҳхонаҳо ва ҳоҷатхонаҳоро кофтанду чаппа намуданд, чи чизро мекофтанд, маълум набуд. Ба гумон рӯйхати аъзоён ва дороиро мекофтанд, ки ба хориҷ чӣ алоқа доранд, лекин то охир чизеро, ки интизораш буданд, дарёфт накарданд, ҷуз чанд китобҳои кӯҳнаи динӣ, ки онҳоро бурданд, баъдан пас гардониданд, дар ҳамон таърих баъди кофтуков устод Нуриро ба як чизҳои сохтаву бофта ба ҳабс гирифтанд, таги ҳазор

нафар дар пеши идораи Ҳизби Коммунисти Обкомпартияи вилояти Қӯрғонтеппа, ки аксарашон ҷавонон буданд, ҷамъ шуда талаб намуданд, ки Сайидов Абдуллоро озод намоед, аз саҳар то бегоҳ идома кард аз Қосимов раиси Ҳизби коммунистӣ дархост намуданд, ки ба мулоқоти мо бароянд, аммо набаромад ва пешниҳод намуд, ки чор пешвои боақлатон ба толор биёянд, мо дар ин бора гуфтушунид мекунем. Се нафар: раҳматии Санг, Афғон ва Маҳмуд ба назди Обком рафтанд, Обком бо ранги ҷулида гуфт: Шумо чаро бе иҷозат дар инҷо ҷамъ шудед, мо аз ҳабси Сайидов Абдулло дарак надорем, ӯ дар ҳабсхона нест. Мо кофтукоб мекунем, агар пайдо шуд, ӯро ба шумо мерасонем, шумо рафта ба мардуми ҷамъшуда бигӯед, ин ҷойро холӣ карда, ба хонаҳояшон раванд. Онҳо омада ба мардум гуфтанд, лекин ҷамъомадагон баромадани Обкомро аз идорааш мунтазир буданд, лекин Обком ба кадом роҳи махфӣ аз идорааш баромада рафтааст, ҳеҷ кас ӯро мушоҳида нанамуд, дар ин гирдиҳамоӣ воситаҳои ахбори хориҷӣ ҳузур надоштанд, лекин аз ҳама атроф бо ҷузъитаринаш аксбардорӣ мешуд. Аз назди гирдомадагон каме дуртар қувваҳои аскарӣ ва пулис мавқеъро иҳота карда буданд. Ин гирдиҳамоӣ баъди 70 сол аз рӯйи фаҳмида ва нофаҳмида бомбе буд таркид, пояҳои абарқудраттарин давлати коммунистии ҷаҳонро ларзонд, дар тамоми Шӯравӣ паҳн гардид. Дар муддати 70 сол нахустин бор Наҳзати Исломи озодихоҳ дар қаламрави Шӯравӣ ба дохилу хориҷ овози худро баланд намуд, аз ҳаёти худ огоҳӣ дод. Ноҷавонмардона Обком, Қосимов ҳамон ришсафедоне, ки ба наздаш даромада буданд, раҳматии Афғон, Санг ва Маҳмудро ба ҳабс гирифт. Аз ҷавонон Шамсиддини Сайид ва Худойназарро ҳам ба ҳабс гирифтанд, Домулло Абдуллоҳро ба айбҳои сохта ба ҳабс гирифтанд. Ду сол аз озодӣ маҳрум намуданд.Нисбати ман ҳам парванда кушоданд, чанд нафар муаллимро барои шогирдӣ доштанашон наздам, бар зидди ман шӯрониданӣ шуданд, онҳо шаҳодат доданд, ки ман ба қӯшуни Шӯравӣ дар Афғонистон даромадан зид будам. Муфаттиш Тиллоев маро пурсид, гуфт: Ҳамин хел гуфтаӣ тасдиқ кардам, боз гуфтанд: Шӯравӣ дар соли 1956 дар Венгрия ва Чех ҳам зада даромада буд ?: ин гуфтаҳоятро тасдиқ мекунӣ, гуфтам: бале, гуфт: агар инкор мекардӣ, то ҷудо намудани саратон аз бадан шуморо дар ҳабсхона нигоҳ медоштем, ҳоло бошад дар ҳамин санади назоратӣ имзо кунед, ки аз ҳамин шаҳр берун намеравед, мо парвандаи шуморо ба суд месупорем, баъди як ҳафта сари суди шумо оғоз мешавад. Кори маро

суди шаҳрӣ Мирзоев дид. Баъзе нафарони миёнарав пайдо шуданд, ки аз ӯ ёрдами сабуке барои ман пурсон шуданд, ӯ ҷавоб додаст, ҳар ҷинояткори ашадӣ аз ман кӯмаке пурсад, ёрӣ мерасонам, лекин ин шахс аз парвандаи мулло ва маҳбуси сиёсӣ мебошад, аз ҷонам метарсам, ба ин ёрдам кардан имкон надорам. Сари суд оғоз гардид, маро дар курсии ҷиноятӣ шинонданд. Ҳамон муаллимоне алайҳи ман шаҳодат доданд, дар назди муфаттиш боз ҳамонро такрор намуданд. Суд аз ман пурсид: шумо ҳамин гуфтаҳои шоҳидонро тасдиқ мекунед? Гуфтам: бале. Гуфт: кабк аз чаҳ чаҳи овозаш ба доми сайёд меафтад, шумо аз рӯйи забонатон худатонро ба маҳбас кашидед, муаллимонро таҳқири зиёд намуд, гуфт: шуморо ҳукумати шӯро панҷ сол хононд, маълумоти олӣ дод, гӯшҳоятон локатер барин савияи донишатон ба илми мулло баробар набудааст, боз аз мулло сабақ гирифтаед, муллоро ба ҷазои сазовор на камтар аз сӣ сол ин муаллимон ҳам ҷазо мегиранд, барои шаъну шарафи мактаби советиро паст намудан. Баъди танаффус ҳукм хонда мешавад. Баъди танаффус суд омад, сухан ва рангаш тағйир ёфта, шоҳидон ҳолати равонии судяро диданд, муаллим Файзалӣ ба тарафи муаллим Абдуғаффор гуфт: Ман гуфта будам, инҳо ба Мулло Қаландар ҳеҷ коре намекунанд, фақат моро хиҷолат карданд, суд ҳукмномаро хонд, ба ман як сол ҷазои шартӣ дод, ки 20 рубл аз ҳисоби маошам ҷарима месупоридам, ҳамаро аз толор ҷавоб дод, маро боз ба наздаш фарёд намуд, гуфт: Эй мулло, ман барои шумо 15 сол муқаррар карда будам, чи шуд шумо бурд намудед, ба сиёсате, ки Гарбачев котиби ЦКА ҲКШ дар пеш гирифтааст бояд қӯшунашро аз Афғонистон бе ягон қайду шарт барорад, ягона шахсе, ки хатои дохил кардани қӯшун ба хоки Афғонистон, норизо ва мавриди танқид қарор додед, шумо будед, гласнос афтодед, ҳақ баромадед, ба ман занг заданд, ки шуморо аз толори суд озод намоям.

Бо муаллим Ибодуллои Муҳаммадшариф гоҳгоҳе ҳамроҳи мо менишаст, дар назди одамон дар омади суҳбат гуфтааст, ки ман ин бегоҳ ҳамроҳи бародарон шабнишинӣ намудем. Дар он ҷой мулло Қаландар ҳам буд. Суҳбатамон ба дарозо кашид. Аз руйи Қуръон, баъди анҷоми суҳбат китоби Қуръон, ки дар дастам буд, бурда дар болои китобҳои дарсӣ гузоштам, бехабар монда, пагоҳ Қуръонро нофаҳмида, ба синфхонаи мактаб бурдам. Чун хонандагон диданд, гуфтанд: муаллим, моро имрӯз аз Қуръон дарс медиҳӣ, ӯро ба зудӣ пӯшонидаму чизе нагуфтам ин хабарро касе ба Кумитаи амният

расонидааст. Баъди як ҳафта аз сари суд нагузашта буд, ки дар рӯзномаи «Коммунисти Тоҷикистон» сармуҳарираш Пшеничников ба сарлавҳаи "Коран в классе" он чизе ки дар бораи ман медонистааст навиштааст, фаъолиятҳои сиёсие, ки ман анҷом додам, дар охираш маро ба ҳабс гирифтанд, дар қазияи Афғонистон як саҳифаи газет онро хотима намудааст. Баъди 10 рӯз зиёда аз садҳо мактуб аз созмонҳои ҳуқуқи башар аз Хелсинки аксаран Аврупо, Канада, Мексика даҳҳо кишварҳо ба унвони рӯзномаи «Коммунисти Тоҷикистон» Пшеничников хоҳиш дорем Қаландар Садриддинов аз маҳбас озод шавад, мактубҳоро ба дасти сармуҳаррири рӯзномаи Хатлон Абдураҳмонов Муқим оварда медоданд, аз ман ҷавоб мепурсиданд, ки бигӯ ман дар ҳабсхона нестам, дар озодӣ басар мебарам, ба фикрам ҳеҷ қабул намекарданд, ки ҳамоно омадани мактуб намегардид, қарори раиси Президиуми Иттифоқи Ҷамоҳирии Шӯравӣ Подгорный дар бораи озод кардани ман баромад, қарорро Милиқузи муовини прокурори вилоят ба назди ман овард. Манро гирифта ба Душанбе бурд. Чанд ҳуҷҷат пур намуданд. Нав як бор 20 рубл аз маошам гирифта буданд, ӯро баргардониданд. Ҳукмномаи судро бекор намуданд. Дигар ирсоли мактубҳо барои озод кардани ман аз созмонҳои ҳуқуқи башар мутаваққиф гардид. Акнун бубинед Ҳаракати Наҳзати ҷавонони мусалмонро ва ҳаракати озодихоҳии онро ҳама ҷаҳон дар марҳилаи шинохтан зад шикасти Русияи Шӯравӣ дар Афғонистон Ҳизби Коммунист чунон роҳгум зада буд, ки дигар ҳамаро барои худ душман месохт. Фурсати ба оянда нигаристанро надошт. Вақте ки Домулло Абдуллоҳро ба ҳабс гирифтанд пурсишҳо аз тариқи расонаҳои хабарии дохилӣ зиёд гашт, фаъолияти Наҳзати Ислом мавриди шиносоии умуми дохилӣ гардид, ононе, ки ба Наҳзат созгор набуданд, тарафи Наҳзат гаштанд, ҳама ононе, ки ба Домулло Абдуллоҳ бо шакку шубҳа менигаристанд ё бадгӯйӣ мекарданд, дигар ба ӯ чизе намегуфтанд, ӯро ба эҳтиром ёд менамуданд. Вақте ки устод Домулло Абдуллоҳ дар соли 1988ум аз маҳбас баргашт, мақом ва мартабаи волоеро дар миёни мардум доро буд. Ҳизби Коммунист давлати тоталитари Русияи Шӯравӣ бо ҳамон абарқудратиаш дар симои Наҳзати Ҷавонони мусалмон як рақиби пурқувват ва пуриқтидори худро мушоҳида менамуд. Барои нест карданаш аз беху бунёдаш нақшаҳои зиёде рӯйи даст гирифт, барои ин амалётро иҷро намудан чораҳои зарурӣ меҷуст.

Дар ин нома, ки аз тарафи «AMNESTY INTERNATONAL USA» нигошта шудааст, омадааст:
Таджикский ССР
Г. Душанбе
Коммунист Таджикистана – Главному редактору Пшеничному Б. Н
Ҷаноби Пшеничний:
Нисбати Каландар Садриддинов, ки дар Республикаи Тоҷикистон аз 1986 ба зиндон фиристода шуда буд. Бинобар он, ки ҷаноби Садриддинов аз сиёсати Шӯравӣ барои дахолаташ дар умури Афғонистон танқид намудааст, равонаи зиндон шудааст. Аз шумо хоҳиш менамоям, ки кай ва чи вақт баромадани Ҷаноби Садриддинов аз зиндонро бароям хабар медодед. Хоҳиши мо ин аст, ки ҳар чи дар тавонатон аст барои раҳоии зудҳангоми ӯ дареғ надоред.

Бо эҳтиром
Donna Scoggins
Coordinator, Group 447.

## ДУ ТАҚСИМ ВА ПОРА НАМУДАНИ ТОҶИКИСТОН БА ҶАНУБУ ШИМОЛ

Нерӯҳои мардумии ҷунбиши Ҳаракати Наҳзати Исломӣ дар муқобили сохти давлати тоталитарии комунистӣ рӯз аз рӯз шиддат мегирифт. Кулли пайравони Ислом муттаҳид мегаштанд. Маълум мегардид, ки ин нерӯҳо сар то сари Тоҷикистонро фаро гирифтаанд. Акнун метавон ҳукумати мавҷударо ба ҳар роҳе, ки бошад аз миён бардоранд. Он гоҳ ҳукумат дар ташвиш афтод, чун он ҳукумат сирф як қавм буд табиист, ки онҳоро ба таҳрик овард ва муборизаеро, ки ба хотири эҳёи суннатҳои исломӣ, фарҳанги миллӣ шурӯъ гардида буд, ба муборизаи минтақаҳо табдил доданд, чунки дар сари қудрат қисмате аз Хуҷанд шимолиҳо буданд, ин ҷунбишу ҳаракатҳоро зидди хуҷандӣ, яъне ҷануб зидди шимол муаррифӣ мекарданд, равандеро, ки метавонист мардуми Тоҷикистонро аз роҳи сиёсӣ парвариш диҳад ва ба орзуи деринааш расонад, ранги қабеҳи маҳаллӣ доданд ва арзиши муборизаро беранг намуданд. Ва дар ҳамин замина он қисмати аҳолиро, ки тамоюли маҳаллӣ ва авлодӣ доштанд ба ҷониби худ кашиданд, нагузоштанд ба ҷараёни созанда ҳамроҳ шаванд ва барои бунёди ҷомеъаи навини тоҷик саҳм бигиранд, чунки

идеологияи ҳокимгарои авлоди коммунистӣ буд, ҳокимони авлодӣ дар як ҷабҳа гирд омаданд ва ҷонибдорони худро аз қаламрави ҷумҳурӣ ҷалб намуданд ва ба моҷаро кашидани Кӯлоб аз ҳамин роҳ сурат гирифт, ки Тоҷикистон ба ду лагери азим ҷудо гардид. Аз як тараф Наҳзати Ислом ва ҳама пайравони Ислом, аз тарафи дигар Ҳизби Коммунист ва ҳокимони авлодӣ ба ҳам иттиҳод бастанд ва коммунистон дар маҳалҳо ба раванди муборизаҳои сиёсӣ оҳанги маҳаллачигӣ бахшиданд.

Мухбири «Правда» А. Мурсалиев 11.12 1993 чунин навишта буд: Ғалабаи оппозиция дар Душанбе ва Ғарм «Исломи демократӣ» ва Кӯлобу Хуҷанд тоҷику ӯзбаки саветипараст ҷудо намуд. Акнун Русияи Шӯравӣ болшевикони тундрав сад дар сад вориди амал гаштанд, мақсади ниҳоиашон ба куллӣ аз миён бурдани ҷунбиши ҳаракати Наҳзати Ислом буд. Мушоҳида намуданд, ки нисфе аз ҷамъияти Тоҷикистон ба Наҳзати Ислом гароиш намудааст. Ин миқдор ҷамъияти зиёдро чигуна аз байн мебарем. Беҳтарин роҳаш ҷанги шаҳрвандиро ба роҳ андохтанд, то ки якдигарро аз байн бибаранд.

## АВҶ ГИРИФТАНИ ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ ВА МУДОХИЛАИ НЕРӮҲОИ РУСИЯ.

Нерӯҳои Русия мустақар дар шаҳри Қӯрғонтеппа моҳи октябри соли 1992 буд, бинои ҳукумати иҷроияи собиқ вилояти Қӯрғонтеппа штаби ҳамоҳангсози тарафҳои низоъ фаъолият мекард. Намояндагӣ аз ду тарафи низоъ дар ҳамон ҷой менишастанд. Аз кадом тарафе низоъ сар мезад, ба воситаи ин намояндаҳо рафта ҳаллу фасл мегардид. Дастаҳои ҷангии Сангак ва Файзалӣ аз ҳукумати шаҳри Қӯрғонтеппа маълумот доданд, ки то Сарбанд рафтанд, авзоъ рӯ ба оромӣ ниҳода буд. Мардуме, ки дар байнашон ягон кина ва душманӣ набуд, якдигарро дар оғӯш мегирифтанд, ки ин хурсандиашон дер напоид. Мардуми шаҳр пагоҳ соати ҳафт дар назди комиҷроия ҷамъ шуданд, ба баландгӯяк навид аз сулҳу оромӣ медоданд. Як соат нагузашта буд, ки садои паронпарон баланд гардид. Ҳамин қадар фаҳмидам, ки бо снайпер дар баландиҳо ва ҷойҳои махсус ҷой гирифта, ҷамъомадагонро ҳадаф гирифтанд, гурезогурез шурӯъ гардид. Ман ҳамроҳи Қорӣ Муҳаммадҷон будам, ба тарафи хонаамон, ки дар маҳаллаи Чернишевский буд, баргаштем, то аз бозор гузаштан даҳҳо тир ба ин тарафу он тарафамон мегузашт, наздик шудем як тир ба пеши чашми Қорӣ Муҳаммадҷон гузашт, ой гуфта, сарашро хам

гирифта, гуфт: ба ман асобат намуданд, гуфтам не ба фикрам моро аз ду тараф касе дунбол мекунад, мо пастпаст ба хона расидем. Маълумот доданд, ки даҳ танк ва даҳ БТР аз полки қувваҳои руссии 201 баромада, дар атрофии шаҳр давр мезананд, ба ҳеҷ касе раҳм намекунанд. Ҳар касеро бинанд, мезананд. МВД, милисаи шаҳр сукут намудааст, ки киро мезанад ки киро мекушад намефаҳмидӣ дар ҳини баромадан аз назди комиҷроия раҳматии Азизхуҷаи шаҳид падари Мулло Азимҷон ҳамроҳи мо буд. То пеши бозор омадем. Хонаи ӯ дар пеши теппа буд. ӯ тарафи хонааш гашта, аз назди идораи милиса нагузашта буд, ки дастгираш намуданд. Додов Азамҷон, ки раиси гор отдел милисаи шаҳри Қӯрғонтеппа буд, ӯро аз идорааш зада баров863данд, дар пеши девор бо ҳамроҳии Азизхоҷа ба рӯяшон тир холӣ намуданд, ки ҳар ду дар ҷояшон шаҳид гаштанд. Ман дар хона мондам Қорӣ Муҳаммадҷон гуфт: Вазъиятро хеҷ ташхис карда натавонистем, то ташхис шудани вазъ ман ҳозир ба деҳаи Заргар, ба хона меравам, бехабар аз ин ки дар роҳаш душман камин гирифтааст, Қорӣ Муҳаммадҷон дар мошини Волгаи газ 21 дар се километрӣ ба деҳоташон расидан аз ҷониби Ғулом гуфтани шахс, ки ба ӯ тоза дӯстиву рафиқӣ дошт ва фарзандонашро ном монда буд, бо туфанги Макаров ӯро ҳадаф қарор медиҳад, тир ба дасти чапаш асобат мекунад, ба чархҳои мошин мезанад, як чарх пуч мегардад. Ҳамон хел мошинро идора карда ба хонааш меравад. Худованд наҷоташ медиҳад. Ман баъди як соат аз рафтани Қорӣ Муҳаммадҷон хостам аз хона баромада равам, дарвозаро хостам кушоям. Дидам як БТР дар пешаш СНГ навишта шуда, аз полки қувваҳои низомии Русия мустақар дар шаҳри Қӯрғонтеппа ба тарафи дарвозаи мо нишон гирифтагӣ, ман оҳиста дарвозаро пӯшида қафо гаштам, ки садҳо тири Калашник ба тарафи хона холӣ карда шуд. Чанд тири БТР ба девори хона асобат намуд. Гови ҳамсоя Ғозибег дар берун буд, ба ӯ асобат намуд, дар ҷояш ҳалок гардид. Аз он тарафи роҳ корхонаи таъмири хонаҳо бародар Абдусалом барои муҳофизати ман дар сари девор баромада хост БТРро ба гранатамиёт бизанад, ба ҷое ки ӯро ба сари китфаш монад ба шонааш монд, БТРро ҳадаф мегирад, оташи гранатамиёт аз болои БТР гузашта меравад, ба БТР асобат намекунад. БТР тирпарониро монда, қафонокӣ роҳи гурезро пеш мегирад. Ба дари пушт аз хона баромадам, он чизе аз давлату дорой доштам, гузоштам. Баъди панҷ сол аз ҳиҷрат баргаштан аз чордаҳ хонаи шишт ҳатто зердевори хонаҳоро наёфтам. Чунин бархӯрди нерӯҳои Русияи

Шӯравӣ бе ададу бе шумор сурат мегирифт, ҳеҷ касе ба додат намерасид.

## ҶАНГИ ХУНИНИ ПУШТИПАРДАГИИ РУСИЯИ ШУРАВӢ БО ҲАРАКАТИ НАҲЗАТИ ИСЛОМИИ ТОҶИКИСТОН.

Русияи Шӯравӣ дар Афғонистон бо шикасти низомӣ, сиёсӣ ва буҳрони иқтисодӣ гирифтор гардид. Дар вақти бозгашт чун дид дар Тоҷикистони ҳамсарҳади Афғонистон он нерӯи бузурге, ки ӯро базону даровարда буд, сабзида аз он ҳам бузургтар доман паҳн намудааст. Бо тамоми роҳҳои иртиботӣ таҳқиқ намуд ва дид, ки азамату бузургиаш аз афғонҳо болотар аст. Наҳзатиҳоро бо ҳамроҳии ҷонибдоронаш ба се миллион тахмин мезаданд, ҳол он ки дар Афғонистон се миллион мардуми мулкии мухолиф надошт, ба шикаст мувоҷеҳ гардид. Фикр намуд: агар имрӯз ҷангро ба роҳ наандозам фардо дер мешавад, аз ин ҳам бузургтар мегарданд ва дигар наметавон пеши роҳашро гирифт. Митинг ташкил намуд ду майдонро рӯйи кор овард, чун дид, ки бо ҳам намеҷанганд ба онҳо силоҳ дод, то биҷанганд, саду панҷоҳ ҳазорро аз миён бурданд ва ҳеҷ не ки кам шаванд. Бародар бо бародарро ба ҷони якдигар андохт, ҳеҷ не ки душман шаванд. Мардумро бо танку тӯп аз он тарафи дарёи Ому гузаронид, аз он мардуме ки онҳоро ҷилои ватан гуреза ва муҳоҷир намуд, то ки бар нагарданд, муҷоҳид сабз кард. Онҳо пай бурданд, ки дигар мо ғариб нестем, бо амри Худованд ба дасти душман моро ба висоли дӯст пайваст, якдигарро дар оғӯш гирифтанд, ашк резониданд, бӯйи бародарӣ бо гузашти сад сол то ҳанӯз аз байн нарафта буд, бӯйи муҷоҳид сарҳади симхори подшоҳи Николаи рус, ки дар соли 1895 ду бародарро аз ҳам ҷудо намуда буд, дар ҳадди 1300 км аз байн рафт, ки намегузоштанд паранда дар болояш пар занад, муҷоҳидини тоҷик худро аз рақами даҳ ҳазор боло дарак медоданд, муҷаҳҳаз бо фунуни пешрафта ва ҷангафзори муосири имрӯзаи аврупоӣ дар чанд саҳнае барои озмоиш ба муҷоҳидини тоҷик даргир шуданд. Муҷоҳидин дастболо шуданд ва бо талафоти зиёди ҷонӣ ақиб нишастанд, танку ҳавопаймо ва силоҳҳои вазнин дар ҷанги фарсоиш ба дарди касе намехӯрд. Ғарбиҳо шигифтзада буданд барои русҳо. Бухорои Шариф дар рӯзгори худаш дар миёни давлатҳои Шарқӣ хеле қудратманд ба шумор мерафт. То соли 1866 ҳама давлатҳои қудратманди Шарқ аз ҷумла Афғонистон ба дасти аврупоиҳо чандин бор шикаст хурда, ҳатто Рум, империяи Усмониро ором нагузоштанд, лекин аз Бухорои Шариф, ки пойгоҳи

родмардони таърих буд, ибо мекарданд. Русҳо натарсида, мисли заҳрпечак ба Бухоро аз ҳар тарафаш часпиданд, дар мавриди муносиб дар соли 1866 онро аз пой даровარданд, Ғарбиҳо аз суқути Бухоро хуш буданд, зеро аз ӯ бим доштанд. Нохушиашон аз он буд, ки ба қудратмандии Русия тардид доштанд. Шарқи исломи Эрони сафавӣ, ки Фатҳалишоҳи Қоҷор (асри XIX) ғолиби руси тизорро сутуд ва нафаси тоза кашид ба сесаду панҷоҳсола ҷанги Эрони сафавӣ ва Бухоро хотима бахшид. Баъди созишномаи имзои сулҳи нангин Амир Музаффариддин, амири Бухоро ва Русияи тизор чор ҳазор зиндонии эрониро аз маҳбасҳои Бухоро озод кард. Русҳо ва эрониҳо дар ҳама қаламрави Хония озодона ҳар коре мекарданд, ба онҳо иҷозат буд, ҳатто аз эрониҳо Остонақул дар Арки Бухоро, дар аҳди Амир Абдулаҳад ба тавсияи русҳо ба мақоми вазорат расид, лекин мардуми Бухоро ҳанӯз ҳам шумии Сафавиҳои Эрон дар дил доштанд, аз ин рӯ дар Бухоро қиём намуданд, ки дар натиҷа чанд нафар ба ҳалокат расид ва Остонақулро аз вазорат дур намуданд. Амир Абдулаҳад дар Кармина буд ӯ ҳам ба ҳамин дарди ноором҃ ҷон дод.

Дар соли 1993 Ғарб аз эҳёи Ҳаракати Наҳзати Исломии тоҷик дар лаби Ому, ҷануби Бохтар ба ҳайси рақиби абарқудрати Русияи Шӯравӣ зуҳур намуд. Ҷойи ёдоварӣ аз мақолаи Ҳолвелд, ки дар маҷаллаи олмонӣ 11 марти соли 1872 таҳти таҳрири тоза дар Осиё Миёна рӯйи чоп омадааст, чунин баён шуда: "Замоне таърихи Бухоро ба поён мерасад, ки ин сарзамини куҳан ва дурдасти Осиё гоме дар роҳи дониши кунунӣ гузошт аз замоне ки парчами Русия дар болои арки Самарқанд ба иҳтизоз даромадааст андешаҳои тозаеро фаро мегирад, садсолаҳо лозим ки боз ҷойи худро бигирад вале аз нигоҳи Ғарб чунин гумон карданд ки ҳамон рӯз фаро расидааст, аз ҳамин ҷиҳат ба шигифт омадаанд"

Дар соли 1994 Русия ин Ҳаракати Наҳзати Исломи Тоҷикро ба расмият шинохт, омодаи музокира гашт, ба муҷоҳидини афғон бо тамоми қувваи доштааш ҷанг намуд, аз дасти онҳо шикаст хӯрд, лекин онҳоро ба расмият нашинохта буд. Ҷумҳурии Исломии Эрон баъди Ризошоҳи Паҳлавӣ, ки бо баъзе шеваҳои Сафавиён арҷ мегузорад, дар тафаккури зеҳниаш гумон кард ин мабодо ҳамон амир Абдуллохони Валии нимаи асри шонздаҳи Бухоро бошад. Ҳаракати Наҳзати Ислом дар Тоҷикистон то соли 1992 аз масоили мазҳаби Эрон ҳеҷ огоҳӣ надошт садои Хуросонро гӯш мекард, масоили динӣмазҳабӣ умуман камтар пахш мешуд, масоили сиёсӣфарҳангӣ ва иҷтимоӣ хеле

барнома дошт, лекин аз масоили сиёсӣ ва диниаш чизе бардошт карда наметавонистем. Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ягон соҳа ба Наҳзати Ислом робита надошт. Аз Омударё он тараф шудем, Ҷумҳурии Исломии Эрон пайдо шуд, то он ҷо намояндаҳояшон рафтуо менамуданд, ки хаёл кардем ҳама кӯмакҳои башардӯстонаро дар Афғонистон пеш аз ҳама барои мо хоҳанд расонид. Лекин ягон кӯмаки молии ғизоиашро барои муҳоҷирин надидем. Дар ҳамон рӯзҳои сахти моҳи декабр сад ҳазор муҳоҷир бо таъмини хӯрок ва ҷойи гарми доимӣ ниёзи мубрам доштанд, вале ин намояндаҳо ба ҷои он, ки дар садади кӯмаки ин муҳоҷирони гурусна ва сармохӯрда бошанд, аз пушти шахсияти устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ мегаштанд, яъне ҳадаферо дунбол мекарданд. Тавонистанд муносибати худро бо устод Нурӣ барқарор кунанд, он кумаке, ки карданд хос ба шахсияти ӯ буд. Чунонеки қаблан ёдовар шуда будам, Ҳаракати Наҳзат аз ҳамон аввали ибтидо аз таърихи Бухоро, Эрон ва суқути Бухоро, аз омилҳои ба ин масоиб домангир шуда маълумоти аниқе, ки бароямон дархур бошад надоштем, огоҳии камтаре доштем, ки кофӣ набуд.
Устод Сайид Аблуллоҳи Нурӣ шахсияте буд, нотакрор, шахси имондор, ботақво, дурандеш, ботамкин, дилкушо, хайрхоҳ, олими масъулиятшинос. Хеҷ касе мисли ӯ набуд, миннат бар касе намегузошт аз ҳама зиёдтар раҳмдил буд. Эрон, ки шарики стратегии Руссия буд, аз раҳмдилии устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ пай бурд, миёни Россия ва Ҳаракати Наҳзати Ислом зоҳиран нақши миёнҷиро ба уҳда гирифт, ба мисли Ҷумҳурии Исломии Эрон дар минтақа касе ба фоидаи Руссия аз уҳдаи ин кор баромада наметавонист. Русия наметавонист бо худи шахси Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, ки азоби зиндонҳояшро кашида буд, бо гуфтушунид ризо шавад. Русия дар бораи Ҳаракати Наҳзати Ислом бо қувваи дифоъӣ ва низомии он ва тактикаи бархӯрд ба он аз Ҳаракати озмоишии он мавқеъият ва теъдоду ҳаводорон, ҳатто қувва ва тобоварии онҳоро дар муқобили рақибашон медонист. Ба хубӣ огоҳӣ ёфта буд, ки ҷангафзори пешрафтаи Ғарб ба воситаи муҷоҳидини Афғон мусаллаҳанд. Дар соли 1996 қувваи муҷоҳидини тоҷик аз ҷиҳати теъдод болотар буданд, муҷоҳидини афғонро дар кулли Афғонистон ба 6 – 7 ҳазор тахмин мезананд, дар аввал ба силоҳи хуб муҷаҳҳаз набуданд, баъдтар таъмин гардиданд, ки саду бист ҳазор нерӯи аскари Шӯравӣ дар муқобили онҳо тобу тоқати ҷангро аз даст дод, шикаст хурд ва қафо гашт руҳшикаста гардид. Қувваи размии муҷоҳиди тоҷикро ба даҳуним

ҳазор рақам мезаданд, панҷуним ҳазораш аз таълимоти хуби низомӣ гузашта буд, ба навтарин ҷангафзори ғарбӣ муҷаҳҳаз буданд. Аскару афсари Русия дар ҳоли рӯҳафтодагӣ ва варшикастагӣ аз Афғонистон баргашта, тоқати бархӯрд ба муҷоҳидини тоҷикро надошт. Дар барномаи хеш сулҳу созиши якҷонибаро беҳтарин роҳи ҳалли худ медонистанд. Ҷумҳурии Исломии Ирон ағлаби вақт устод Сайид Абдуллоҳи Нуриро нигоҳ медошт. Ризвон, ки ӯро наёмник ё зархариди Русия медонистанд, дар Афғонистон буд ва ба Наҳзати Ислом ва сарони Наҳзат хусумат дошт. Аз шарри ин ҷинояткор қисмате аз одамон меҳаросиданд. Ризвон аз тарси муҷоҳидини тоҷик натавонист ба Тоҷикистон баргардад. Аз шимоли Афғонистон ӯро пеш карданд, лекин Аҳмадшоҳи бузург ба кадом хотире ӯро дар ҳимоят гирифт. Устод Сайид Абдуллоҳи Нуриро мехостанд диду боздидашро ба назди муҳоҷирин ва муҷоҳидин коҳиш диҳанд. Дар солҳои 1996 – 1997 барои рафтани устод ба шимоли Афғонистон монеаҳои сунъӣ эъҷод мекарданд, то ки аз вазъи хуби муҳоҷирин ва аз қудрату иқтидори размандагони муҷоҳидин аз пеш огоҳӣ наёбад. Устод ҳама чизро медонист, хабаре аз пушти парда аз рӯйи бардошт мегӯянд, агар аз пеш ба чашми худ медид боварӣ буд, фикраш дигар мешуду аз таҳдиди рақибаш ибо намекард, фиребашон камтар мешуд. Аз 4уми апрели 1994 то 7уми ноябри соли 1997 рус бо ёваронаш ҳаждаҳ маротиб сари мизи музокира нишастанд, панҷ маротиб дар Маскав, ҳашт маротиб дар Теҳрону Машҳад, Ҷумҳурии Исломии Эрон, як маротиб дар Кобул дар Хусдеҳ. Сайид Абдуллоҳи Нурӣ пофишориҳои зиёд менамуд, на ҳамаи ҳарфашро мегузаронид, чунки ҳама танзимкунандагони сулҳ аз як ҷониб буданд, аз маконҳои баргузории ҷаласа нафарони ҷонибдори русҳо буданд. Устод Сайид А.Нурӣ. худро танҳо меёфт, ин кори осон набуд 1+6 аз ҳаждаҳ вохӯрӣ яктоаш дар шимоли Афгонистон гузашт, дигараш дар Теҳрон, Маскав 1+17. Дар соли 1997 баъди мулоқоти Хусдеҳ дар Маскаву Теҳрон сари мизи музокира нишастанд. Шарофати музокироти Хусдеҳи Афғонистон чи буд, номаълум, зеро дар ҳашт моҳи баъд ҳар моҳ онҳоро ба пои мизи музокира кашонд. 27-уми июни соли 1997 созишномаи ниҳоии барқарории сулҳ ба имзо расид. Бозгашти муҳоҷирин камкам шурӯъ гардид. Муҷоҳидин ба масоили сулҳ ва гуфтушунид тардид доштанд, қисме пештар ба қисмати Шарқ то ҳафт километри Душанбе расида буданд, ба чанд гурӯҳ тақсим шуданд, аммо дар ҳадаф иттифоқ буданд. Толибон дар он замон ҳамаи

Афғонистонро ба тасарруфи худ даровარданд. Баъди гуфтушунидҳои зиёд ду моҳ баъди ба имзо расонидани Созишномаи сулҳ корҳо суст ба пеш мерафт. Дар 11.07.1997 боз ба Маскав рафтанд. Комиссияи Оштии Миллӣ таъсис ёфт, дар 3.08.1997 устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ баъди раис таъин шуданаш қарори пароканда кардани муҷоҳидоне, ки ба ӯ тааллуқ доштанд, содир намуд, лекин торикӣ ҳамаро фаро гирифт. Баъд устод Нурӣ дар 11.09.1997 ба Душанбе омад ва дар Комиссияи Оштии Миллӣ корро шурӯъ намуд. Кори Комиссия Оштии Миллӣ безарар гардонидани муҷоҳидини тоҷик буд, тавре ки мебоист ин масъала ҳалли худашро то нуқтаи охирин расонида натавонист. Дар ҳар куҷое ки бошанд хостанд рақами зиёд дар ҳолати муносиб имкон дорад дарди сар биофаранд. Банди ҳуқуқ ҳам марбут ба муҷоҳидин буд, ҳарчи ки дар ҳаққи онҳо карданд хуб карданд ё не, касе ҳам ба доди онҳо нарасид. Гузашти замон ҳамаро ором намуд. Дар рӯзгори муҳоҷирин китоби алоҳида бояд навишт. Дар бандҳои созишномаи сулҳ дар ҳашт музокироте ки дар Теҳрон гузашт, масоили динӣ дохил карда нашуд, ки борҳо аз сухани устод Сайид А.Нурӣ. шунида будем, ки масоили динӣ дар феҳрасти аввали созишнома бояд ҷой бигирад, таълимоти динӣ, масоҷид, мадорис ва дар ибодат ва инкишофи дини муқаддаси Ислом ва ба мо таъаҳҳуд бидиҳанд, ки монеъа ва дахолат намекунем ва банди дигар ин ки вақте мо ба Созишномаи сулҳ имзо гузоштем, ҳар чизе ки буд дигар гузашт, ба якдигар наву хусумат намеварзем, инро ҳам дохил накарданд ва бандҳое ки дар Коммиссияи Ошти Миллӣ аз тарафи Ҳукумат пешниҳод намуданд, ин буд, ки дар масоҷид сухани сиёсӣ гуфтан ҳам аз тарафи аҳзоби сиёсӣ ва ҳам аз тарафи Ҳукумат манъ, ягон ҳизби дар масоҷид ва мадориси динӣ ба ташаббускорӣ дар бораи масҷид кушодан ё ин ки масҷид бино намудан манъ, манзурашон ҲНИТ буд, лекин ҳама аъзоёни КОМ ба ин пешниҳоди ҷониби Ҳукумат ягон вокунише нишон надоданд, ӯро қабул намуданд. Дар гӯшаи хотири аъзоёни КОМ наомад, ки масоили диниро ба мисли ҳукуматиҳо пешниҳод менамуданд, қабул ё радди он ба дӯши ҳукуматиҳо меафтод, ҳол он ки ҳукуматиҳо аз масоҷиду мадорис дар корҳои сиёсӣ ва раванди интихоботҳо ба ҳар намуде, ки мехостанд, истифода мебурданд. Ҳеҷ касе ҳаққи монеъа шуданро надошт, Ҳизби Наҳзатро нигоҳ мекарданд, ки ба кадом масҷиде нараванд, имомхатибе ё ин ки имоми панҷвақта ё ин ки сухан нагӯяд. Комиссияи Оштии Миллӣ кори худашро ба поён расонид. Қиёмиддин Сатторӣ аз устод Сайид

Абдуллоҳи Нурӣ савол мекунад, оё ҳама бандҳои созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон пурра татбиқ шудаанд?
Устод Нурӣ ҷавоб медиҳад: "Ба ростӣ ҳамаи бандҳои созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар амал татбиқ нашуданд, саҳмияи сӣ фоиза дар сатҳи мақомоти боло сад дар сад татбиқ шуд, дар сатҳи ҷойнишинон ва вазоратҳо панҷоҳшаст фоиз ҳал шуд, дар сатҳи раисони вилояту ноҳияҳо чилпанҷоҳ дар сади масъала ҳалли худро ёфт".
Агар аз боло ба поён ҷамъ намоем ҳамагӣ панҷоҳ фоиз аз сӣ фоиза агар онро ду қисмат намоем понздаҳ фоиз, ба ҳамаи ҳамин устоди бузургвор сабр мекард ва тоқат менамуд, чизеро мекардем интизор буд. Дар аввали соли 2000 ум дар интихоботи президентӣ номзадӣ пешниҳод накард. Тамоми қудрате ки дар тавон дошт дар 27.02.2004ум интихоботи вакилон ба маҷлиси намояндагон ба маҷлисҳои маҳаллӣ сарф намуд. Бисёр ҳам дар як тангное қарор дошт, ки аз як тараф одамоне буданд, ки сабабгори ноамнӣ, аз тарафи дигар ба бекифоятии сулҳ мувоҷеҳ будем. Буданд шахсиятҳое ки ӯро асосгузори ваҳдати миллӣ мегуфтанд, боварӣ дошт, ки бародарон зиёдатар ба маҷлиси намояндагон роҳ ёбанд. Ҳизби Наҳзат мавриди эҳтироми дӯстон мегардад, ба ивази ҳамон қадар харҷу меҳнатҳои зиёд ҳамагӣ ду курсӣ доданд, ки бештари овозҳоро гирифта буданд. Устод бениҳоят хаста гардид, табиъаташ озор ёфт, маҷоли сухан гуфтан надошт. Матбуот ва расонаҳои хабарии дохилӣ ва хориҷӣ ҷуз Русия ва Ҷумҳурии Исломии Эрон таҳлил ва кофтуков мекарданд.

## РЕҲЛАТИ УСТОД САЙИД АБДУЛЛОҲ НУРӢ

Раҳмдилии устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ. ба дараҷае буд, ки мегуфт ман ба бист фоиз сӣ фоизи саҳмия он қадар арҷ намедиҳам, сулҳу дӯстӣ барқарор шавад, он бисту сӣ фоизаҳоро бе ягон мушкилӣ ба даст меорам. Аз ин натиҷаҳо ва бархурдҳои сиёсӣ огоҳ шуд, ки рақибон бар мо дар ҳама созишу сулҳ ба дасти чапашон даст доданд, мо надонистем, ҳоло ҳамон рақибамон Русия ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ва тазминкунандаи сулҳу оштӣ, ки моро ҳаждаҳ маротиб ба пушти мизи музокира ва сулҳ кашиданд, мизбонии онро ба уҳда гирифтанд, имрӯз моро дар қафас ҷой карда аз дур аз пушти парда менигаранд, ба замми ҳамаи ин худро кафил ва тазминкунандаи сулҳ ба уҳда гирифта буданд. Устод акнун пай бурд, ки дар симои мо

рақиби як қудрати ҷаҳони Русияро медиданд, ин қадар диду боздидҳо аз Аврупо, Осиё ва Осиёи ҷанубу шарқ ба назди устод меомаданд. Аз ӯ мепурсиданд, ӯро меомӯхтанд, ӯро даъват менамуданд. Шахсияти ӯ дар мадди назари аҳли сиёсат ва сиёсатмадорон буд, то имрӯз пажуҳиши ӯ ба охир нарасидааст. Шебу фарозҳои сиёсӣ устод Сайид Абдуллоҳи Нуриро бисёр хаста карда буд, ба замми ҳамаи ин мардум ва ҷонибдоронро ба сабр ва таҳаммул даъват менамуд, доимо ин суханро мегуфт: "Шумо коре накунед, ки чархи иқтисодро бо ҷойи суръат муътал кунед" Супориш аз кадом тараф буд, аъзоёни ҲНИТ ва ҷонибдорони онро на дар корҳои маъмурӣ ва на дар корҳои тавлидоти санъат ба кор қабул намекарданд, муаллим кор кардан ҳам барои онҳо монеъа мешуд, ба замми ҳамаи ин монеъаҳо ва фишорҳо дар соли 2006ум аз устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ савол мекунанд, ки системаи ба обтаъминкунии шаҳри Душанбе маҷрои қубурҳои обро дуруст ба роҳ андохта наметавонанд, устод дар ҷавоб мегӯяд ин миқдор маблағе ки давлат барои обтаъминкунӣ ҷудо шудааст, агар онро ғайри қонунӣ нобуд накунанд, он пулро дар ҳамин соҳаи обрасонӣ харҷ менамуданд, ҳама хуб мешуд, манзураш ҳамин буд ки як иншоотро лоиҳа пешниҳод наменамоянд, аз рӯйи ҳамон лоиҳа барои шумо пул ҷудо мекунанд, ба ҳамон пул ҳамон иншоотро ба сифати баланд ба итмом мерасонанд, вақто ки ба итмом нарасид, пул бо роҳи гуногун нобуд шудааст, ба даъвои раёсати обтаъминкунӣ гӯйё моро пулхур туҳмат намудааст, ин сухани хабарӣ буд, шарм надошта алайҳи устод Абдуллоҳи Нурӣ парванда кушода ӯро борҳо пурсуҷӯ намуданд, ки бояд исбот намояд. Ҳарчанд раёсати обрасонӣ мегӯяд, ман ягон даъво надорам, гӯш намекарданд, мехостанд обрӯ ва шаъну шарафи домуллоро ба як гапи кӯча аз миён баранд. Домуллои бузург ин ҷаҳони пурғурурро ба ин гурӯҳ супорида, рафт. Пас он парвандаро хобониданд. Бемории устод авҷ гирифт, президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон тавсия дод ӯро ба кишвари Олмон баранд. Ду бор ба он ҷой рафт, бори дуввум ҷарроҳӣ карданд, хеле вазнин баргашт. Устодро аз фурудгоҳ то хонааш ёрону дӯстон ва пайравон пешвоз гирифтем. Таги ҳазор одам дар ҳавлии зисташ аз ҳамон баландии зинаҳо бо ҳамон бадани дардманд ду нафар аз шонаҳояш мебардоштанд, бо як овози ширини маҳини борик сухан мегуфт, ки аз сӯзиши дард дарак медод. Дар миёнамон, ки он як минбаре буд, охирин ва хатми суханаш аз минбар дар ҳузури одамон бо мардум ва ёру дӯстон чунон сухан гуфт, ки фикр мекардӣ алвидоъ мегуфта

бошад. Дар ҳар калима гуфтан дар охираш иртиҳоби шуш, нафаскашӣ калимаи ӯро ба пурра кардан монеъ мешуд. Чанд дақиқае таваққуф менамуд, ҳама ҳозирин бо як овоз мегиристанд. Дар он рӯз ба он ҷамъомадагон чунин гуфт: "Чи тавре ки мебинед, Худованд маро ба дидори шумо дӯстон расонид, танҳо дар ҳаққи шумо дуъо мекунам, ин эҳтироме, ки шумо дар ҳаққи ман доред ба ҳамаи шумо ташаккур мегӯям, ин роҳе ки шумо дар пеш грифтед роҳи Худо ва Расули ӯст. Ман ҳар чизе, ки дар тавон доштам, кардам то ин зина расидем, шумо маро дида истодаед" Ҳама пастпаст мегиристанд, боз гуфт:
"Шумо масъулиятшинос бошед, бо якдигаратон меҳрубонона рафтор намоед, ҷавонмард бошед. Ба ҳар фитна ва дасиса худро олуду насозед". Дар давоми суханҳояш аз президенти кишварамон бисёр ситоиш намуду гуфт: "Дар кишвари мо чунин ҷавонмардоне ба мисли президентамон Эмомалӣ Раҳмон ҳастанд, дар бемориам ба ман кӯмак расонид, бо тавсияи ҳамон кас маро ба Олмон бурда, бистарӣ намуданд, ба чунин ҷавонмардон бояд эҳтиром гузошт". Баъди як ҳафта дар бистари беморӣ дар синни панҷоҳунуҳсолагӣ 9уми августи соли 2006 ҷаҳони фониро тарк гуфт ва ба висоли Ҳақ пайваст. Дар ташрифи ҷаноза, ки хостанд онро тез гузаронанд, то намози зуҳр аз шаҳри Душанбе ононе ки ба зудӣ огоҳӣ ёфтанд ва аз ноҳияҳои атроф: Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва Қаротегин то соати 10 касе омад ба ташрифи ҷаноза омад, баъд манъ намуданд, дар шаҳри Душанбе аз чор тараф роҳи мошинро манъ намуданд. Ба замми ҳамаи ҳамин монеъаҳо аз сафи намозгузорон дар намози пешин ҳисоб намуданд, 32 ҳазор одам иштирок дошт. Ҳама олимони саршинос, муридону мухлисон ва ҳаводорон мардуми омма иштирок доштанд. Раёсати баргузории ин чорабиниро Раиси Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Тоҷикистон, мири шаҳри Душанбе Маҳмадсайид Убайдуллоев ба уҳда дошт. Пеш аз намози ҷаноза ба сухан баромада гуфт, ки ҷаноби олӣ, президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар сафари хидматӣ дар хориҷ мебошанд. Ман ба он кас занг задам ва ӯ таъзияи худро ба аҳлу оила ва пайвандони устод расонид, баъди чанд дақиқа аз фаъолият ва кори устод аз аввал то имрӯз гуфту, ягон таърифу тавсиф накарда, хотима доду рафт, то вақти бардоштани ҷаноза наистод. Баъд Муҳиддин Кабирӣ риштаи суханро гирифт. Бисёр ботамкин, олимона сухан гуфт, ки ман то нафасҳои вопасини устод дар сари болинаш будам, ба ман чанде сухан гуфт, баъд дар ман нигарист, фаҳмидам, ки устод омодаи сафар гаштаанд. Мо имруз беҳтарин ва арзишмандтарин

шахсро ба саройи охират гусел мекунем ва таҳсинҳо намуд. Ононе ки суханронии Муҳиддин Кабириро шуниданд, оби чашм намуданд. Баъд раҳматии Мирзо Зиё, ки вазири ҳолатҳои изтирории ҶТ буд, бо нафарони худаш тобути ҷанозаи устодро ба тартиб ба пеши намозгоҳ овард. Маслиҳат шуд, ки нури чашм писараш Қорӣ Муҳаммадҷон пешнамози ҷаноза шавад. Ӯ пешнамоз шуд ва ҷанозаи устод Сайид Абдуллоҳи Нуриро дар қабристони умумии шаҳри Душанбе – Сари Осиё ба хок супориданд, ки то имрӯз зиёратгоҳи наздикон, шогирдон ва ёру дӯстон мебошад.

***Эй чархи фалак, харобӣ аз кинаи туст,***
***Бедодгарӣ шеваи деринаи туст.***

***Эй хок, агар синаи ту бишкофанд,***
***Бас гавҳари қимате ки дар синаи туст.***

Дар охир, хонандаи гиромӣ, таманнои дуъоҳои оҷизонаи шуморо дорем. Китобе, ки дар даст доред, мумкин аст аз айбу нуқсон орӣ набошад чи аз хатоҳои техникӣ бошад ва чи аз мафҳуми маъонӣ он аз якояки шумо азизони хонанда пӯзиш металабем. Зеро санаи чиҳилсолагии ҲНИТ хело наздик буд, каме бошитобзада рӯйи китоб кор намудем. Иншоаллаҳ дар нашрҳои баъдӣ бо пешниҳоди холисонаи шумо ин саҳву хатоҳоро ислоҳ хоҳем намуд. Худованд ҳамаи моро зери раҳмати Худ қарор бидиҳад. Омин!

**МУНДАРИҶА**


Пешгуфтор 3
Наҳзатҳои исломии мардуми мусалмони Мовароуннаҳр,аз ҷумла ҲНИТ дар қаламрави Бухорои Шариф*(зиёда аз як сада то имрӯз)* *10*
Шӯриши ноком 13
Сабзиши фирқаи ҷадидия ҷавонбухориёни Бухоро дар аввали асри 19ум 14
Омилҳои ба садама дучор шудани ҷавонбухориён: 16
Омилҳои ба вуҷуд омадани ҷунбиши ҷавонбухороиён 19
Назаре ба ҷавонбухароиён аз ҷиҳати синфият ва миллият дар Бухоро 23

Фоҷиаи башарӣ баъди суқути дубораи Бухоро
ба дасти болшевикони рус дар соли 1920 26
Фоҷиъаи дигари башарӣ Ҷанги Дуюми Ҷаҳон 27
Дарсгӯйии олимон 29
Аввалин бедоркунандагони илму маърифат
дар Тоҷикистон 29
Яке аз пешвоёни тариқаи Нақшбандия пешвои
тариқаи сӯфия дар Тоҷикистон 31
Эшони Тӯраҷон раҳматуллоҳи алайҳ 31
Чӣ чизҳо муҷиб шуд, ки ҳаракати тоза ё созмонро
дар муқобили низоми секуларӣматериалистӣ ба
вуҷуд биёрад? 32
Сахтгирии давлат нисбат ба дин 33
Манъи ширкати диндорон дар корҳои сиёсӣ 34
Таҳқири мардони дин ва резонидани обрӯйи онҳо 34
Таблиғоти зиддидинӣ аз тариқи радио ва телевизион 36
Манъи нашри китобҳои динӣ ва маҷаллаву рӯзномаҳо 39
Таҳқири хат ва забони модарӣ 42
Таҳриф ва тахқири таърихи ватан 43
Бархӯрд бо Мавлавӣ Муҳаммадҷони Хуқандӣ 45
Омадани Қорӣ Муҳаммадҷон аз Андиҷон ва таъсиси
Созмони «Наҳзати ҷавонони исломии Тоҷикистон» 47
Реҷаи дарсӣ 51 *Ҳоҷӣ Қаландар Садриддинзода*
Махсуми Мулло Абдуррозиқ (1932) 52
Дигар бародари фидоӣ Махсуми Садриддин 52
Домулло Муҳаммадрасули Салом 53
Мулло Абдуллоҳи Додихудо ё Абдуллоҳи хурдӣ 53
Мардони баномуси Ватан 54
Уламо чӣ мегӯянд 55
Вохӯриҳо бо Домулло Асомуддин 57
Кушта шудани Президенти Афғонистон Муҳаммад
Довуд 58
Мавлавӣ Муҳаммадҷони Хуқандӣ 61
Сафари камина ба водии Фарғона бо ҳамроҳии
Қорӣ Муҳаммадҷон (1984) 61
Ҷадвали дарсии ҷавонон, даъвати ошкорои онҳо баъзей
бузургони куҳансолро ба ташвиш овард 66
Мулло Давлатхӯҷаи Усмон 70

Домулло Абдурраҳим 70
Домулло Аҷикуллоҳи Шаҳиди Себистонӣ 70
Мулло Ҳомидхуҷа 72
Эшони Сайидқиёмиддини Ғозӣ 72
Мулло Муҳаммадёқуби Ёрибек 75
Шаҳодати бародарзодаам дар Вуҷунги Тавилдара 76
Ғазале аз Туғрал 81
Мулло Садриддини Шаҳид 82
Мулло Абдуғаффор 82
Домулло Муҳамадқосими Абдурраҳим 87
Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода 92
Баъзе аз корнамоиҳои Акбари Тӯраҷонзода 93
Домулло Муҳаммадшарифи Ҳимматзода 98
Сайидумар Ҳусайнӣ 107
Баъди вожгун кардани Ризвон 115
Баъзе аз хотироти Ҳироти Афғонистон 116
Қатли омми мардуми Вахё дар ноҳияи Панҷ аз дасти болшевикони тундрав дар моҳи декабри соли 1992 121
Мақтаъи таърихии мушобеҳ 125
Тарҳи созиши ҷунбиши Наҳзати исломӣ 127
Шуруъи раванди музокирот доир ба созиш 131
Роҳбарияти Наҳзати Ислом дар ду тур афтод 132
Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва Оштии Миллӣ дар шаҳри Маскав 135
Муҳоҷирини Компи Сахӣ хоҳиши ба Ватан баргаштанро надоштанд 136
Ҷомеъа ва ислом 143
Ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон исломро ба мардуми Тоҷикистон ва берун аз он шиносонид ва ҷозибаашро дар дунё паҳн намуд 147
Ду тақсим ва пора намудани Тоҷикистон ба ҷанубу Шимол 154
Авҷ гирифтани ҷанги шаҳрвандӣ ва мудохилаи нерӯҳои Русия 156
Ҷанги хунини пуштипардагии Русияи Шӯравӣ бо ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон 158
Реҳлати устод 166
*Ҳоҷӣ Қаландар Садриддинзода* 174

Номи китоб: **сабзиш, лағжиш ва пешрафт**
Муаллиф: **Ҳоҷӣ Қаландар Садриддинзода**
**Муҳаррир : С. Шарифов**
**Мусаҳҳеҳ: П. Иброҳимзод**
**Тарроҳ: М. Комилзода**
Китоб дар матбааи «Муаттар»
ба нашр расидааст:
Адади нашр: 300